# МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ
# ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР
# БА НОМИ НОСИРИ ХУСРАВ


*Бо ҳуқуқи дастнавис*


ТДУ: 101.1:316 (575.3)
ТБК: 87.6 (2-тоҷик)
Я-87



**ЯТИМОВ СОБИРҶОН РУСТАМОВИЧ**


## НАҚШИ ВАО ДАР ШАРОИТИ ИНКИШОФИ ИҶТИМОӢ – СИЁСИИ ҶОМЕАИ ТОҶИКИСТОНӢ: ТАҲЛИЛИ ИҶТИМОӢ – ФАЛСАФӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа**
**аз рӯйи ихтиссоси 09.00.11. – Фалсафаи иҷтимоӣ (илмҳои фалсафа)**


**Роҳбари илмӣ:**
доктории илмҳои фалсафа,
профессор Маҳмадизода Н.Д.


**БОХТАР - 2024**

# МУНДАРИҶА

**РӮЙХАТИ ИХТИСОРАҲО........................................................................3**

**МУҚАДДИМА ..........................................................................................4**

**ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ..........................................................13**

**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГИИ ТАҲҚИҚИ ВАО ҲАМЧУН НИҲОДИ ИҶТИМОӢ ......................................................20**

1.1. Асосҳои назариявии таҳқиқи ВАО дар илми муосир..........................20

1.2. Таснифи ВАО ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ-сиёсӣ.....................................38

1.3. Хусусиятҳо ва шаклҳои раванди таҳия ва татбиқи технологияҳои тарғиботӣ дар ВАО ..........................................................................62

**БОБИ 2. ХУСУСИЯТҲО, ШАКЛҲО ВА УСУЛҲОИ ТАҶАССУМИ МАСЪАЛАҲОИ ИҶТИМОӢ - СИЁСӢ ДАР ВАО - И ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ..........................................................................86**

2.1. Таҷассуми масъалаҳои иҷтимоӣ – сиёсӣ дар ВАО - и Ҷумҳурии Тоҷикистон....................................................................................86

2.2. ВАО ҳамчун воситаи инъикоси масъалаҳои иҷтимоӣ – сиёсӣ дар ҷомеаи тоҷикистонӣ..............................................................117

2.3. Нақши ВАО дар таъмини субот ва ҳимояи манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ....................................................... 130

**ХУЛОСА ................................................................................. 146**

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ ................................................................. 154**

# РӮЙХАТИ ИХТИСОРАҲО

**ВАО –** воситаҳои ахбори омма

**ИДМ –** Иттиҳоди давлатҳои мустақил

**ИМА –** Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

**СММ –** Созмони Милали Муттаҳид

**ИҶШС –** Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ

**САҲА –** Созмони ҳамкорӣ ва амният дар Аврупо

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Инкишофи ҷомеаи Тоҷикистон ва ниҳодҳои иҷтимоии онро бе фаъолияти воситаҳои иттилоотӣ-таҳлилӣ тасаввур намудан имконнопазир аст. Чунки сарвари давлат ва дигар ниҳодҳои сиёсати дохилӣ ва берунӣ на танҳо ба иттилоот дар бораи раванду ҳодисаҳо, балки ба иттилооти илман асоснокгардида, ҳамаҷониба таҳлилшуда ва бо пешгӯиҳо мукаммалгардида зарурат доранд. Аз ин рӯ, зарурати ҷиддии тайёр намудани муҳаққиқони соҳа, коршиносони сиёсӣ, дипломатҳо, мутахассисони соҳаи муносибатҳои байналхалқӣ ва сиёсати ҷаҳонӣ ба миён омадааст, ки тавонанд манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳимоя намоянд.

Бо мақсади таҳия ва татбиқи сиёсати иттилоотӣ, фароҳам овардани шароити мусоиди чунин навъи фаъолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоси мустаҳками ҳуқуқӣ гузошта шудааст. Дар мамлакат қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот»[1], «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот»[2], «Дар бораи ҳифзи иттилоот»[3] ва ғайра қабул гардидаанд, ки асосҳои меъёрии фаъолияти иттилоотӣ, мақсад, вазифаҳо, усулҳо, субъектҳо ва объектҳои муносибатҳои иттилоотиро ба танзим даровarda, сиёсати давлатии иттилоотиро дар ҷомеа муқаррар менамоянд. Дар илми муосири ҷомеашиносӣ фаъолияти воситаҳои иттилоотӣ-таҳлилӣ дар байни вазифаҳои сиёсати давлат, ҳамеша чун яке аз муҳимтарин масъала баррасӣ мегардад[4].

Тавре, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудаанд, имрӯз беш аз пеш маълум мегардад, ки нақши воситаҳои ахбори омма дар ҳаёти ҷомеаи муосир чӣ гуна бузург аст. Дар ҳақиқат матбуот ва воситаҳои ахбори омма ба ташаккули афкори ҷомеа таъсири муқтадир ва муассир мерасонанд. Онҳо хусусан дар замони таҳаввулот ва тағйирёбии самтҳои рушди ҷомеа,

---

[1] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе: 2002. № 4.
[2] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе: 2008. № 6.
[3] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе: 2008. № 12.
[4] Громыко, А.А. Памятное. Кн. 2. [Текст] / А.А. Громыко. - М.: 1998. - С. 341.

бадалшавии идеологияҳо ва ташаккули диди нави иҷтимоӣ аҳамияти хоса пайдо мекунанд. Ҳама гуна ҷомеаи демократӣ, алалхусус ҷомеаи кишварҳое, ки нав ба ин ҷода қадам гузоштаанд, ба воситаи ахбори омма ва фаъолияти пурсамари онҳо ниёзманд мебошад.

Таҷрибаи Тоҷикистони соҳибистиқлол нишон медиҳад, ки рӯзномаву маҷаллаҳо ва телевизиону радио ҳамчун яке аз воситаҳои асосии таъсиррасонӣ ба афкори ҷомеа метавонанд ба ҳалли мушкилоти мавҷуда фаъолона мусоидат намоянд. Зеро ҷомеа ба ахбор доир ба фаъолияти мақомоти давлатӣ ва умуман ҳамаи шохаҳои ҳокимият ниёз доранд, ки ин яке аз аслҳои бунёдии ҷомеаи озоди демократист[5].

Мубрам будани масъалаи мазкур инчунин бо он муайян мегардад, ки ВАО яке аз василаҳои муҳими инъикоскунанда ва таъсиррасонандаи равандҳои иҷтимоию сиёсии ҷомеаи муосир ба шумор мераванд. Дигаргуниҳои бунёдии Тоҷикистон дар солҳои 90-уми асри XX ба таври назаррас имкониятҳои дастрасӣ ба иттилоотро васеъ намуда, ВАО ва матбуоти давриро ба манбаи тавонои пешбари ғояҳои давлатдорӣ, гузаронидани маъракаҳои интихоботӣ, қувват гирифтани муборизаи нерӯҳои гуногун мубаддал гардониданд. Тағйироти низоми сиёсии Тоҷикистон, ташаккули асосҳои меъёрӣ, дар навбати худ боиси тағйироти фаъолияти ВАО дар равандҳои иҷтимоӣ ва маъракаҳои интихоботӣ гардиданд.

Тадриҷан усулҳо ва шаклҳои инъикос ва таъсирасонии ВАО ба равандҳои иҷтимоию сиёсӣ тағйир ёфтанд. Гузариш аз шакли иртиботи якҷониба ва ғайритаблиғотӣ ба шакли иртиботи дуҷониба ва таблиғоти сиёсӣ сурат гирифт. Илова бар ин соҳаи нави илмӣ ва фаъолияти касбӣ - робита бо ҷомеа (паблик релейшнз) ташаккул ёфт.

Мубрам будани омӯзиши ВАО ҳамчун нерӯ ва воситаи пешбарандаи равандҳои иҷтимоии ҷомеа дар шароити тағйирпазирии усулҳои рӯзноманигорӣ, таҳлили дигаргуниҳои шакл ва усулҳои таҷассуми равандҳои

---

[5] Суханронии Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар маҷлиси тантанавӣ бахшида ба 100 – солагии матбуоти тоҷик, ш. Душанбе, 10 марти соли 2012.

сиёсӣ, муборизаи сиёсӣ ва маъракаҳои интихоботӣ, ошкор намудани хусусиятҳои ВАО муҳимияти мавзӯи мазкурро муайян намудаанд. Дар ин самт, масъалаи асосӣ ташаккули афкори сиёсӣ-ҷамъиятии оммаи мардум ба ҳисоб меравад, ки ба мавқеъгирӣ, иштироки фаъол дар равандҳои иҷтимоию сиёсии кишвар, аз он ҷумла дар маъракаҳои интихоботӣ ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ мусоидат менамояд.

Дар шароити имрӯза аз тариқи баъзе воситаҳои иттилоотӣ, маълумот ва ахбори номатлуб паҳн мешавад, ки боиси ташаккулёбии афкори тундрав ва иртиҷоӣ миёни гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ-сиёсӣ мегардад. Омили мазкур нақши ВАО ва матбуоти давриро дар ташаккули афкори манфӣ ба маротиб боло мебардорад.

Аз ин рӯ, омӯзиш ва баррасии таъсири ВАО ба ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ, аз он ҷумла афкори ҷамъиятӣ, рафтори шаҳрвандон, иродаи сиёсии онҳо, ҳодисаву падидаҳои гуногун, фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ буда, муҳимияти баррасии мавзуи мазкурро таъмин менамояд.

Раванду ҳодисаҳои ҷаҳони муосир боисрор тақозо менамоянд, ки таҳқиқот доир ба нақши воситаҳои ахбори омма, воситаҳои иттилоотӣ-таҳлилӣ ҳарчӣ зудтар ва бештар ба нашр расонида шаванд. Зиёда аз ин, аҳамияти фаъолияти иттилоотӣ-таҳлилӣ ба ин сабаб тақвият меёбад, ки мувофиқи ақидаҳои ҷойдошта, элитаи сиёсӣ ва идоракунӣ «сатҳи хели пасти» омодагӣ доранд, махсусан дар соҳаи донишҳои иҷтимоӣ-фалсафӣ ва сиёсӣ. Чунки кормандони соҳаи идоракунии давлатӣ, сиёсати дохилӣ, хориҷӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ бояд дар бораи равандҳои имрӯзаи ҷаҳонӣ, тамоюлоти онҳо тасаввуроти зарурӣ дошта бошанд. Бе дониши мукаммали иҷтимоӣ-фалсафӣ ва сиёсӣ ва иттилооти зарурӣ сатҳи рақобатпазирии давлатро дар муносибатҳои мураккаб ва печидаи ҷаҳони муосир таъмин намудан имконнопазир аст.

Таҳқиқотҳо дар мавзуи мазкур маводи боарзиш буда, дар баъзе мавридҳо зимни омӯзиши нақши воситаҳои ахбори омма сарчашмаи нодир

мебошанд. Онҳо бо вуҷуди гуногунмаъно ва гуногуншакл буданашон, дар бораи моҳияти воситаҳои ахбори омма тасаввуроти асосӣ дода, имконият медиҳанд, ки аз маҷмуи далелҳои иттилоотӣ-таҳлилӣ зарра-зарра маводҳои боарзиш ҷамъоварӣ шаванд ва барои инкишоф ва суботи ҷомеаи тоҷикистонӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Ҳамин тариқ, омӯзиши шакл ва усулҳои таҷассуми ҳодисаву падидаҳои раванди сиёсии кишвар дар саҳифаҳои ВАО, нақши ВАО дар раванди маъракаҳои интихоботӣ ва муборизаи сиёсӣ, дар ташаккул ва инкишофи афкори ҷамъиятӣ - сиёсии оммаи мардум аҳамияти илмӣ ва амалӣ дошта, муҳимияти мавзӯи мазкурро муайян менамоянд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар илмҳои ҷомеашиносӣ, фалсафӣ, таърихӣ ба ҷанбаҳо ва нақши воситаҳои ахбори омма дар ҳаёти иҷтимоии давлат, таъсири он ба равандҳои сиёсӣ ва ғайра таваҷҷуҳи муайян зоҳир карда мешавад. Ҳамзамон бо дараназардошти мақоми афзояндаи воситаҳои ахбори омма, боло рафтани нақши таъсиррасонандаи он, тағйири шаклу услуби пешниҳоди иттилоот, зарурати таҳқиқи ин масъала аз нигоҳи манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён омадааст.

Таҳлили сарчашмаҳо ва адабиёти илмӣ дар доираи мавзӯи мазкур нишон медиҳад, ки аз замони пайдоиши ВАО дар таҷассуми ҳодисаву падидаҳо, ташаккул ва инкишофи афкори ҷамъиятӣ нақши муҳим дошт. Аз ин хотир, аксарияти таҳқиқотҳои ВАО хусусияти амалӣ доранд.

Масъалаи амалӣ гардидани муносибатҳои иҷтимоию сиёсӣ тариқи воситаҳои ахбори омма дар маркази диққати муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ қарор дорад. Зиёд гардидани шавқмандии муҳаққиқон ба ВАО ҳамчун воситаи иртиботи иҷтимоӣ ва сиёсӣ бо омӯзиши шаклҳои қаллобии таъсиррасонии он ба аҳолӣ алоқаманд аст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷанбаҳои мухталифи ВАО, ҷомеаи иттиллоотӣ ва нақши мусбату манфии шабакаҳои иҷтимоӣ дар асару рисолаҳои муҳаққиқон А.Ш. Қурбонов, Р.Назаров, Х.Усмонзода, Р.Ҳайдаров,

Н.Д. Маҳмадизода, А.И. Муминов, Х.Сафарализода, С.С. Ятимов, И.К. Усмонов С.Олимова ва М. Олимов таҷассум гардидаанд[6].

Технологияи пешниҳоди иттилоот дар ВАО дар таҳқиқотҳои муҳаққиқони Федератсияи Россия - С. Москович, П. Шампаня, Ю. Левада, Г. Феоктистов, Г. Грачев, С. Кара-Мурза, Д. Ротман, И. Мельник, Е.В.Алексеев, М.Д. Березинская, А.Ю Азаров мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудааст[7].

---

[6]Курбонов А.Ш. Образовательная политика в условиях государственной независимости Таджикистана [Текст] / А.Ш. Курбонов. – Душанбе, 2003; Қурбонов А.Ш. Амнияти зеҳнӣ ва истиқлолияти давлатӣ [Матн] / А.Ш. Қурбонов. – Душанбе: Ирфон, 2016. – 108 с.; Қурбонов А.Ш. Таҳаввули низоми маориф дар Тоҷикистон (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ) [Матн] / А.Ш. Қурбонов. – Душанбе: Ирфон, 2019. – 220 с.; Қурбонов А.Ш. Илм ва маориф: тамоюлот, мушкилот ва дурнамо [Матн] / А.Ш. Қурбонов. – Душанбе: Ирфон, 2019. – 406 с.; Қурбонов А.Ш. Вазъи маориф ва илм дар шароити истиқлолияти давлатӣ [Матн] / А.Ш. Қурбонов. – Душанбе: Аржанг, 2021. – 354 с.; Назаров Р.Н. Философия качества образования Таджикистана (социально-философский анализ) [Текст] / Р. Назаров. – Душанбе. 2011; Идиев Х.У. Фалсафаи иҷтимоӣ [Матн] / Х.У. Идиев. – Душанбе: «Дониш», 2013. – 381 с.; Идиев Х.У. Трансформирующееся таджикское общество [Текст] / Х.У. Идиев. – Душанбе: Ирфон, 2004. – 200 с.;*Усмон,* И.К. *Сулҳнома* [Матн] / И.К. Усмон. – Душанбе: 2001.; Ҳайдаров Р.Ҷ. Роҳҳои пешгирӣ намудани раванди ҷалби ҷавонон ба ҳаракатҳои ифротгароии динӣ: ҷанбаи иҷтимоисиёсӣ [Матн] / Р.Ҷ. Ҳайдаров, Ҳ.Ҳ. Хоҷаев // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИ ҶТ. 2018. №2. – С.90-93; Маҳмадизода Н.Д. Пешгирии идеологияи ифротгароӣ ва терроризм дар муҳити ҷавонон ва шабакаи интернет дар ҷомеаи трансформатсионии тоҷик [Матн] / Н.Д. Маҳмадизода // Гузоришҳои АМИ ҶТ. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – 2018. №4. – С. 83-93.; Маҳмадизода Н.Д. Зоҳиршавии ифротгароии динӣ-сиёсӣ дар шароити инкишофи ҷомеаи тоҷик ва роҳҳои пешгирии он (таҳлили фалсафӣ иҷтимоӣ): дисс. докт. илм. фалсафа: 09.00.11. [Матн] / Н.Д. Маҳмадизода. – Душанбе. 2020. – 320 с.; Муминов А.И. Религиозный экстремизм в контексте социальных изменений // дисс. док. филос. наук: 09.00.11. [Текст] / А.И. Муминов. – Душанбе, 2018. – 294 с.; Муминов А.И. Религиозный фактор и проблемы национальной безопасности страны (на примере Республики Таджикистан) [Текст] / А.И. Муминов // Вестник Московского государственного областного университета. Философские науки. – М.: Изд-во МГОУ, 2006. №4. – С. 84-90.; Муминов А.И. Религиозный экстремизм как социальная угроза современному обществу [Текст] / А.И. Муминов // Вестник Московского государственного областного университета. Философские науки. – М.: Изд-во МГОУ, 2007. №2. – С. 57- 62.; Муминов А.И. Воздействие религиозного фактора на духовную безопасность Республики Таджикистан [Текст] / А.И. Муминов // Вестник Педагогического университета. №1(44). 2012. – С.40-45.; Сафарализода Х.К. Кибертерроризм как угроза национальной безопасности [Текст] / Х.К. Сафарализода // Вестник таджикского национального университета. – Душанбе. 2017, №2/4-2. – С. 271-275. Ятимов С.С Матбуоти даврӣ ва таъмини амнияти иттилоотӣ [Матн] / С.С. Ятимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2018. №8. – С. 277-279; *Усмон,* И.К. *Моменты созидательного мира* [Текст] / И.К. Усмон. – Душанбе: 1991; Ҳамон муаллиф. Таърихи матбуоти точик [Матн] / И. Усманов, Д. Давронов. - Душанбе: Маориф, 1977., Олимова, С. Таджикистан на пороге перемен [Текст] / С. Олимова, М. Олимов. - М.: 1999.

[7] Московичи, С. Век толп. Исторический трактат по психологии масс [Текст] / С. Московичи. - М.: Центр психологии и психотерапии, 1998., Шампань, П. Делать мнение: новая политическая игра [Текст] / П. Шампань. - М.: Socio-Logos, 1997., Кара-Мурза, С. Манипуляция сознанием [Текст] / С. Кара-Мурза. - М.: 2004; Кара-Мурза, С. Власть манипуляции [Текст] / С. Кара-Мурза. - М.: 2007., Грачёв, Г. Манипулирование личностью [Текст] / Г. Грачёв. – М.: 2003., Мельник, Г. Масс-медиа: психологические процессы и эффекты [Текст] / Г. Мелькин. - СПб.: 1996., Засурский, Я.Н. Система СМИ в России [Текст] / Я.Н. Засурский. - М.: 1995; Засурский, Я.Н. Профессия журналист – вызовы

А.А. Грабелников, С.Г.Корконосенко, В.А. Сидиров, Э.Д. Дагбаев асосҳои сотсиологии воситаҳои ахбори омма, фарҳанги сиёсии ВАО, шаклҳои таъмини робитаҳои сиёсӣ тавасути матбуотро омӯхтаанд[8].

Дар китобҳои В.В. Ворошилов, Г. Лебон, Д. Базаркина, Г. Бакулев, Е. Головлева ва Г. Козырев нақши матбуоти ҳизбӣ дар равандҳои сиёсӣ, воситаҳои ахбори омма ва терроризм, назарияҳои ғарбии мақоми ВАО дар ҷомеа, банақшагирии фаъолияти иттилоотӣ, ҷойгоҳи иттилоот дар ташаккули афкори иҷтимоӣ, назария ва амалияи офаридани нақши душман аз тариқи воситаҳои ахбори оммаро таҳқиқ намудаанд. Дар таҳқиқотҳои ин муаллифон нақш ва мақоми ВАО ҳамчун воситаи муҳими таҷдиди афкори омма баррасӣ карда шудааст[9].

А.М. Воробьев, В.П. Конетская, М.М. Назаров, ва Л.Н. Федотова дар китобҳои худ ба нақши воситаҳои ахбори омма ҳамчун омили ташаккулдиҳандаи ҷомеаи шаҳрвандӣ, раванд, тамоилот ва мушкилоти

---

XXI века [Текст] / Я.Н. Засурский. – М.: 2007., Прохоров, Е.П. Журналистика и демократия [Текст] / Е.П. Прохоров. - М.: 2001., Федотова, Л. Н. Массовая информация: Стратегия производства итактика потребления [Текст] / Л.Н. Федотова. - М.: 1996., Свитич, Л.Г. Феномен журнализма [Текст] / Л.Г. Свитич. – М.: 2000., Грабельников, А.А. Русская журналистика на рубеже тысячелетие [Текст] / А.А. Грабельников. – М.: 2000; Грабельников, А.А. Средства массовой информации постсоветской России [Текст] / А.А. Грабельников. - М.: 1996., Корконосенко, С.Г. Социологическое обеспечение деятельности СМИ [Текст] / С.Г. Корконосенко. - СПб, 1995., Сидиров, В.П. Политическая культура средства массовой информации [Текст] / В.П. Сидиров. – М.: 1994., Дагбаев, Э.Д. Средства массовой информации: динамические модели политической коммуникации [Текст] / Э.Д. Дагбаев. – Улан-Уде: 2004.

[8] Грабельников, А.А. Русская журналистика на рубеже тысячелетие [Текст] / А.А. Грабельников. – М.: 2000; Грабельников, А.А. Средства массовой информации постсоветской России [Текст] / А.А. Грабельников. - М.: 1996., Корконосенко, С.Г. Социологическое обеспечение деятельности СМИ [Текст] / С.Г. Корконосенко. - СПб, 1995., Сидиров, В.П. Политическая культура средства массовой информации [Текст] / В.П. Сидиров. – М.: 1994., Дагбаев, Э.Д. Средства массовой информации: динамические модели политической коммуникации [Текст] / Э.Д. Дагбаев. – Улан-Уде: 2004.

[9]Ворошилов, В.В. Партийность как принцип журналистики [Текст] / В,В. Ворошилов // Приоритетные направления развития науки и образования: материалы V Международной научно-практической конференции (Чебоксары, 12 июня 2015 г.) / редкол.: О.Н. Широков [и др.]. - Чебоксары: Центр научного сотрудничества «Интерактив плюс», 2015. № 2(5)., Лебон, Г. Психология народов и масс [Текст] / Г. Лебон. - СПБ.: Макет, 1995., Базаркина, Д. Коммуникация и терроризм [Текст] / Д. Базаркина, М. Джорич, Е. Пашенцев, Д. Симеунович. – М.: Международный центр социально-политических исследований и консалтинга, 2015., Бакулев, Г. Массовая коммуникация. Западные теории и концепции [Текст] / Г. Бакулев. - М.: Аспект-Пресс, 2016., Головлева, Е. Массовые коммуникации и медиапланирование [Текст] / Е. Головлева. – М.: Академический проект. Деловая книга. - М.: 2009. – 352 с.; Головлева, Е. Информация и общественное мнение [Текст] / Е. Головлева // От репортажа в СМИ к реальным переменам / ред. И. Румин. – М.: Альпина Паблишер, 2015., Козырев, Г. Социология общественного мнения. Образ врага в истории, теории и общественном сознании [Текст] / Г. Козырев. - М.: Форум/Инфра-М, 2017.

муосири ВАО, методологияти таҳлил ва амалияи таҳқиқи падидаи мазкурро баррасӣ намудаанд[10].

Дар рисолаҳои А.А. Чичановский, В.Коноваленко, С. Коняшин ва Д. Матисон, А.М. Цуладзе, Т. Науменко, С.В. Гусков, В. Прозоров, А.М. Руденко[4], Е.П. Тавокин[5] масъалаҳои иҷтимоию сиёсии алоқамандии мутақобилаи давлат, воситаҳои ахбори омма ва ҷомеа дар шароити нави геополитикӣ, ҷойгоҳи таблиғот дар робита бо ҷомеа, қолабҳо ва роҳу воситаҳои назорати афкори иҷтимоӣ таввасути иттилоот ва ахборот дар мисоли фаъолияти телевизион, воситаҳои тақалубии таъсиррасонии воситаҳои ахбори омма ба афкори иҷтимоӣ, ҳокимият ва озодии рӯзноманигорон омӯхта шудаанд[11].

Қайд намудан зарур аст, ки дар ин таҳқиқотҳо ҷанбаҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсии фаъолияти ВАО таҷассум гардида, ба таври танқидӣ масъалаи таъсиррасонии манипулятивии онҳо ба шуури электоралӣ ва рафтори гурӯҳҳои калони иҷтимоӣ таҳлил карда шудааст.

Дар таҳқиқоти Т.И. Фролова Е.А. Дугин, Шарипов С.И. И.Дзялошинский, В.И. Левашов, Г. Феоктистов, Д.Г. Ротман, Е.В.Алексеева, М.Д. Березинская асосҳои назариявӣ, амалияи рӯзноманигорӣ ва дурнамои

---

[10] Воробьев, А.М. Средства массовой информации как фактор формирования гражданского общества: процесс, тенденции, противоречия [Текст] / А.М. Воробьев. - Екатеринбург: Ур. ЮИ МВД России, 1998., Конецкая, В.П. Социология коммуникации [Текст] / В.П. Конецкая. - М.: 1997., Назаров, М.М. Массовая коммуникация в современном мире: методология анализа и практика исследований [Текст] / М.М. Назаров. - М.: Едиториал УРСС, 2002., Федотова Л.Н. Массовая ифиормация: стратегия производства и тактика потребления. - М., 1996.

[11]Чичановский А.А. В тенетах свободы: Политологические проблемы взаимодействия властных структур, средств массовой информации и общества в новых геополитических условиях. - М., «Славянский диалог», 1995., Коноваленко, Г. В. Реклама и связи с общественностью **[Текст]** / В. Коноваленко, М. Коноваленко, Н. Швед. - М.: Юрайт, 2017., Коняшин, С. Стереотипы в информационно-новостном управлении общественном мнением (на примере телевизионных СМИ) [Текст] / С. Коняшин. - М.: Эдиториал УРСС, 2018., Матисон, Д. Медиа-дискурс. Анализ медиа-текстов [Текст] / Д. Матисон. - М.: Институт прикладной психологии. - М.: Гуманитарный центр, 2017., Цуладзе, А.М. Политическое манипулирование [Текст] / А.М. Цуладзе. - М.: 2000., Науменко, Т. Массовая коммуникация как глобальный процесс [Текст] / Т. Науменко. - М.: Научная библиотека, 2015., Гуськова, С.В. Новые парадигмы исследования массовых коммуникаций в современном мире [Текст] / отв. ред. С.В. Гуськова. – Тамбов: Тамбовский госуниверситет им. Г.Р. Державина, 2016., Прозоров, В. Власть и свобода журналистики [Текст] / В. Прозоров.– М.: Флинта, 2017., А.М. Руденко, Литвенова А. В Психология массовых комуникаыиий [Текст] / А.М. Руденко, Литвенова А. В – М.: Инфра –М ,2017., Тавокин, Е.П.Массовая комуникация: Сушность и состояние соврименнной России [Текст] / Е.П. Тавокин. – М.: Либроком, 2016.

рушди воситаҳои ахбори омма, таҳлили сотсиологии воситаҳои ахбори омма ҳамчун ниҳоди демократикунонии ҷомеа, воситаҳои ахбори омма ҳамчун «шохаи чоруми ҳокимият», таҳлили масъалаи тақаллуби афкори иҷтимоӣ, нақши ВАО дар таъмини амнияти иттилоотии ҷомеа, моҳият ва технологияи таъсиррасонӣ ба мавқеъгирии интихобкунандагон, нақши доктринаи амнияти иттилоотӣ ҳамчун арсаи калидии тамини сиёсӣ – ҳуқуқии амнияти миллии давлат дар соҳаи иттилоотӣ, ҳолат, мушкилот ва дӯрнамои амнияти иттилоотии ҷомеа дар шароити ҷангҳои равонӣ – иттилоотӣ бахшидаанд[12].

Дар таҳқиқоти А.К.Зайферт ва А. Крайкемайер, Дж.Кин, Г. Шиллер дар қатори масъалаҳои мувофиқати исломи сиёсӣ ва амният дар фазои Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Европа, нақши ваоситаҳои ахбори омма дар раванди танзими низоъҳои минтақавӣ, пайвандии воситаҳои ахбори омма ва раванди демократикунонии ҷомеа, нақши матбуот дар раванди таъсиррасонии мақсаднок ба шуури иҷтимоӣ баррасӣ гардидаанд[13].

Қайд намудан зарур аст, ки ба таҳқиқотҳои мавҷуда нигоҳ накарда, масъалаи таъсири ВАО ба равандҳои иҷтимоию сиёсӣ, нақши он дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ, ба рафтори интихоботии шаҳрвандон ба таври маҷмӯӣ таҳқиқ нашудаанд. Аз ин хотир, муаллиф ВАО ва матбуоти давриро

---

[12]Фролова, Т.И. Гуманитарная повестка российских СМИ: теоретическая модель, журналистские практики, стратегии развития [Текст]: автореф. док. дисс. на соис. ученой степени д.филол.н. / Т.И. Фролова. - М.: 2015., Дугин, Е.Я. СМИ как институт прямой демократии в условияхперестройки: социологический анализ [Текст]: док. дисс. на соис. ученой степени / Е.Я. Дугин. - М.: АОН, 1990., Шарипов, С.И. Демократизация политических процессов в современном Таджикистане [Текст]: док. дисс. на соис. ученой степени д.п.н. / С.И. Шарипов. - Душанбе: 2001., Дзялошинский, И. «Четвертая власть» под каблуком рынка [Текст] / И. Дзялошинский //Власть. - 1993. - №1., Левашов, В.И. Манипулирование общественным мнением: социологические аспекты анализа [Текст] / В.И. Левашов // Социология власти. - 2009. №4., Феоктистов, Г. Информационная безопасность общества [Текст] / Г. Феоктистов //Социально-политический журнал. - 1996. - №5., Ротман, Д.Г. Электоральные исследования: сущность и технологии [Текст] / Д.Г. Ротман // Социс. - 1998. - №9; №12. - С. 27-35., Алексеева, Е.В. Доктрина информационной безопасности Российской Федерации как ключевой аспект правового обеспечения национальной безопасности в информационной сфере [Текст] / Е.В. Алексеева // Ленинградский юридический журнал. - 2016. – № 4 (46)., Березинская, М.Д. Информационная безопасность современного общества [Текст] / М.Д. Березинская, А.Ю. Азаров // В сборнике: Информационное общество: состояние, проблемы, перспективы. - 2017.

[13] Зайферт, А.К. О совместивомости политического ислама и безопасности в пространстве ОБСЕ [Текст] / А.К. Зайферт, А. Крайкемайер. - Душанбе: 2003., Кин, Дж. Средства массовой информации и демократия [Текст] / Дж. Кин. - М.: 1994., Шиллер, Г. Манипуляторы сознанием [Текст] / Г. Шиллер. - М.: 1980. – 150 с.

ба сифати иштирокчии раванди иртиботи иҷтимоию сиёсӣ мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар рисолаи мазкур нақши ВАО дар мисоли равандҳои иҷтимоию сиёсии ҷомеаи Тоҷикистон мавриди баррасии илмӣ қарор дода шудааст.

**Пойгоҳи иттилоотии таҳқиқот.** Таҳқиқи мавзӯи мазкур ҷалби гурӯҳи муайяни сарчашмаҳоро тақозо менамояд, ки мо онҳоро бо мақсади таҳлил чунин гуруҳбандӣ намудем:

**Ба сарчашмаҳо** санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ[14] китобҳо, паёмҳо ва суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Э. Раҳмон дохил гардидаанд[15].

**Робитаи кор бо барномаҳо, лоиҳаҳо ва мавзӯъҳои илмӣ:** мавод ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро барои татбиқи нақшаи перспективии

[14] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот» Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе: 2002. № 4., Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот» Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе: 2008. № 6., Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иттилоот» Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе: 2008. № 12.

[15] Эмомалӣ Раҳмон. Суханрони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,дар маҷлиси тантанавӣ бахшида ба 100 – солагии матбуоти тоҷик, 10 марти соли 2012;

Ҳамон муаллиф: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлисӣ Олӣ 24.04.2010 Душанбе Сарчашмаи электронӣ: http://president.tj/node/192 (санаи муроҷиат: 27.05.2021). Ҳамон муаллиф: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлисӣ Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 20.04.2012 Душанбе Сарчашмаи электронӣ: http://president.tj/node/1084 (санаи муроҷиат: 27.05.2021). Ҳамон муаллиф: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлисӣ Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26.04.2013 Душанбе Сарчашмаи электронӣ: http://president.tj/node/4318 (санаи муроҷиат: 27.05.2021). Ҳамон муаллиф: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлисӣ Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23.04.2014 Душанбе Сарчашмаи электронӣ: http://president.tj/node/6598(санаи муроҷиат: 27.05.2021). Ҳамон муаллиф: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлисӣ Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23.01.2015 Душанбе Сарчашмаи электронӣ: http://president.tj/node/8136(санаи муроҷиат: 27.05.2021). Ҳамон муаллиф: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлисӣ Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 22.12.2016 Душанбе Сарчашмаи электронӣ: http://president.tj/node/13739(санаи муроҷиат: 27.05.2021). Ҳамон муаллиф: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлисӣ Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 20.01.2016 Душанбе Сарчашмаи электронӣ: http://president.tj/node/10585(санаи муроҷиат: 27.05.2021). Ҳамон муаллиф: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлисӣ Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 22.12.2017 Душанбе Сарчашмаи электронӣ: http://president.tj/node/16771 (санаи муроҷиат: 27.05.2021).

Ҳамон муаллиф: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлисӣ Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 22.12.2018 Душанбе Сарчашмаи электронӣ: http://president.tj/node/19088 (санаи муроҷиат: 27.05.2021).

кори илмӣ-таҳқиқотии кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав таҳти унвони «Тасфири олам дар фалсафаи муосири тоҷик, таҳлили фалсафӣ-иҷтимоӣ, ҷомеашиносӣ» барои солҳои 2016 - 2020 анҷом дода шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** таҳлили шакл ва усулҳои таҷассуми равандҳои иҷтимоию сиёсӣ дар ВАО ба шумор меравад.

Барои амалӣ намудани мақсади мазкур иҷрои **вазифаҳои зерин** пешбинӣ гардидаанд:

- омӯзиш ва таҳлили асосҳои илмӣ - назариявии вазъияти ВАО ҳамчун ниҳоди ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва муайян намудани нақш ва мақоми он дар ҷомеаи Тоҷикистн;

- тасниф ва муайян намудани ВАО ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ – сиёсӣ, моҳият ва хусусиятҳои мафҳуми «тарғибот» дар асоси донишҳои назариявӣ ва баррасии ВАО ҳамчун воситаи асосии тарғиботи сиёсӣ;

- омӯзиш ва баррасии хусусият ва шаклҳои таҳия ва татбиқи технологияҳои муосири иҷтимию сиёсӣ, нақши ВАО дар раванди истифодаи онҳо;

- таҳлил ва таҳқиқи нақши ВАО дар таҷассуми равандҳои иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангӣ дар ВАО ва матбуоти даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун воситаи бархурди гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва муборизаи сиёсӣ;

- мавриди омӯзиш қарор додани нақши ВАО ҳамчун воситаи муборизаи неруҳои гуногӯни иҷтимоию сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- муайян намудани нақши ВАО дар таъмини амният ва ҳимояи суботи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- пешниҳод намудани хулоса ва тавсияҳо ҷиҳати баланд бардоштани сатҳу сифати фаъолияти ВАО дар равандҳои иҷтимоӣ сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Объекти таҳқиқот** – нақши васоити ахбори омма дар таҳқиқу инъикоси равандҳои итимоӣ – сиёсии ҷомеаи Тоҷикистон.

**Предмети таҳқиқот –** тамоюлоти инкишоф ва таъсири васоити ахбори омма ба ҳаёти иҷтимоӣ – сиёсии ҷомеаи Тоҷикистон.

**Асосҳои назариявии таҳқиқоти мазкурро** хулосаҳои муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ, ки масъалаи ВАО ва таъсири иҷтимоию сиёсии онро таҳқиқ намудаанд, ташкил медиҳад. Асосҳои назариявии таҳқиқотро инчунин асару рисолаҳои сиёсатшиносон, сотсиологҳо, психологҳо ва файласуфон, ки ба нақши ВАО дар шароити инкишофи ҷомеаи тоҷикистонӣ бахшида шудаанд, муайян менамоянд.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро** истифодаи усулҳои таҳлилӣ, диалектикӣ, синергетикӣ, муқоисавӣ, миқдорӣ, мушоҳидавӣ, муносибати масъалагузорӣ-мавзӯӣ, таҳлили мундариҷавӣ ташкил менамоянд.

Усули таҳлилӣ ба мо имкон дод, ки маводҳои ВАО аз нигоҳи мазмун ва мундариҷа ва таъсири онҳо ба раванду ҳодисаҳои иҷтимоию сиёсӣ муайян карда шаванд.

Бо истифода аз усули муқоисавӣ мо маводҳои матбуоти даврии расмӣ – давлатӣ ва ғайридавлатиро таҳлил намуда мавқеи муаллифони ин маводҳо ва ин ё он рӯзнома ва маҷаларо ба равандҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон мушаххас сохтем.

Таҳлили миқдорӣ имконият медиҳад, ки доираи ҳамон масъалаҳое ҷудо карда шаванд, ки нисбатан муддати тулонӣ мавриди муҳокима қарор гирифтаанд, шиддатнокии муҳокимаи масъалаҳо дар нашрияҳои мухталиф муқоиса карда шавад.

Усули мушоҳидавӣ ба мо барои амалисозии мувафақонаи вазифаи муайян намудани сатҳи комилӣ ва сифатии иттилоот, инчунин истифодаи бамавқеъ ва ҳадафмандонаи он кумак намудааст.

Муносибати масъалагузорӣ-мавзӯӣ имкон дод, ки маводҳои ВАО аз нуқтаи назари мавқеи шахсӣ ва сиёсии муаллиф, тарзи масъалагузории он, интихоби мавзӯи таҳлил мавриди баррасӣ қарор гиранд.

Таҳлили мундариҷавӣ бо мақсади муайян намудани манбаъҳои иттилоот, шарҳу тафсири маълумот, арзёбии иттилоот истифода гардидааст.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзӯи "Нақши ВАО дар шароити инкишофи иҷтимоӣ – сиёсии ҷомеаи тоҷикистонӣ: таҳлили иҷтимоӣ – фалсафӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа ба шиносномаи ихтисоси 09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, мувофиқат менамояд.

**Марҳилаҳои таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар солҳои 2016 – 2024 гузаронида шудааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** дақиқ будани маълумотҳо, истифодаи сарчашмаҳои расмӣ, кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, гузаронидани таҳқиқи эътимодноки диссертатсионӣ мебошад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ манзур карда шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот,** ба ғайр аз интихоби мавзӯъ, объект ва предмети таҳқиқот, ки қаблан дар доираи рисолаи номзадӣ ба таври системавӣ баррасӣ нагардидаанд, ба ақидаи муаллиф дар ҳолатҳои зерин зоҳир мегардад:

- ба таври маҷмӯавӣ ҷанбаҳои илмӣ - назариявии ВАО ҳамчун ниҳоди ҷамъиятӣ-сиёсӣ таҳлил гардида, нақш ва мақоми он дар ҷомеа муайян карда шудааст;

- ВАО ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ – сиёсӣ, моҳият ва хусусиятҳои мафҳуми он дар асоси донишҳои назариявӣ ва баррасии ВАО ҳамчун воситаи асосии иниъикоси масъалаҳои иҷтимоии ҷомеа имрӯза тасниф ва муайян карда шуд;

- хусусият ва шаклҳои таҳия ва татбиқи технологияҳои муосири иҷтимоию иттилоотӣ, нақши ВАО дар раванди истифодаи онҳо мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шуда;

- Таҷассуми душвориҳои иҷтимоӣ – сиёсӣ, фарҳангӣ дар ВАО – и Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил ва таҳқиқ гардид;

- нақши ВАО ҳамчун воситаи ҳамгироии иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода шуд;

- нақши ВАО дар таъмини амният ва ҳимояи манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуд;

- хулоса ва тавсияҳо ҷиҳати баланд бардоштани сатҳу сифати фаъолияти ВАО дар шароити инкишофи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардиданд.

**Аҳамияти назариявии тадқиқот** бо имконияти истифода намудани натиҷаҳои назариявӣ ва методологии ба даст овардашуда барои таҳқиқи фаъолияти матуоти даври ва таъсири сиёсии он дар давраи гузариш муайян карда мешавад. Хулосаҳои муаллиф метавонанд ба омӯзиши дақиқи назариявии равандҳои сиёсӣ, нақш ва мақоми ВАО дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ муосидат намоянд. Илова бар ин, аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур дар ошкор намудан ва илман асоснок намудани таъсири ВАО ба равандҳои сиёсӣ зоҳир мегардад. Натиҷаҳо ва хулосаҳои таҳқиқотро ҳангоми омӯзиши минбаъдаи масъалаи таъсири ВАО дар раванди таълими фанҳои алоҳидаи ихтисосҳои сиёсатшиносӣ ва курсҳои махсуси бахши муносибатҳои байналхалқи метавон истифода намуд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар мукаммал гардонидани фаъолияти ВАО ва таъсири он ба равандҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зоҳир мегардад. Хулосаҳо ва тавсияҳои таҳқиқоти мазкур метавонанд дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ истифода карда шаванд.

**Ҷанбаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Дар мактабҳо ва равияҳои гуногӯни илмӣ масъалаи нақши ВАО ҳамчун нерӯи муассири таъсиррасонанда ба равандҳои сиёсӣ мақоми махсус дорад. Дар осори намояндагони мактабҳои илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон, минтақа ва аксари кишварҳои ҷаҳон мавзӯъи мақоми ВАО ва таъсири он ба равандҳои сиёсӣ фикру ақидаҳои мухталиф ҷой доранд. Таҳлилу баррасии онҳо исбот менамояд, ки аксари донишмандон ва коршиносон бар он ақидаанд, ки воситаҳои ахбори омма дар маҷмуъ ва матбуоти даврӣ дар алоҳидагӣ дар инкишофи маънавии ҷомеа, рушди иҷтимоӣ - иқтисодӣ, пойдории ҷомеа, ташаккули рукнҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ таъсири назаррас

мерасонанд. Гуруҳи бузурги олимон матбуоти давриро дар қаринаи омӯзиши масъалаи ташаккули фазои ягонаи иттилоотӣ, ба вуҷуд овардани заминаҳои зарурии меъёр- ҳуқуқӣ барои дастрасии ҷомеа ба воситаҳои ахбори омма, баланд бурдани мақоми онҳо дар амри таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон, дастрасӣ ба иттилооти зарурӣ дар бораи фаъолияти давлат, таҳкими мероси маънавӣ ва фарҳангии миллат ва давлат, ҳифз намудани анъанаҳои таърихӣ, риояи меъёрҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, арзишҳои маънавӣ, тарбияи ватандӯстӣ, арзёбӣ менамоянд.

2. ВАО новобаста аз шакли ташкилӣ, моликият ва мансубият, манфиатҳои ҷомеаро дар маҷму, гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ, шахсони алоҳида ва ҳизбу ҳаракатҳои сиёсиро ифода менамояд. Фаъолияти ниҳодҳои ВАО натиҷаи муҳимми ҷамъиятӣ-сиёсӣ дорад, зеро хислати иттилоот, ки ба хонандагон равона карда мешавад, муносибати онҳоро ба воқеият ва самти амалҳои иҷтимоӣ муайян менамояд. ВАО на танҳо иттилоот ва хабарро паҳн менамояд, балки ғоя, нуқтаи назар, таълимот, барномаи сиёсии муайянро ташвиқу тарғиб менамояд ва бо ин васила дар идоракунии равандҳои иҷтимоӣ – сиёсӣ ва бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ ба сифати ниҳоди иҷтимоӣ иштирок менамояд. Бо роҳи ташаккули афкори ҷамъиятӣ, коркарди муқаррароти муайяни иҷтимоӣ, ташаккули боварӣ, ВАО инсонро ба амалҳои муайян водор менамоянд.

3. Тарғиботи сиёсӣ ин як навъ фаъолиятест, ки дар доираи он пешниҳоди молу маҳсулот, ба монанди барномаҳои сиёсӣ, идеология, нуқтаи назари сарвар, сиёсатмадор ба истеъмолкунандагон, яъне шаҳрвандон сурат мегирад. Дар доираи истифодаи ин навъи фаъолият асосан аз метод ва воситаҳои иқтисодӣ истифода менамоянд. Дар шароити имрӯза ВАО ба сифати яке аз воситаҳои асосии тарғибот баромад менамояд. Чун тарғибот ин воситаи асосии пешниҳоди нуқтаи назар, барномаҳои муйян, қонуну қарорҳои давлатӣ ва дигар маҳсулоти сиёсӣ мебошад. Пас ВАО воситаи асосии паҳн намудани ин маҳсулоти сиёсӣ байни аҳолӣ ва дигар субъектҳои ҳаёти сиёсӣ ба ҳисоб меравад.

4. Дар асоси сиёсати бозсозӣ шавқу рағбат ба фарҳанги миллӣ ва дин пайдо шуда, болоравии худшиносии миллӣ мушоҳида карда мешуд. Дар саҳифаи рӯзномаву маҷаллаҳо маводҳои танқидӣ нисбати мавҷудияти низоми сиёсӣӣ, ғайри самаранок будани низомии якҳизбӣ, механизмҳои рушди иқтисодӣт нашр мегарданд. Дар ташакукули афкори нави ҷамъиятӣ рӯзномаву маҷаллаҳо нақши муҳим доранд. Аксарияти ашхос, бахусус ҷавонон, бо мутолеа намудани рӯзномаву маҷаллаҳо, муносибати худро ба низоми мавҷуда тағйир медиҳанд. Маҳз дар натиҷаи таъсири ВАО ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон дар байни аҳолӣ тарафдорони худро пайдо намудаанд. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки мақсади асосии нашрияҳои ғайридавлатӣ маҳз аз ташаккули афкори нави ҷамъиятӣ ва ҷалб намудани аҳолӣ, махсусан ҷавонон ба доираи фаъолияти худ ба ҳисоб меравад.

5. Рӯзномаву маҷаллаҳо равандҳои бозсозиии ҷомеаро таҷассум намуда, барқарор намудани арзишҳои миллиро пешниҳод менамоянд. Метавон қайд намуд, ки рӯзномаву маҷаллаҳо дар муборизаҳои сиёсӣ нақши назаррас доранд. Таҳлили маводҳои ВАО нишон медиҳанд, ки дар давлати шӯравӣ масъалаҳои мухталифи милливу этникӣ мавҷуд буданд, ки бо оғози бозсозӣ аз нав қувват гирифтанд. Нерӯҳои ташаккулёфта муттаҳид гардида, рӯз ба рӯз муборизаи худро пуршиддат менамуданд, рӯзномаву маҷаллаҳоро васеъ истифода мекарданд. Ин буд, ки тариқи нашрияҳои худ тавонистанд, ки ба шуур ва рафтори оммаи мардум таъсир расонида, ҷонибдорони худро дар ҷомеа бештар намоянд. Маҳз дар ҳамин давраи ҳассос фаъолияти матбуотӣ даврӣ ба равандҳои сиёсии ҷомеа тоҷик ҳамчун воситаи муборизаи сиёсӣ ба таври саҳеҳ мушоҳида карда мешуд.

6. Ба амнияти иттилоотии ҷумҳурӣ хатару таҳдидҳои зиёде ҷой доранд, лекин новобаста аз таҳдид ва хатарҳои воқеӣ ва эҳтимолии дохилӣ ва хориҷӣ, вазъияти чамъиятиву сиёсии ва иҷтимоиву иқтисодии Тоҷикистон устувор ва назоратшаванда аст. Солҳои охир созмонҳои ҷамъиятии рӯзноманигорӣ ва баъзе расонаҳои ғайридавлатӣ дар самтҳои мухталиф, аз ҷумла дар нашрияҳои даврӣ ва агентиҳои мустақили иттилоотӣ, бо паҳн намудани мақолаҳо ва

иттилооти нодуруст, супоришӣ, танқидӣ, яктарафаи худфиребӣ ва айбдоркунӣ, ки ғалатанд, фаъолтар гардиданд, ба вазъи амнияти иттилоотии кишвар халал ворид менамоянд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар таҳлил намудани дастовардҳо ва проблемаҳои марбут ба нақши ВАО дар раванди сиёсӣ, ҷамъбаст намудани таҷрибаи бадастоварда дар соҳаи мазкур, баррасии тавсияҳои оид ба такмили фаъолияти воситаҳои ахбори оммаи давлатӣ ва ғайридавлатӣ ҷиҳати амали намудани вазифаҳо дар назди Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошташуда, пешгӯии рушди минбаъдаи ин соҳа ва дар ин замина пешниҳод ва хулосаҳои арзишманди илмӣ ироа намудан аз тарафи муаллиф, инъикос меёбад.

Саҳми шахсии муҳаққиқ бо сатҳи навгонии илмии дисертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, инчунин дар таҳияи барномаҳои таълимӣ дар мактаби олӣ тмуайян карда мешавад. Ҳамзамон, тартиб додани нақша, масъалагузорӣ ва услуби таълифи диссертатсия саҳми шахсии муаллифиро инъикос менамоянд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар маҷлиси васеи кафедраи онтлогия ва назарияи маърифати Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (аз 24 марти соли 2021, протоколи № 8) арзёбӣ шуда, ба ҳимоя тавсия дода шудааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Ҳолатҳои асосӣ ва хулосаҳои илмию назариявии диссертатсия дар се мақолаҳои илмии муаллиф, ки дар маҷаллаҳои илмии Комиссияи олии аттетстатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомиланд, ба нашр расидаанд. Инчунин натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур дар конференсияҳои илмию амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ маърӯза гардидаанд.

**Сохтори диссертатсия.** Диссертатсия дар ҳаҷми 176 саҳифаи матни чопӣ иҷро шуда, аз сарсухан, се боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГИИ ОМӮЗИШИ ВАО ҲАМЧУН НИҲОДИ ИҶТИМОӢ-СИЁСӢ

## 1.1. Асосҳои назариявии таҳқиқи ВАО дар илми муосир

Дар илми муосир ба масъалаи нақши воситаҳои ахбори омма дар маҷмуъ ва ВАО ба хусус ҳамчун нерӯи муассири таъсиррасонанда ба равандҳои сиёсӣ диққати ҷиддӣ дода мешавад. Донишмандон ва коршиносони мактабҳои илмии ватанӣ ва хориҷӣ доир ба ин масъала таҳқиқоту таҳлилҳои муайяне анҷом додаанд. Дар аксари адабиёти ба ин мавзӯъ бахшидашуда таъкид мегардад, ки ВАО ба рушди маънавии ҷомеа, пешрафти иқтисодӣ, суботи иҷтимоӣ, ташаккули рукнҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ таъсир мерасонад. Муаллифон дар чорчӯбаи таҳлили раванди ба вуҷуд овардани фазои ягонаи иттилоотӣ дастрасӣ ба воситаҳои ахбори оммаро пеш аз ҳама ҳамчун воситаи таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон, роҳ ёфтан ба иттилооти омма, истифодаи мероси маънавӣ ва фарҳангӣ, анъанаҳои таърихӣ, риояи меъёрҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, ҳифзи арзишҳои маънавӣ, тарбияи ватандӯстӣ арзёбӣ менамоянд.

Ҳанӯз дар ибтидои асри гузашта дар робита ба нақшу мавқеи матбуот яке аз аввалин рӯзноманигорон ва саромадони матбуоти тоҷик устод Садриддин Айнӣ  чунин гуфта буд: «Рӯзномаи ҳар қавму миллат забони эшон аст ва ҳар қавму миллате, ки рӯзнома надорад, гӯё забон надорад» [52, с.150]. Боиси ифтихор аст, ки бештар аз сад сол пеш, аниқтараш 11-уми марти соли 1912 аввалин рӯзномаи тоҷик зери унвони «Бухорои Шариф» чоп гардид. Ин санаи таърихӣ дар ҳаёти сиёсию иҷтимоии мардуми мо як ҳодисаи муҳимми фарҳангӣ ба шумор меравад. Бо назардошти ин санаи муҳимми таърихӣ гуфтан мумкин аст, ки таҷлили рӯзи матбуоти тоҷик на танҳо ҷашни рӯзноманигрон, балки ҷашни миллӣ низ маҳсуб меёбад. Ба фаъолият шуруъ намудани рӯзномаи «Бухорои Шариф» як имконияти фаррох барои маорифпарварон ва маорифпарварӣ гардид. Ашхоси равшанфикр ва эҷодкор имкон пайдо намуданд, ки андешаҳои миллии худро тавассути саҳифаҳои хабарии ин рӯзнома пешкаши хонандагон гардонанд. Гузашта аз ин, чунин

иқдом имконияти хубе буд барои тарғибу ташвиқи андешаҳои маорифпарварӣ ва равшангарии зеҳну тафаккури ҷомеа.

Зикр намудан ба маврид аст, ки расонаҳои хабарӣ мавзуъҳои марбут ба сиёсат, бахусус масъалаҳои мубрами ҳаёти ҷамъиятӣ, дурнамои рушди миллӣ ва масъалаҳои мубрами давлатдориро ба сифати объекти таҳқиқ интихоб намуда, онро аз мавқеи гурӯҳҳои гуногуни сиёсӣ, манфиатҳои қувваҳои иҷтимоӣ баррасӣ мекунанд. Ба андешаи ҷомеашиноси франсавӣ Пйер Бурдиё: «Расонаҳои хабарӣ ва ҳама гуна воситаҳои ахбори омма рӯйдодҳои сиёсиро эҷод намекунанд, балки онҳо нуқтаи назари сиёсиро ташаккул медиҳанд. Аз ин рӯ, самти фаъолияти расонаҳои хабарӣ ҳамчун фазо барои ишғоли мавқеъ метавонанд муайян карда шаванд» [182, с.123].

Гуфтан бамаврид аст, ки нақши пешбарандаи расонаҳои хабарӣ ва таъсири онҳо дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ бештар аз ҳама дар ҷомеаҳои демократӣ ба мушоҳида мерасад. Ба ҳамаи он нигоҳ накарда, ки дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ расонаҳои хабарӣ ва анвои гуногуни он ба зеҳну шуури одамон таъсири амиқ расонидаанд ва дар шаклгирии афкори ҷамъиятӣ нақш доштаанд, аммо чунин нақши боризро онҳо дар ҷомеаҳои демократӣ ва системаҳои сиёсии демократӣ метавонанд иҷро намоянд. Дар ин маврид андешаҳои олими амрикоӣ Ҷ. Кин хеле бамаврид аст. Ба ақидаи ӯ: «Зеро дар ҷомеаи демократӣ воситаҳои ахбори омма ба таври зарурӣ ва бо назардошти манофеи миллӣ ниҳодина кунонида шуда, дар низоми сиёсии кишвар ва ҳифзи суботи сиёсии мамлакат ҷойгоҳи онҳо муайян карда мешаванд» [60, с.125]. Бо назардошти чунин хусусиятҳои фаъолияти ВАО онро демократию ғайридемократӣ низ номидаанд. Аммо ба назар чунин мерасад, ки ВАО-и ҷомеаи демократӣ ва ғайридемократӣ номидани онҳо ба мақсад мувофиқ аст. Гузашта аз ин, расонаҳои хабарӣ дар ҷомеаи демократӣ ҳамчун ниҳоди ҷомеаи шаҳрвандӣ маҳсуб ёфта, барои пешбурди фаъолияти иттилоотии худ имкониятҳои фаррох дорад.

Дар давлатҳои демократии ҷаҳон, новобаста аз он ки онҳо гуногунанд, бояд байни ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ робитаи мустаҳкам

барқарор карда шавад. Чунин вазифаро расонаҳои хабарӣ иҷро мекунанд ва дар сатҳи зарурӣ иртиботи сиёсии ҷомеаро таъмин месозанд. Бахусус, тавассути воситаҳои ахбори омма мавқеи неруҳои ҳукмрони ҷомеа инъикос гардида, барои мустаҳкам нигоҳ доштани сиёсати пешгирифтаи давлату ҳукумат равона карда мешавад. Дар ҳар як ҷомеа системаи сиёсӣ ва тартиботи сиёсии мавҷуда ба дастгирии омма ниёзмандӣ дорад. Ҷомеа низ сохти сиёсии мавҷударо замоне дастгирӣ менамоянд, ки агар дар бораи муҳимияту зарурияти он маълумот дошта бошанд ва аз арзишҳои таркибии он ҷонибдорӣ карда тавонанд. Сатҳи баланди ҷонибдории омма нисбат ба системаи сиёсии ҷомеа тавассути ВАО таъмин карда мешавад. Яъне, метавон қайд намуд, ВАО воситаи асосии мустаҳкам намудани пояҳои ҳокимияти расмӣ ба ҳисоб меравад.

С.В. Кузин қайд менамояд, ки: «Бо маҳдуд гардидани таъсири ниҳодҳои анъанавии таълим ва тарбия, халалдор гардидани гузариши таҷрибаи иҷтимоӣ ба насли наврас, воситаҳои ахбори омма, аз он ҷумла, ВАО чандин маротиба таъсири худро зиёд менамоянд» [75, с.20-21]. Ҳамин тариқ, одамон бо ҷараёнҳои мухталифи иттилооти иҳота карда мешаванд, миқдори воситаҳои нави коммуникатсия ва ҳаҷми пешниҳоди иттилооти мухталиф ба маротиб боло меравад. Чунин ҳолат ба коркарди тарҳҳои нави коммуникатсияи байнишахсӣ ва иҷтимоӣ, тарҳҳои нави қабули ВАО оварда мерасонад.

Дар алоқаманди бо муҳим гардидани нақши ВАО дар тарбияи насли наврас М.С. Ивченкова таъкид менамояд, ки: «Маҳз ба воситаҳои ахбори омма, махсусан ба ВАО вазифаи паҳни ғояҳо, усулҳои асосии ҷомеаи шаҳрвандӣ, услуб ва хусусиятҳои фаъолияти он гузошта мешавад. Маҳз ВАО ҳавасмандии одамонро ба фаъолнокӣ бедор намуда, онҳоро ба фаъолияти мусбӣ дар самти мазкур сафарбар менамояд» [195, с.68].

Е.П. Прохоров фаъолияти воситаҳои ахбори оммаро таҳлил намуда, якчанд сабабҳои муроҷиат намудани одамонро ба ВАО муайян намудааст. Ба андешаи ӯ: «Дар маводҳое, ки расонаҳои хабарӣ чоп мекунанд, хонандаро маҳз таҳлил ва пурраву ҳаматарафа будани иттилоот ҷалб менамояд» [117,

с.161-162]. Дар ҳолати муроҷиат намудан ба ВАО саъйу кӯшиши самтгирӣ ба ҳодисаву воқеаҳо, дарк намудани қонуниятҳои ҳаёт аввалиндараҷа аст. Сипас, ин хоҳиши аз худ намудани иттилооти мухталиф мебошад. Воситаҳои гуногуни иттилоотӣ, масалан радио ва телевизион, пеш аз ҳама, кӯшиши ба даст овардани иттилооти фавриро қонеъ менамояд.

ВАО, чун қоида, ба шарҳу эзоҳи амиқи ҳодисаву падида, ки пештар дигар воситаҳои ахбори омма иттилоот дода буданд, такя менамояд. Чӣ тавре, ки мебинем, бартарии ВАО дар он зоҳир мегардад, ки матнҳои рӯзномаву маҷаллаҳо талаботи иттилоотии одамонро бо шарҳу эзоҳи ҳодисаҳои зиёди сиёсӣ қонеъ менамояд.

Чунин вазъиятро О.А. Булига таҳлил намуда, қайд менамояд, ки: «Барои қонеъ намудани талаботи одамон бо иттилоот, ки бо шарҳу эзоҳоти амиқ ҳамроҳӣ карда мешавад, ба рӯзномаву маҷаллаҳо зарур аст, ки ба синну сол ва майлу рағбати муаллифон ва хонандагони худ, ки ба таври динамикӣ ва босуръат тағйирёбанда аст, мувофиқ бошад. Лекин дар шароити имрӯза маводҳои таҳлилии аксарияти рӯзномаву маҷаллаҳо дилгиркунанда шуморида мешаванд» [183, с.12].

Дар шароити имрӯза, ниҳодҳои ВАО кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки маълумот ва иттилооти мухталифро дар саҳифаҳои худ ҷой диҳанд, то диққати мардумро ба худ ҷалб намоянд. Ба хотири бештар намудани таваҷҷуҳи одамон, ВАО, аз алоқаҳои ҷавобӣ истифода намудани мазмуну мундариҷаи иттилооти худро ба талаботи ҷомеа мувофиқ мегардонанд.

Дар фаъолияти амалии худ воситаҳои ахбори омма, асосан аз ду воситаи асосии таъсиррасонии иттилоотӣ: муттасил ва лаҳзагӣ истифода менамоянд. Воситаи якум хоси ВАО аст, ки ба таври муттасил ва ҳаматарафа дар маводҳои худ ин ё он проблемаи сиёсиро таҷассум менамоянд. Воситаи дуюм, асосан дар телевизион ва радио паҳн гардидааст, ки дорои хусусиятҳои худ буда, барои истеъмолгарони иттилоот дар дарки моҳияти ин ё он ҳодисаву воқеа ё раванд мушкилоти муайянро бунёд менамояд. Маҳз ин воситаи паҳни иттилоот ба рӯзноманигорон имконияти иловагии тақаллуби хонандагонро

пешниҳод менамояд. В.Р. Маркарян дар таҳқиқоти худ масъалаҳои мазкур ба таври муфассал таҳқиқ намуда, нисбат ба баъзе хусусияти фаъолияти рӯзноманигрон чунин ибрози андеша намудааст: «Дар чунин ҳолат, рӯзноманигорон ба ҷанбаҳои дувуминдараҷаи ҳодисаву падида диққат дода, оид ба ҷанбаҳои асосӣ ва воқеии он хомуширо пеша мекунанд» [167, с.11-12].

Қайд намудан зарур аст, ки истифодаи воситаи лаҳзагии паҳни иттилоот бо мақсади тақаллуби шуури одамон дар шабакаҳои иҷтимоӣ ба авҷи аълои худ расидааст. Дар асоси маводи ин шабакаҳо, ҳатто хонандаи таҷрибадор дар ташаккули тасаввуроти пурраи ҳодисаву воқеаҳои ва равандҳои сиёсӣ ба мушкилӣ рӯ ба рӯ мешавад.

Барои дарки хислати қонеъгардии шавқу рағбати хонандагон тариқи воситаҳои ахбори омма, муҳаққиқ В. Звоновский пешниҳод менамояд, ки: «Мафҳуми фазои манфиатҳо мавриди истифода қарор дода шавад. Маҳз ин мафҳум ҳамон соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиро тавсиф менамояд, ки одамон нисбати иттилоот дар бораи он шавқу рағбат зоҳир менамоянд. Нишондиҳандаи асосӣ барои муайян намудани фазои манфиатҳо пуршиддатии шавқу рағбат ба ҳодисаву падидаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ баромад менамояд» [194, с.55].

Дуруст аст, ки шиддатнокии шавқу рағбат метавонад мухталиф бошад: аз як тараф шиддатнокии шавқу рағбат сатҳи муҳимиятии ин ё он соҳаи ҷамъиятиро дар шуури инфирод муайян менамояд; аз тарафи дигар, шиддатнокии шавқу рағбати инфирод нисбати ҳатто як соҳаи алоҳида метавонад мухталиф бошад. Чунин шиддатнокии шавқу рағбат дар асоси мавҷудияти ҳодисаҳои кӯтоҳмуддат дар ин соҳа, ки шавқу рағбати одамонро сафарбар менамояд, ба миён меояд. Дар чунин ҳолат метавон баргузории интихоботро ҳамчун мисол таъкид намуд.

Сиёсат, чӣ тавре, ки натиҷаи аксарияти таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, соҳаи афзалиятноки шавқу рағбати одамон, махсусан ҷавонон ба ҳисоб намеравад, гарчанде таъсири он ба ҳаёти тамоми одамон эҳсос карда мешавад. Н.В.Черних ба сабабҳои пайдоиши чунин вазъият диққат дода, чунин қайд

менамояд: «Ба пайдо шудани чунин вазъият, аз бисёр ҷиҳат, сиёсати як қатор воситаҳои ахбори оммаи тиҷоратӣ гунаҳкор ҳастанд, ки вазифаи ташаккули чаҳони маънавии бемаънавиётро иҷро менамоянд. Паҳн гардидани шабакаи интернет, ки ба таври фаъол аз тарафи тамоми одамон аз худ карда мешавад, як қатор мушкилиҳоро дар самти назорати ташвиқоту тарғиботи афкори иртиҷоӣ ба миён меорад» [151, с.16-17]. Қайд намудан зарур аст, ки дар натиҷаи мавҷуд набудани шавқу рағбат ба сиёсат, ба худшиносии одамон, аз он ҷумла ҷавонон таъсири манфӣ мерасонад.

Яке аз масъалаҳои муҳим дар таҳқиқи фаъолияти ВАО - масъалаи натиҷанокии фаъолияти онҳо ба ҳисоб меравад. Дар баҳогузории фаъолияти матбуоти даврӣ аз тарафи муаллифони гуногун мафҳуми «натиҷанокӣ» мавриди истифода қарор дода шудааст. Натиҷанокӣ ин хусусияти нисбӣ буда, аз мувофиқати нишондиҳандаҳои мухталиф вобаста аст. Дар чунин ҳолат, натиҷанокӣ ҳамеша мушаххас аст, бояд донист, ки оид ба кадом навъи он дар ҳолати алоҳида сухан меравад ё кадом навъи натиҷанокӣ нисбат ба вазъияти мушаххаси таҳқиқотӣ ё амалӣ муҳим аст. Барои мисол, Е.П. Прохоров натиҷанокиро ба таври зерин тавсиф намудааст: «Натиҷанокӣ ин сатҳи бадастории мақсадҳои рӯзноманигорӣ, ки ба талаботҳои ҷомеа ба иттилооти оммавӣ бо назардошти имкониятҳои воқеии ҳам «истеҳсолкунандагон» ва ҳам «истеъмолкунандагон» мувофиқ аст, ба ҳисоб меравад» [117, с.239].

Дар асоси таҳлили фаъолияти ВАО, метавон ду навъи натиҷанокии фаъолияти онҳоро ҷудо намуд, ки онҳо бевосита бо мақсадҳои пешгузошташуда алоқаманд мебошанд:

- ба таври мунтазам ба даст овардани натиҷаҳои мусбӣ дар таъсиррасонӣ ба афкори омма;

- ба таври мақсаднок ҳимоя намудани манфиатҳои сиёсии одамон дар ҳолати таъсир расонидан ба ниҳодҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ.

Олимону пажӯҳишгарон натиҷанокии фаъолияти расонаҳои хабариро ба инобат гирифта, дар атрофи таъсири онҳо ба хонандагону шунавандагону бинандагон суҳбат мекунанд. Масъалаи таъсиррасониҳои расонаҳои хабарӣ

ва таъсирнок будани матлаби пешниҳодменамудаи онҳо доимо дар маркази таваҷҷуҳи пажӯҳишгарон қарор дорад. Албатта, васоити ахбори омма дар ҷаҳони муосир дар ҳаёти иҷтимоию сиёсии ҷомеа нақши муҳим доранд. Дар айни замон, зарур аст, ки мундариҷа ва самти фаъолияти ВАО бо назардошти тағйирот дар низоми сиёсии ҷомеа, инчунин демократикунонии тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла ҷанбаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва маънавӣ аз нав дида баромада шавад. Васоити ахбори омма воситаи пурқувватест, ки метавонад вазифаҳои гуногуни сиёсати давлатиро, ки ба таъмини ҷомеа бо маълумоти дуруст, пурра ва объективӣ равона шудаанд, самаранок ҳал кунад. Вазифаҳои дар назди ВАО гузоштаи давлат бояд дар доираи такмили шаклҳо ва усулҳои кори ин ниҳоди ҷамъиятӣ ҳал карда шаванд.

Дар чунин шароит таъсири мутақобилаи расонаҳои хабариро мушоҳида кардан мумкин аст, ки онҳо ба ҳамдигар равона мекунанд ва як навъ рақобат дар байни онҳо мушоҳида мегардад. Хоҳу ноҳоҳ дар ҷомеаи демократӣ дар байни расонаҳои хабарӣ рақобати иттилоотӣ ба амал меояд. Фаъолияти онҳое, ки дар фазои иттилоотии ҷомеа натиҷанокии бештар дорад, хонандаву ҷонибдори бештар пайдо менамояд. Бинобар ин, ҳар як расонаи хабарӣ ба масъалаи баланд бардоштани натиҷанокии фаъолияти худ диққати доимӣ медҳанд. Ҳамин тариқ, натиҷанокии фаъолияти ВАО аз самаранокӣ ва амалнокӣ ташаккул меёбад. Қайд намудан зарур аст, ки ба ин мафҳумҳои дар нигоҳи аввал синоним, муаллифон мазмуну мундариҷаи мухталифро алоқаманд менамоянд.

Матни нашрияҳои ВАО метавонанд ҳам ба хонандагони оммавӣ ва ҳам ба ниҳоди иҷтимоӣ-сиёсӣ таъсир расонанд. Оид ба самаранокии ВАО дар ҳолати таъсиррасонии он ба оммаи мардум сухан меронанд. Зери мафҳуми амалнокӣ натиҷаи таъсири ВАО ба ниҳодҳои мухталифи сиёсӣ ва иҷтимоӣ фаҳмида мешавад. Воқеият нишон медиҳад, ки аксарияти маводҳои дар ВАО нашршаванда, ҳам ба омма ва ҳам ба ниҳодҳои сиёсиву иҷтимоӣ таъсир

мерасонанд ва бо ин васила ҳам дорои сатҳи самаранокӣ ва ҳам дорои сатҳи амалнокӣ мегарданд.

Ҷудо намудани натиҷанокӣ ба навъҳои алоҳида дар асоси таъсиррасонӣ, имконият медиҳад, ки ниҳодҳои алоҳидаи ВАО ба таври дақиқ самтгириҳои саъйу кӯшиши худро муайян намоянд ва ба таври мувофиқ натиҷаҳои бадастомадаро баҳогузорӣ намоянд. Қайд намудан зарур аст, ки самаранокӣ боварии сатҳи баланди хонандагонро ба ниҳоди алоҳидаи воситаҳои ахбори омма таъмин менамояд, амалнокии баланд бошад, боси мустаҳкам гардидани обруву эътибори ниҳоди алоҳидаи воситаҳои ахбори омма мегардад.

Натиҷанокии таъсири оммавӣ-иттилоотӣ аз бисёр ҷиҳат аз рӯзноманигор, аз омилҳои дигар, ки бояд дар раванди тайёр намудани мавод барои нашр ба инобат гирифта шаванд, вобаста аст. Фаъолияти расонаи хабарӣ барои амалӣ намудани мақсадҳои мушаххас равона карда мешаванд. Иттилооте, ки расонаи хабарӣ паҳн менамояд, тобеи манфиатҳои мушаххас аст. Бинобар ин, дар сатҳи ҷомеа ниҳодина гардонидани фаъолияти онҳо имкон медиҳад, ки расонаҳои хабарии дар ҳудуди кишвар амалкунанда тобеи манфиатҳои миллӣ гардонида шаванд, ҳеҷ набошад, фаъолияти онҳо бояд дар самти амалишавии манфиатҳои миллӣ бояд монеа эҷод накунанд. Тавре дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» оварда шудааст: «Рӯзноманигор - шахси воқеиест, ки ба ҷамъоварӣ, таҳрир ва омода намудани ахбору мавод барои редаксияи воситаҳои ахбори омма машғул буда, бо ин редаксия тавассути шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ ё дигар муносибатҳои шартномавӣ алоқаманд аст ва аз рӯи ваколати ба ӯ додашуда фаъолият менамояд ва ё узви иттиҳодияҳои касбии журналистон мебошад» [12].

Редаксияи ВАО ҳамеша назди худ мақсади мушаххас мегузорад, муваффақияти фаъолияти он бо сатҳи амалӣ гардидани ин мақсад муайян карда мешавад. Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» редаксияи воситаҳои ахбори омма чунин муайян гардидааст: «Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ё ташкилотҳои

(зерсохторҳои) онҳо, ки нашри воситаи ахбори оммаро амалӣ мегардонанд» [12].

Бояд тазаккур дод, ки сатҳу сифати амалишавии мақсадҳо нишондодҳое мебошанд, ки бо ёрии онҳо натиҷанокии фаъолияти расонаҳои хабариро муайян кардан мумкин аст. Дар чунин шароит таносуби имкониятҳои мавҷудо бо дурнамои татбиқи мақсадҳои ВАО низ бояд ба инобат гирифта шавад. Бинобар ин, натиҷанокии фаъолияти ВАО таносуби мақсад, имкониятҳо ва натиҷаҳои интизориест, ки бояд ба даст оянд. Мутобиқан, самаранокии фаъолияти ВАО ин натиҷаи бадастории мақсад дар таъсиррасонӣ ба хонандагон ба ҳисоб меравад.

Мафҳуми «самаранокӣ» дар доираи илмҳои гуногун омӯхта мешавад. А.А.Становов қайд менамояд, ки: «Ин мафҳум дар назарияи иқтисодӣ коркард гардида, ҳамчун мутобиқати байни натиҷаи бадастомада ва хароҷот фаҳмида мешуд» [129, с.15]. Сипас ин мафҳум дар назарияи идоракунӣ рушд намуд, ки ба таркиби он ба сифати унсури ҳатмӣ бадастории мақсад ворид карда шуд. Илми идоракунии кормандон фаҳми механикии самаранокиро тариқи бадастории расмии мақсад тағйир дода, мафҳуми «самаранокии иҷтимоӣ» – ро пешниҳод намуд, ки дар доираи он ҳар як дигаргунӣ дар созмон дар асоси қонеъ гардидани интизориҳои талаботҳо ва манфиатҳои кормандони он баррасӣ карда мешуд.

Самаранокии сиёсии таъсиррасонии ВАО ба истеъмолкунандагон натиҷаи амалӣ намудани мақсадҳои мушаххаси сиёсӣ мебошад, ки ниҳодҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ дар назди тамоми ниҳодҳои воситаҳои ахбори омма мегузоранд. Онҳо сатҳи бадастории мақсадҳои гузошташударо тасниф менамоянд, ки дар асоси ба инобат гирифтани талаботҳои истеъмолгарон ба иттилооти оммавӣ ва бо он имкониятҳое, ки ВАО дорад, муайян карда шудаанд.

Қайд намудан зарур аст, ки самаранокии сиёсии фаъолияти ВАО ин мутобиқати натиҷаи бадастомада ба мақсадҳои гузошташуда нисбати

мустаҳкам намудан ё тағйири афкори омма ва рафтори сиёсии одамон мебошад.

Дар навбати худ, амалнокӣ – ин натиҷаи амалӣ намудани манфиати гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ аз тарафи ниҳодҳои сиёсӣ, ки дар саҳифаҳои ВАО таҷассум гардидаанд (амалнокӣ – натиҷаи таъсиррасонӣ ба институтҳои сиёсӣ / мақсади таъсиррасонӣ ба ниҳодҳои сиёсӣ), ба ҳисоб меравад. Амалнокии баромади ВАО ба ҳамон андозае, ки натиҷаи бадастомада ба мақсалҳои гузошташуда мувофиқ бошад, баланд аст.

Воситаҳои ахбори омма, дар фарқият аз се шохаи ҳокимият, наметавонад ба касе амру фармоиш диҳад. Он метавонад, ки тариқи воситаҳои интишорӣ далел ё падидаи ҳодисаву воқеаҳои иытимоию сиёсиро тасдиқ ё маҳкум намояд, бо воситаҳои маънавӣ-боваркунонӣ ниҳодҳои ҳокимиятро ба амали оқилона аз нуқтаи назари худ, водор намояд. Яроқи матбуот – обрӯву эътибори интишоротии он мебошад [61, с.12].

Пешниҳодҳо, маслиҳатҳо, тавсияҳо ва талаботҳо, ки дар маводҳои ВАО ҷой дода шудаанд, бояд аз тарафи сохторҳои ҳокимият ба назар гирифта шаванд. Омӯзиш ва амалӣ намудани онҳо аз тарафи шахсони мансабдор ва ташкилоту мақомотҳои давлатӣ, ки дар ҷавоб додан ба маводҳои ВАО масъуланд, ҷавоби ҳатмӣ дар ҷомеаи демократӣ ба ҳисоб меравад.

Нуқтаи ибтидоии омӯзиши назариявӣ ва ченаки амалии натиҷанокии сиёсӣ муайян намудани мақсади фаъолияти рӯзномаву маҷаллаҳо нисбати таъсиррасонӣ ба оммаи мардум ва ниҳодҳои сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Бидуни муайян намудани мақсад гузориши масъала оид ба натиҷанокӣ маъно надорад. Бадастории сатҳи баланди натиҷа ва мувофиқан сатҳи баланди натиҷанокии сиёсӣ аз бисёр ҷиҳат аз гузориши мақсади даркшуда, асоснок ва иҷрошаванда вобаста аст, ки аз тарафи ВАО дар давраи муайяни фаъолият амалӣ карда мешавад. Маҳз бо муайян намудани мақсад фаъоляти маҳсулнок нисбати таъсиррасонӣ ба афкори омма ва рафтори одамон ва сиёсатмадорон оғоз мегардад.

Мақсади гузошташуда нисбати масъалаи сиёсӣ, ки нисбати ин масъала ташаккули афкори омма зарур аст, баррасӣ карда мешавад. Субъектҳои сиёсат дар асоси дарки воқеии вазъияти ҷойдошта амал менамоянд, назди ВАО мувофиқ ба масъалаи сиёсии ҷойдошта мақсад мегузоранд. Аз ин хотир, дар раванди фаъолияти худ ВАО кӯшиш менамояд, ки мақсадҳои пешгузошташударо иҷро намояд.

Дар фаъолияти ВАО мақсад дорои хислати бисёрсатҳа мебошад. Дар муайян намудани мақсади ниҳоии ВАО чунин нишондиҳандаҳо, ба монанди масъалаи ҳаҷм, зинабандӣ ва муносибати мақсадҳои имконпазир муҳим арзёбӣ карда мешаванд. Олими рус И. Фомичева иброз медорад, ки: «Мақсади фаъолияти ВАО ба таври оммаӣ ва мақсади рӯзноманигори алоҳида дорои тартиби ягона нестанд. Дар вобастагӣ аз ҳаҷми фаъолият - мушахассият, давомнокии мақсад, мутобиқати он бо мақсади сатҳҳои дигар муайян карда мешавад» [232, с.27]. Рӯзномаву маҷаллаҳои даврӣ метавонанд мақсадҳои «бузург», «хурд», «иҷрошаванда», «иҷронашаванда», мутобиқ ва номутобиқ ба талаботҳои объективиро пеша намоянд.

Мақсад танҳо дар ҳамон ҳолат «нуқтаи ибтидоии» муайян намудани натиҷанокӣ баромад менамояд, агар ба таври амиқ ва саҳеҳ манфиатҳои иҷтимоии ниҳодҳои сиёсӣ ва гурӯҳҳои бузурги иҷтимоиро таҷассум намуда бошад. Ба таври оммаӣ, механизми таъсири шавқу рағбатро ба коркарди мақсади фаъолияти ҷамъиятиву сиёсӣ баррасӣ намуда, Л.Е. Илъичев чунин қайд менамояд, ки: «Шавқу рағбати сиёсӣ ин муносибати интихобии инсон бо ин ё он падида, ҳодиса, раванди сиёсӣ, фаъолияти сиёсӣ аст, ки дар усулҳои ҷоҳонбинӣ, боварӣ ва муқарраротасос ёфтааст. Ин ҳамон сарчашмаи дохилии даркшудаи рафтори сиёсӣ аст, ки инсонро ба гузоштани мақсадҳои муайяни сиёсӣ ва амалҳои мушаххаси сиёсӣ барои бадастории онҳо водор менамояд» [50, с.12].

Ҳар як таъсиррасонии расонаҳои хабарӣ самараи муайян дорад, ки метавонад таъсири мусбат ё манфӣ, бевосита ё бавосита бошад. Таъсири мусбат расонидан ба шуур ва рафтори одамон мақсади ниҳоии расонаҳои

хабариро ташкил медиҳанд. Аммо то кадом андоза ин мақсад мусбат аст, онро аз мавқеи субъектҳои ВАО баҳогузорӣ менамоянд. Зеро як хабаре, ки ин ё он расона паҳн мекунад, метавонад барои худи он мусбат бошад, аммо барои ҷомеа метавонад таъсири манфӣ расонад. Айни замон иттилооте, ки қисме аз расонаҳо дар фазои маҷозии интернет паҳн мекунанд ба афкори ҷамъиятӣ, шуури ҷавонон ва зеҳну тафаккури наврасон таъсири манфӣ мерасонанд. Аммо худи моликони расонаҳои хабарӣ онро чунин намешуморанд. Бинобар ин зимни баҳогузорӣ намудани натиҷанокии фаъолияти расонаи хабарӣ бояд чунин омилҳо низ ба инобат гирифта шаванд. Яке аз олимоне, ки ба пажӯҳиши ин паҳлуи масъалаи машғул гардидааст, муҳаққиқи рус Е.П. Прохоров мебошад. Ӯ дар таҳқиқоти худ ба хулосае меяод, ки: «Дар чунин ҳолат зери мафҳуми тағйиротҳои мусбӣ – ташаккули унсурҳои нав, дигаргуниҳо, рушд, ғанигардӣ дар самти зарурӣ, бартараф намудани унсурҳои манфӣ, зараровар, монеавӣ дар рушди ҷомеаи мазкур фаҳмида мешавад» [116, с.23].

Барои ВАО муайян намудани натиҷаҳои бадастомада муҳим аст. Қайд намудан зарур аст, ки нишондиҳандаи асосии маҳсулнокии фаъолияти ВАО на натиҷаҳои ҷорӣ, балки натиҷаи ниҳоӣ ба ҳисоб меравад. Ҳар як нашрияи ВАО кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки натиҷаи ниҳоии мусбиро ба даст орад. Лекин, баръакси талаботҳои ҷорӣ ва манфиатҳои объективӣ, тариқи тақалуби шуур, махсусан тариқи ВАО метавон натиҷаҳои дигарро, ки одатан ба натиҷаҳои мухолиф оварда мерасонад, ба даст овард [108, с.112].

Нишондиҳандаи муҳимми муайян намудани самаранокӣ ва амалнокии фаъолияти ВАО сатҳи қонеъ гардонидани шавқу рағбати сиёсии воқеии субъект ва объекти ҳокимият ба ҳисоб меравад. Аммо муҳаққиқи рус А.А. Вилков муътақид аст, ки: «Дар шароити имрӯза натиҷаҳои воқеӣ бо таъсири доимии технологияҳои коммуникатсионӣ иваз карда мешаванд, ки ба руйпуш намудани барномаҳои амалинагардида ва шиору ваъдаҳо оварда мерасонад ва одамонро аз сабабҳои воқеии вазъияти душвори онҳо ва мушкилоту проблемаҳои доимӣ дур менамояд» [26, с.13].

Натиҷаи таъсири ВАО аз ҳолатҳо ва омилҳои гуногун вобаста аст. Навобаста аз чӣ гуна будани натиҷа (мусбӣ, манфӣ, қонунӣ, тасодуфӣ) зарур аст, ки шароит, омил, захираҳо ва оммаан тамоми ҷанбаҳое, ки ба пайдоиши он мусоидат намудаанд, ошкор карда шаванд. Ба таври оммаӣ метавон шароит ва омилҳоро, ки ба самаранокӣ ва амалнокии фаъолияти ВАО таъсир мерасонанд, ҷудо намуд: мавқеи иҷтимоӣ-сиёсии редаксияи рӯзнома ва маҷалла; сатҳи касбияти рӯзноманигорон ва муаллифон аз мақомоти ҳокимиятӣ ва оммаи мардум; хусусиятҳои талаботҳои иттилоотӣ, шавқу рағбат ва афзалияти гурӯҳҳои бузурги иҷтимоӣ; хислати вазъият, ки дар он коммуникатсия ба миён меояд.

Дар омӯзиши самаранокӣ ва амалнокии ВАО муҳаққиқон аз ду муносибати илмӣ истифода менамоянд, ки дорои заминаҳои муайяни назариявӣ буда, дар таҳқиқотҳои мухталифи сиёсӣ мавриди истифода қарор дода мешаванд. Муносибати якум ба омӯзиши тағйиротҳои воқеӣ, ки дар ҷомеа зери таъсири низоми воситаҳои ахбори омма ба миён омадаанд, равона карда шудааст. Таъсири ВАО хусусияти коммулятивӣ, яъне ҷамъшаванда доорад. Ин таъсиррасони дар ҳамон ҳолат зиёд мегардад, ки таъсиррасонии иттилоотии ба ин ё он нафари мансабдор ё дигар падида ва ҳодисаи сиёсӣ устувор ва дарозмуддат аст.

Дар ҳолате, ки тамоми нашрияҳои ВАО дар якҷоягӣ ва бо мувофиқа намудани мавқеи худ фаъолият менамоянд, таъсири онҳо зиёд мегардад. М.С. Ивченкова иброз медорад, ки «Самаранокии таъсиррасонӣ дар ҳамон ҳолат баланд мегардад, ки муддати тулонӣ ин ё он назарияи ғоявӣ, ҳатто ба миқдори маҳдуд, дар саҳифаҳои ВАО нашр мешавад» [195, с.68-69]. Дар робита бо ин масъала қайд намудан зарур аст, ки дар омӯзиши таъсири комулятивии матбуоти davriро ҳамчун «натиҷаи маҷмӯавӣ» –и таъсири ғоявӣ меноманд.

Муносибати дуюм омӯзиши «натиҷаҳои алоҳида»-ро дар фаъолияти нашрияҳои ВАО пешниҳод менамояд. Дар алоқамандӣ бо ин масъала андешаҳои Е.П. Прохоров хеле ҷолиби диққатанад. Ӯ дар ин бора қайд мекунад, ки: «Метавон воситаҳоро барои муайян намудани самаранокии

рӯзнома, маҷалла, барномаи радио, телевизион, баҳогузории самаранокии ин ё он бахши пешбар ва ғоявӣ-мавзӯӣ, навъҳои мавод, роҳбарони редаксияҳо, муаллифонро дар давраҳои мухталифи фаъолият коркард намуд» [116, с.179-180].

Дар чунин ҳолат муваффақият ё нокомӣ на ба таври оммавӣ, балки нисбати ҳар як нашрияи ВАО, дар асоси талаботҳо ва шавқу рағбати воқеии субъектҳои сиёсат ба иттилооти дорои хислат ва мундариҷаи гуногун муайян карда мешавад. Барои ошкор намудани натиҷаи фаъолияти матуоти даврӣ дар амалия нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатӣ истифода карда мешаванд. Л.Н. Федотова қайд менамояд, ки: «Дастгоҳи саҳеҳи математикӣ вуҷуд надорад, ки муайян намудани самаранокии ниҳоиро таъмин намояд» [145, с.219]. И.А. Крамаренко пешниҳод менамояд, ки «Самаранокиро наметавон бевосита дар шакли миқдорӣ муайян намуд, зеро на таъсири иҷтимоӣ, на арзиши иҷтимоиро дар ченаки ягонаи миқдорӣ муқоиса намудан ғайриимкон аст» [73, с.37]. Лекин барои ченаки ғайримустақими самаранокии иҷтимоӣ як қатор нишондиҳандаҳои миқдорӣ истифода карда мешаванд, масалан давомнокии миёнаи ҳаёт, миқдори донишҷӯён барои ҳар ҳазор нафар ва ғайраҳо.

Қайд намудан зарур аст, ки нишондиҳандаи оммаиэътирофгардидаи натиҷанокии фаъолияти ВАО ва дигар ниҳодҳои воситаҳои ахбори омма ҳаҷм ва микдори истифрдабарандогон, ки воситаи иттилоотӣ бо таъсиррасонии иттилоотии худ фаро мегирад, шуморида мешавад. Барои ВАО ин воҳид ба таври шарти тариқи миқдори нусхаи нашр баҳогузорӣ карда мешавад.

Миқдори нусхаи нашр метавонад талаботи хонандагонро ба ин сарчашмаи иттилоот таҷассум намояд, лекин он оид ба имконияти ин сарчашма, хислат ва самтҳои таъсиррасонӣ ба одамон маълумоте дода наметавонад. Натиҷаҳои таъсири сиёсии ВАО ба одамонро метавон танҳо нисбат ба вазъияти мушаххаси иҷтимоиву сиёсӣ баҳогузорӣ намуд.

Воситаҳои ахбори омма, аз он ҷумла ВАО дар ҷомеа вазъияти муайяни иттилоотиву ғоявиро бунёд менамоянд, ки метавонад ба ташаккул ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ мусоидат намояд, ё баръакс ба ин раванд монеа эҷод

намояд. Амалҳои мухталифи шаҳрвандиро таҳлил намуда, оид ба мақсад ва натиҷаи фаъолияти оммаиятҳои мухталифи худидоракунӣ нақл намуда, ВАО метавонанд ба ҷомеа дар ташаккули муносибати мусбӣ ба проблемаҳои ҳимоя намудани ҳуқуқҳои худ, ҳифзи манфиатҳои худ, ҳам дар сатҳи шаҳрванди алоҳида ва ҳам дар сатҳи дастиҷамъӣ кӯмак намоянд.

Нашрияҳои ВАО бояд на танҳо ба он, ки гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ аз рӯзномаву маҷаллаҳо иттилооти муайянро ба даст оранд, балки дар он, ки одамон сифатҳои мушаххаси шаҳрвандиро аз худ намоянд, ҳавасманд бошанд.

ВАО ба тариқи муфассал раванду ҳодисаҳои мухталифи инкишофи ҷомеаро таҷассум менамояд. Қайд намудан зарур аст, ки дар давлати демократӣ, имкониятҳои васеи инкишофи мабуот ҷой дорад, нерӯҳои гуногуни сиёсӣ баҳри пешбурди фаъолияти худ, аз ВАО васеъ истифода менамоянд. Дар ин самт, нерӯҳое, ки дар раванди муборизаи сиёсӣ, аз усул ва воситаҳои иртиҷоӣ истифода менамоянд, низ метавонанд аз ВАО васеъ истифода намоянд.

Як қатор олимон масъалаҳои гуногуни фаъолияти расонаҳои хабариро дар доираи назарияи матбуот таҳлилу баррасӣ менамоянд. Дар доираи назарияи матбуот масъалаи рушди иртиботи сиёсӣ мавқеи намоён дорад. Ҳам матбуоти даврӣ ва ҳам дигар анвои расонаҳои хабарӣ, чи гунае, ки дар боло ишора гардид, барои таъмини иртиботи сиёсии байни ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ хизмат менамояд. Расонаи хабарӣ ин нақши худро чи гуна иҷро мекунад ва дар кадом шароити ин навъи фаъолиятро ба амал мебарорад, аз омилҳои мухталиф вобастааст. Инчунин назарияи матбуоти даврӣ ба масъалаи таъсири иттилоотии расонаҳои хабарӣ ба шуур ва рафтори одамон диққати зиёд медиҳад. Шарту шароити ба амал баровардани чунин таъсиррасонӣ яке аз масъалаҳое мебошад, ки бояд фаъолнокӣ ва натиҷанокии расонаи хабариро ифода карда тавонад. Ба ҳар ҳол зимни омӯзиши самаранокии фаъолияти ВАО онҳоро метавон тариқи баррасии назарияи матбуот, ки дар доираҳои илмӣ эътироф гардидааст, пайгирӣ намуд. Асосҳои

дарки илмии нақш ва мавқеи воситаҳои ахбори омма, аз он ҷумла ВАО дар ҷомеаи муосир дар асари се назарияпардоз ва муаррихони матбуоти америкоӣ Ф.С. Сиберта, У. Шрамм ва Т. Питерсон «Чор назарияи матбуот» гузошта шудааст [125, с.223].

Тамоми назарияҳои матбуот аз мутобиқат бо назарияи озодии сухан ва назарияи масъулиятшиносии иҷтимоӣ бармеояд. Дар ин чор назария масъалаи масъулияти матбуот дар назди ниҳодҳои сиёсӣ ҳалли худро ёфта, бо он сохторҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ, ки дар доираи онҳо матбуот фаъолият менамояд, мутобиқ гардонида шудааст. Қайд намудан зарур аст, ки аксарияти муқаррароти ин назарияҳо то ба имрӯз муҳимияти худро нигоҳ медоранд.

Ҳамин тариқ, омӯзиши илмии матбуоти даврӣ, расонаҳои хабарӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма нишон медиҳад, ки барои баланд бардоштани самаранокии фаъолият ва натиҷанокии таъсиррасонии онҳо омилҳои гуногун бояд ба инобат гирифта шаванд. Дар маҷмуъ, омилҳои мазкурро ба таври хулоса ва мухтасар дар шакли зерин натиҷагирӣ намудан мумкин аст:

- воситаҳои ахбори омма, дигар анвои расонаҳои хабарӣ, бахусус матбуоти даврӣ дар раванди сиёсии ҷомеа нақши муҳим доранд. Онҳо ҳамчун ифодагари манфиатҳои гуногун дар ташаккули рафтори ғоявӣ, шаклдиҳии ҳувияти сиёсию иҷтимоии одамон, муқаррар намудани мансубияти сиёсию идеологии шаҳрвандон, тағйир додани ҷаҳони андешаи инсон, мусбат гардонидани майлнокии рафтори одамон таъсири амиқ мерасонанд;

- дар маҷмуъ тамоми назарияҳо ва таълимотҳои мактабҳои илмии муосирро шартан муаллифон дар чор назарияи асосии матбуот муттаҳид месозанд: авторитарӣ, тоталитарӣ, либералӣ, масъулияти иҷтимоӣ;

- назарияи авторитарӣ матбуотро ҳамчун «хизматгори давлат» баррасӣ менамояд, ки дар назди гурӯҳи ҳукмрон нисбат ба он чизе, ки менависад ва паҳн менамояд, масъул аст. Ин назария тарҳи ибтидоии аксарияти низомҳои миллии матбуотро муайян намуда, то ба имрӯз дар кишварҳои алоҳида мавҷуд аст.

Яке аз шаклҳои назарияи авторитарӣ, бо гузашти вакт ба тарҳи мустақил назарияи шӯравии коммунистии матбуот мубаддал гардид. Матбуоти шӯравӣ ба монанди шакли пешинаи авторитаризм воситаи ҳокимият ба ҳисоб меравад. Лекин дар фарқият аз тарҳи пешинаи авторитаризм, матбуот на дар моликияти шахсӣ, балкӣ ба давлат тааллуқ дорад. Дар ин тарҳи фаъолияти матбуот мулоҳизаҳо оварда шудааст, ки мувофиқи он мафҳуми «озодии мусбӣ» (ҳамчун манфиати ҷомеа) бо мафҳуми озодии манфӣ (ба ҷой надоштани устуворӣ ва амният барои шаҳрвандон оварда мерасонад) иваз карда шудааст;

- назарияи либералӣ мавқеи инсон ва давлатро дар мухолифи мавқеи инсон дар назарияи авторитарӣ иваз менамояд. Дар доираи ин назария инсон на ҳамчун махлуқи вобаста, ки ӯро метавон ба самти муайян равона намуд, балки махлуқи боақл тасниф карда мешавад, ки метавонад ҳақиқатро аз дурӯғ фарқ намояд. Матбуот дар ин назария ҳамчун шарики ҷустуҷӯи ҳақиқат баррасӣ карда мешавад.

Шакли нави назарияи либералӣ, ки метавонад, мувофиқи ақидаи муаллифон, ба сифати «ҳокимияти чорум» баромад намояд, назарияи масъулияти иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Ворид гардидани сармояи калон ба фаъолияти воситаҳои ахбори омма ва дар рӯзноманигорӣ пайдо шудани назароти гуногуни сиёсӣ водор намуданд, ки назарияи пешина аз нав баррасӣ гардад, ба он қоидаҳои этикӣ ворид гардад, ки нагузорад ба хотири даромади молиявӣ афкори ҷамъиятӣ идора карда шавад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ин назария дар Америка ва Британияи Кабир амалӣ гардида, барои шароити муосири ҳамкориҳои ҳокимият ва воситаҳои ахбори омма идеалӣ ба ҳисоб меравад;

- дар шароити имрӯза, дар муносибати байни ҳокимияти давлатӣ ва оммаи мардум фаъолияти ВАО омили муайянкунанда мегардад. ВАО барои ҳокимият омили устуворӣ аст, ба ҳокимият имконият медиҳад, ки ба дарозумрии сиёсӣ умед банданд. Воситаҳои ахбори омма, дар навбати худ, ба сифати хизмати ҷавобӣ, аз давлат озодии фаъолият ва тӯҳфаи молиявиро

интизор ҳастанд, ки яке аз ҳавасманднамоиҳои муҳим дар фаъолияти онҳо ба ҳисоб меравад;

- дар равандҳои сиёсии муосир муносибати байни давлат ва воситаҳои ахбори омма ҳамчун вобастагии тарафайни ду субъекти сиёсат, ки манфиатҳои муайянро пайгирӣ менамоянд, муайян карда мешавад. Амалӣ намудани ин манфиатҳо дар ҷудоӣ ва дурӣ аз якдигар ғайриимкон аст. Ҳокимият дар чунин ҳолат, вазифа ва амалҳои стратегиро коркард менамояд, матбуот бошад, фишанги нисбатан

амалноки иҷроиши онҳоро пайдо менамояд. Дар алоқамандӣ бо ин, метавон таъкид намуд, ки ҳокимияти давлатӣ ва воситаҳои ахбори омма бевосита ба ҷараёни раванди сиёсӣ таъсир расонида, аз бисёр ҷиҳат самтгирӣ ва самаранокии онро муайян менамоянд;

- дар давраи муосир падидаҳои сиёсиро аз мавқеи равандҳои иттилоотӣ таҳлил кардан зарур аст, ки аз ҷанбаҳои алоҳида вобаста аст: якум, иттилоот дар низоми сиёсии давлат нақши афзоянда дорад; дуюм, паҳнкунии оммавии технологияҳои иттилоотӣ, аз ҷумла васоити ахбори омма, ба сохтори ҷомеа таъсири бузург мерасонад, ки «фардисозӣ» ва «оммавӣ» -и он шаҳодати ин аст. Усулҳои фаъолияти ВАО бояд аз нуқтаи назари сиёсӣ, аниқтар ниҳодҳои сиёсӣ баррасӣ карда шаванд;

- ВАО ҳамчун як намуди фаъолияти иҷтимоӣ барои ҷамъоварӣ, коркард ва давра ба давра паҳн кардани иттилооти дахлдор тавассути каналҳои коммуникатсионии оммавӣ, ки як системаи интегралиро бо бисёр пайвастҳои дохилӣ ва берунӣ ташкил медиҳанд, дар солҳои охир дигаргуниҳои назаррасро аз сар гузаронидааст, ки ба назарияпардозон имкон медиҳад, ки роҳҳои минбаъдаи рушди онро ҷустуҷӯ намоянд. Роҳҳои минбаъдаи рушди ВАО метавонад дар натиҷаи ба ҳам пайвастани равандҳои иттилоотӣ бо падидаҳои сиёсӣ муайян карда шавад.

## §1.2. Таснифи ВАО ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ-сиёсӣ

Дар ҳама давру замон талаботи одамон ба иттилоот ҷиҳати ҳамоҳангсозии ҳаёт, фаъолият ва ҷустуҷуи роҳҳои муфиди ҳамкориҳои мутақобила зарур буд. Оммаияти ҳадафҳо ва ягонагии самти амал одамонро муттаҳид ва ба фаъолияти муштарак сафарбар менамуд. Бо пайдоиши матбуот ҷамъоварӣ ва паҳн намудани иттилоот сатҳу сифати пайдо намуда, боиси таҷдиди шаклҳои муттаҳидгардии одамон, самаранок гардидани фаъолияти онҳо гардид. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот» қайд гардидааст, ки: «Иттилоот ин маълумот дар бораи шахс, ашё, воқеаҳо, падидаҳо ва ҷараёнҳо сарфи назар аз шакли пешниҳоди онҳо мебошад. Фаъолияти иттилоотӣ маҷмуи амалиётест, ки барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти иттилоотии субъектҳои муносибатҳои иттилоотӣ равона гардидааст» [9].

Агар ба таърихи матбуоти тоҷик назар афканем, шоҳкориҳои рӯзноманигорон а равшанфикрони миллати тоҷикро мушоҳида карда метавонем. Дар навбати аввал дар қатори шоҳкориҳои хабарию рӯзноманигорӣ хизматҳои фикрию маънавии устод Садриддин Айниро ба ёд меорем, ки ба хотири баланд бардоштани нуфузу эътибори фарҳанги миллӣ ва эҳёи хотираи таърихӣ анҷом додааст.

Дар яке аз таълифоти худ устод Садриддин Айнӣ таъкид намудааст, ки: «Ҳар одаме, ки дуруст фикр мекунанд, медонад, ки Ватан модари ӯст, Ватан хеш ва табори ӯст, Ватан шараф ва номуси ӯст, Ватан ҳама чизи ӯ ва ҳаёти ӯст! Ватани худро мисли модари худ, ҳатто аз вай ҳам зиёдтар дӯст медорад, ӯро ҳимоят ва мудофиа мекунад» [138]. Чунин андешарониҳо бори дигар рӯзноманигорон ва фаъолони расонаҳои хабаририи ватаниро водор бар он менамояд, ки зимни пешбурди фаъолияти касбӣ ҳифзу ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва арзишҳои ватандориро дар мадди аввал гузоранд. Зикр намудан ба маврид аст, ки дар бораи таҳқиқ ва таҳлили падидаи иттилоот андешаи муҳақиқон гуногун аст ва онро ҳамчун ниҳоди сиёсӣ – иҷтимоӣ қабул медонанд. Дар адабиёти илмӣ ва сарчашмаҳои мавҷудаи таҳқиқотию

пажӯҳишӣ таърифҳои гуногуни иттилоот ва таснифоти гуногуни иттилоот оварда шудаанд. Шумораи олимоне, ки таърифи иттилоотро пешниҳод кардаанд, хеле зиёд аст. Сабаби зиёд будани таърифи иттилоот аз методологияи таҳқиқоти онҳо вобаста мебошад. Гузашта аз ин, иттилоот дар ҳаёти инсон ва ҷомеаҳо нақши калидӣ мебозад. Аз ин рӯ, чунин зарурият нақш ва мавқеи иттилоотро дар ҳаёти ҷамъиятӣ хеле боло бурда, таваҷҷуҳи доираи васеи олимонро ба худ ҷалб менамояд. Дар замони муосир нақши афзояндаи иттилоот дар сиёсати хориҷии давлат ва низоми муносибатҳои байналмилалӣ ба мушоҳида мерасад. Муҳаққиқи рус В.Г.Афанасев дар робита ба ин масъала иброз намуда буд, ки: «Иттилоот ба маънои хеле васеи ин калима, натиҷаи инъикоси воқеияти гуногуннавъ, ахбор ва маълумот дар бораи он мебошад. Он аз рӯи моҳияти худ моддӣ нест, энергетикӣ нест, балки категорияи фикрӣ, идеалӣ мебошад» [16, с.12].

Пажӯҳишгари ватанӣ Р.Ш. Нуриддинов дар муносибат ба моҳияти иттилоот мавқеи худро дар шакли низомнок баён намудааст. Дар таҳқиқоти ӯ шарҳи иттилоот ба таври зерин нишон дода шудааст: «Якум, таҳти мафҳуми иттилоот маҷмӯи маълумоти зарурӣ барои таъсиррасонии фаъол ба низоми идорашаванда барои самаранок намудани он, фаҳмида мешавад; Дувум, иттилоотро чун интихоби маълумоти тахассусии маҳдуд дар тамоми фаъолияти ҷомеа ифода мекунанд; Севум чунин мешуморанд, ки иттилоот манбаи зарурии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеа, монанди манбаъҳои дигар: меҳнатӣ, энергетикӣ ва моддӣ мебошад; Чаҳорум, иттилоот манбаи боарзиштарини зеҳнӣ дар таъмини ҳаёти ҷомеа, муҳимтарин қисми моликияти зеҳнии он мебошад, ки саҳми он дар ҷомеаи муосир рӯз аз рӯз меафзояд» [210, с.56].

Дар энсиклопедияи сиёсӣ заминаҳои ташаккулёбии иттилоот ва роҳу усулҳои ба даст овардани он бо мазмуни зерин шарҳ дода шудааст: «Иттилоот зуҳуроте мебошад, ки бо роҳҳои иттилоотрасонӣ, яъне расонидани ахбор ба даст оварда мешавад, масалан, донише, ки одамони дигар хабар додаанд ё дар натиҷаи тадқиқот, омӯзиш ё таълим ба даст меояд; дониш дар бораи ягон

рӯйдод ё вазъият; далел ё рақамҳои омодашуда барои интиқол ё истифода, ба ғайр аз далелу рақамҳое, ки ба ин соҳаи илм ворид гардидаанд» [111, с.120]. Дар баробари ҳамаи ин иттилоот дар ҳаёти ҳамарӯзаи одамон ба сифати василаи муошират ва пешбурди кору фаъолият баромад менамояд. Дар чунин шароит иттилоот вазифаи иртиботи ҷамъиятиро иҷро менамояд ва алоқамандии байниҳамдигарии одамон, ҳамкории байни онҳо, эътимои ҳамдигарӣ ва ҳувияти гурӯҳию ҷамъиятии онҳоро таъмин менамояд. Иттилоот номуайяниро бартараф мекунад. Он объекти консепсия, инчунин моҳият ва табиати онҳоро муайян мекунад ва ба одамон дар фаҳмидани дастурҳо, тавзеҳот, мисолҳо ва назарияҳо кӯмак мерасонад. Фаҳмиши иттилоот ва манбаъҳои иттилоот метавонад ба одамон дар рушди малакаҳои касбӣ, аз қабили малакаҳои муошират, ки метавонанд дар ҳама соҳаҳо ва дар ҳама гуна вазифаҳо истифода шаванд, кӯмак расонад.

Дар як қатор сарчашмаҳо навъҳои гуногуни иттилоотро нишон медиҳанд. Дар яке аз таҳқиқотҳои илмӣ 6 навъи иттилоотро нишон додаанд: 1) консептуалӣ; 2) расмиётӣ; 3) сиёсӣ; 4) такондиҳанда; 5) эмпирикӣ; 6) директивӣ.

Иттилооти консептуалӣ аз ғояҳо, назарияҳо, консепсияҳо, гипотезаҳо ва ғайра бармеояд. Дар мавриди иттилооти консептуалӣ, ғояи абстрактӣ на ҳамеша асоси илмӣ дорад, балки маҳсули асосии эътиқод, андеша, фалсафа ва афзалиятҳо мебошад. Одамон метавонанд иттилооти консептуалиро тавассути муқоиса ва мулоҳиза ташаккул диҳанд ё мубодила кунанд ва фалсафаеро эҷод кунанд, ки исбот ё дидани он ғайриимкон аст. Иттилооти расмиётӣ ё дониши императивӣ ин роҳест, ки тавассути он шахс чӣ кор карданро меомӯзад ва ҳангоми иҷрои вазифа истифода мешавад. Одамон метавонанд онро хотираи мушакҳо номанд, зеро ин донишест, ки шарҳ доданаш душвор аст ва дар зеҳни одамон амиқ нигоҳ дошта мешавад.

Иттилоот дар бораи сиёсат барои қабули қарорҳо, инчунин таҳия, ташаккул ва интихоби сиёсат пешбинӣ шудааст. Он қонунҳо, дастурҳо, қоидаҳо, стандартҳо ва дастурҳои назоратиро барои созмон, гурӯҳи одамон ё

макон дар бар мегирад. Одамон метавонанд дар бораи сиёсат тавассути тасвирҳо, диаграммаҳо, тавсифҳо ва дигар паёмҳои визуалӣ, аудиоӣ ё хаттӣ маълумот гирад. Иттилооти такондиҳанда ё ҳавасмандкунанда ин маълумотест, ки дар шахс ё гурӯҳи одамон вокуниш ё ҳавасмандкуниро ба вуҷуд меорад. Ҳавасмандкунӣ фаъолиятро ташвиқ мекунад ва одамон метавонанд маълумоти ҳавасмандкуниро бо роҳҳои гуногун ба даст оранд, масалан шахсан, тавассути мушоҳида, аз даҳон ба даҳон ё тавассути васоити ахбори омма, ба монанди ахбор. Яке аз ин мисолҳо метавонад шахсе бошад, ки муоширати ғайризабонии шахси гузаштаро мушоҳида мекунад. Агар ангезанда мусбат бошад, вай метавонад салом гӯяд ва шояд сӯҳбатро оғоз кунад ё агар ангезанда мусбат набошад, вай метавонад дар ҷавоб ба самти дигар ҳаракат кунад, гурезад ё масофаи байни онҳоро зиёд кунад.

Иттилооти эмпирикӣ ин маълумотест, ки тавассути ҳиссиёти инсон, мушоҳидаҳо, таҷрибаҳо ва санҷиши фарзияҳо тавассути ҳуҷҷатгузории намунаҳои рафтор ба даст оварда мешавад. Он қариб ҳамеша асоси илмӣ дорад ва бо истифода аз омилҳои сифатӣ ва микдорӣ ҳақиқат ё бардурӯғ будани изҳоротро тасдиқ мекунад. Иттилооти директивӣ ё тавсифӣ барои пешниҳоди дастурҳо ба шахс ё гурӯҳи одамон барои ба даст овардани натиҷаи муайян пешбинӣ шудааст. Одамон метавонанд маълумоти директивиро бо нишон додан ё бе нишон додани воситаҳои ба даст овардани натиҷаи дилхоҳ истифода баранд. Маълумоти директивӣ аксар вақт ба таври шифоҳӣ ё хаттӣ ворид мешавад ва метавонад ба роҳбарият дар ҷои кор, артиш ё ҳукумат, инчунин дар ҳаёти ҳаррӯза, ба монанди масъалаҳои ҳуқуқӣ, масъалаҳои ҳаёт ва амният татбиқ карда шавад [114].

Ғайр аз ин, дилхоҳ иттилоот, новобаста ба он ки дар кадом шакл зоҳир шуда истодааст ва чи гуна паҳн мегардад, бояд як қатор хосиятҳоро доро бошад:

- агар иттилоот воқеиятро таҳриф накунад ва одамонро ба самти нодуруст равона насозад, вай боэътимод аст;

- агар иттилоот барои шарҳу тавзеҳи равандҳо ва ё объектҳо, ба воқеият мутобиқат кардани ё накардани он мусоидат кунад, пас он мукаммал аст;

- агар иттилооти пешниҳодшаванда барои фаҳму дарки қарорҳои қабулшуда ё қабулшаванда кофӣ бошад, пас он пурра аст;

- агар иттилоот дар мундариҷаи худ маълумоти нозаруру нодаркорро фаро гирифта бошад, мухтасару возеҳ нест;

- агар иттилоот ба бозтоби масъалаи мубрам ва рӯзмарра бахшида шуда бошад, ба манфиати одамон, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шҳрвандӣ ва дар маҷмуъ, ба манфиати ҷомеа бошад, пас он саривақтӣ аст [29, с.12].

Ҷамъоварии иттилоот, коркард ва интиқоли он ба аудиторияи мушаххас яке аз вазифаҳои асосии ҳаррӯзаи расонаҳои хабарӣ мебошад. Е. Головлева дар таҳқиқоти худ исбот менамояд, ки иттилоот шарти асосии қабули қарорҳо мебошад ва бе он қабули қарор ҳеҷ маъное надорад. Ӯ дар ин бора таъкид медорад, ки: «Агар иттилоот набошад - пас, тахмини беасосу фарзия ҷой хоҳад дошт» [31, с.12]. Воқеан ҳам барои қабули қарор на танҳо мавҷудияти иттилоот, балки иттилоот саҳеҳу объективӣ ва воқеӣ хеле зарур аст. Чи қадаре, ки иттилоот саҳеҳ ва мукаммал бошад, ҳамон андоза қарор воқеӣ ва самарабахш мегардад. Аз ин рӯ, яке аз нишондодҳои баҳогузорӣ намудани самаранокии қарорҳо низ заминаи иттилооти он ва таҳлили сифатии таркиби иттилооти қарор мебошад.

Иттилооти бонизом ва коркардшуда натиҷаи фаъолияти эҷодии рӯзноманигорон буда, пайдоиши он ба таври тасодуфӣ ба амал намеояд. Онро одатан дар фазои сиёсии ҷомеа паҳн менамоянд ва тавассути он дар раванди мафкурасозии қишрҳои гуногуни кишвар иштирок меварзанд. Чуноне, ки ҷомеашиноси испаниягӣ Мануэл Кастелс иброз медорад: «Иттилоот - қисми интегралии ҳар гуна фаъолияти инсонӣ мебошад» [58, с.77]. Чунин хусусиятҳои иттилоотро ба инобат гирифта, онро бо назардошти омилҳои гуногун тасниф менамоянд. Ба ибораи дигар, зимни таснифоти иттилоот меъёрҳои гуногуни баҳогузорӣ интихоб карда мешавад. Барои мисол, дар

санадҳои меъёрӣ ва ҳуҷҷатҳои расмии САҲА иттилооти шифоҳӣ, чопӣ, кино, радиоӣ ва телевизионӣ ҷудо карда шудааст. Дар баробари ҳамаи ин айни замон дар адабиёти илмӣ мафҳуми иттилооти электронӣ низ истифода бурда мешавад. Иттилооти электронӣ матлабҳое мебошад, ки дар фазои маҷозӣ паҳн карда мешавад ва тавассути василаҳои электронӣ истифода мегардад. Агар ҳамаи навъҳои номбаргардидаро таҷзия намуда, онҳоро иттилооти аудиоӣ (садоӣ), видеоӣ (тасвирӣ) ва чопӣ номем ба воқеият наздиктар мешавад. Зеро ҳама гуна василаҳои хабарию иттилоотӣ хабарҳоро ё дар шакли садо, ё дар шакли тасвиру видео ва ё дар шакли матн пешкаши ҳаводорони худ менамоянд.

Ғайр аз ин, дилхоҳ иттилоот хусусияти замонӣ дорад. Ба ибораи дигар он метавонад ё ба замони гузашта, ё замони ҳозира ё замони оянда бахшида шуда бошад. Чунин хусусияти иттилоотро олимону донишмандоне, ки дар ин самт корҳои илмию таҳқиқотӣ анҷом додаанд, эътироф ва таъкид менамоянд. Барои мисол, олими машҳури британӣ Э. Карр таъкид намуда буд: «Гузашта, имрӯза ва оянда дар ҳалқаи беинтиҳои таърих бо ҳам алоқамандии наздик доранд» [261, с.129]. Воқеан ҳам, бо назардошти мазмуну мундариҷаи иттилоот ба кадом замон нигаронида шудани иттилоотро муайян кардан мумкин аст. Зеро падидаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ низ дар вақту фазо мавҷудияти худро нигоҳ медоранд. Аммо дар аксар маврид ба назар чунин мерасад, ки дар иттилоот пайвастагӣ ва бо ҳам алоқамандсозии замонҳо мақоми махсус кас менамояд. Рӯзноманигорон низ хеле зиёд кӯшиш менамоянд, нишон диҳанд, ки муқоисаи замони гузашта бо замони ҳозира ба манфиати кор аст, саҳву хатоҳои гузашта бояд ба инобат гирифта шаванд, то ки дар оянда натиҷаҳои дилхоҳу интизорӣ дар кору фаъолият ба даст оянд.

Дар баробари ҳамаи ин иттилоот боз метавонад хусусиятҳои дигар низ дошта бошад. Масалан, таҳлили равандҳои сиёсию иҷтимоӣ, бахусус омӯзиши воқеаҳои сатҳи минтақавию ҷаҳонӣ ба осонӣ нишон медиҳанд, ки дар аксар маврид оқибатҳои ногувори ҳодисаю воқеаҳо баъди гузашти муддате эътироф мешаванд. Аммо мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки бозтоби

масъала дар расонаҳои хабарӣ ва саривақт ва дар сатҳи зарурӣ анҷом додани он имкон медиҳад, ки оқибатҳои ногувори ҳодисаю воқеаҳо зудтар эътироф карда шаванд. Маҳз бо шарофати расонаҳои хабарӣ ҳатто хусусиятҳои манфии ин ё он зуҳурот дар кишварҳои дигар низ ошкор карда мешаванд. Зеро таҳлилгарону рӯзноманигорон баъзан вақт бо дарки масъулият ва шинохти асолати башардӯстонаи худ масоили мубрами минтақаҳои гуногунро таҳлилу баррасӣ менамоянд. Аммо ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, ба мисли мақоле, ки «чизи калон аз дур нағзтар намоён мешавад», паёмадҳои манфии ҳодисаю воқеаҳо низ чунин хусусият доранд. Бо шарофати расонаҳои хабарӣ чунин масофа наздиктар карда мешавад.

Ин нуктаи аҷибро низ бояд дар назар гирифт, ки маҳз иттилоот мансабро ба ҳокимият табдил медиҳад. Ин нозукиро пеш аз дигарон И.В. Сталин аз худ карда буд. Ворисони вай низ бо суръат ва ҳунари гуногун аз иттилоот истифода мебурданд. Дар замони Л.И. Брежнев масалан, чунин ҳазле ривоҷ дошт, ки: «Гӯё Ю.В. Андропов нисбат ба Л.И. Брежнев дар бораи ҳар кас маълумоти бештарро медонад. Овоза, ғайбат, туҳмат - ҳамаи ин ба кор меомад, дар ҷузъгир нигоҳдорӣ мешуд ва дар сурати зарурат, ба боло фиристода мешуд. Ва онҷо вобаста аз рӯҳияю кайфияти сарвар ҳукм бароварда мешуд. Ҷазо ё афв! Аз ҷумлаи рафтори рӯзмарраи зиндагӣ бештар «кунҷковии зиёд» ва «беэҳтиромӣ» ба сарвар ҷазо дода мешуд» [142, с.112].

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот» шаклҳои зоҳиршавии иттилоот ба таври зерин муайян карда шудаанд: «Иттилооти омори давлатӣ; иттилооти оммавӣ; иттилооти ҳуқуқӣ; иттилоот оид ба шахсият; иттилооти дорои хусусияти маъломотию энсиклопедӣ; иттилооти ҳуҷҷатикунонида (аснод); иттилооти мақомоти системаҳои давлатии идоракунӣ; иттилооти иҷтимоишиносӣ; иттилоот дар бораи шаҳрвандон; иттилооти махфӣ; иттилооти пинҳонӣ; иттилооти иқтисодӣ; иттилооти тиҷоратӣ; иттилооти экологӣ; иттилооти хизматӣ; иттилооти бойгонӣ; иттилооти илмӣ; иттилооти илмӣ–техникӣ ва ғайра» [1].

Дар санадҳои ҳуқуқӣ чунин тақсимбандии иттилоот вуҷуд дорад:

- иттилоот чун натиҷаи фаъолияти эҷодӣ, ки дар ҷараёни он объекти ҳуқуқи муаллиф ба вуҷуд меояд ва ғайра;

- иттилооти оммавӣ, ки ахбори ҷанбаи иттилоотидоштаро дар бар мегирад;

- иттилооти мустанад, ки ахборро дар борai одамон, маълумотҳои шахсии онҳо дар бар мегирад;

- иттилооти расмии мустанад;

- иттилооти (гузориши) ҳатман пешниҳодшаванда;

- иттилооте, ки натиҷаи эҷод намебошад, вале чун мол шакл гирифта, паҳн мешавад;

- иттилоот ба шакли манбаи ахбор, чун захираи иттилооти тарҷеҳӣ (ретроспективӣ).

Иттилоот метавонад боз хосияти соҳавӣ дошта бошад ва ифодагари воқеаву ҳодисаҳое бошад, ки марбут ба як соҳаи мушаххас аст. Масалан, иттилооти фарҳангӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ё худ ҳодисаю воқеаҳои фарҳангӣ, экологӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ. Вобаста ба он, ки паҳншавии иттилоот метавонад аз сарчашмаи расмӣ ё ғайрирасмӣ оғоз шавад, онҳоро низ ба ин навъҳо вобаста ба сарчашмаи пайдоиши иттилоот тасниф менамоянд. Дар баъзе сарчашмаҳо иттилооти оммавӣ, корию касбӣ ва иттилооти стратегиро низ аз ҳам ҷудо намудаанд. Таснифоти мазкур барои корбарони шабакаҳои иттилоотӣ ва истеъмолкунандагони расонаҳои хабарӣ хеле аҳамиятноканд. Умуман иқтидори эвристикии таснифоти мазкур дар он зоҳир мешавад, ки тавассути он на танҳо давлату ҳукумат ё ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ метавонанд самтгирии манфиатҳои худ ва қонеъшавии талаботи хешро назорат ва танзим кунанд, балки шахсони алоҳида низ ба ин навъи иттилоот бояд таваҷҷуҳи хос зоҳир намоянд. Дар робита ба таснифоти мазкур ёдовар шудан бамаврид аст, ки иттилооти оммавӣ ҳама вақт ва дар ҳар давру замон хусусияти тарғиботӣ дошт, дорад ва дар оянда низ чунин боқӣ хоҳад монд. Ҳама гуна иттилооти тарғиботӣ ройгон паҳн карда мешавад ва ҳама гуна ашхос метавонад ба он бе ягон мушкилӣ дастрасӣ дошта бошад. Аммо

иттилоотию корию касбиро мехаранду мефурушанд. Зеро муваффақият ҳар як субъекти иттилооти аз иқтидори чунин иттилоот вобаста мебошад. Чунин анвои иттилоотро бештар аз ҳама онҳое истифода мебаранд, ки дар кору фаъолияти худ ва дар низоми манфиатҳои хеш нақшаҳои азим доранд. Аммо иттилооти стратегӣ дастраси на ҳар кас шуда метавонад. Онро тавассути хадамоти истихборотӣ ҷамъоварӣ мекунанд. Маълумот ва иттилоот дар бораи душманон, дар бораи мақсадҳои нопоки онҳо, ниятҳои ғаразноки душманон иттилооти стратегӣ мебошад, ки барои истифодаи дарозмуддат пешбинӣ мешавад.

Инчунин вобаста ба сарчашмаи паҳншавии иттилоот онро дохилию беруна низ номидан мумкин аст. Ба ибораи дигар, иттилооти дохилӣ на он иттилоотест, ки дар бораи масъалаҳои дохилӣ сухан мегуяд, балки иттилоотест, ки аз ҷониби расонаҳои дохилӣ таҳия ва пахш шудааст. Беруна бошад аз ҷониби субъектҳои беруна паҳн карда мешаванд.

Иттилооти асосӣ ва дуюмдараҷаро низ аз ҳам фарқ кардан мумкин аст. Иттилооти асосӣ дар заминаи мушоҳидаи мустақим ё пурсиш, дар асоси ҳодисаи бевоситаи рӯйдода таҳия мегардад. Иттилооти дуюмдараҷа натиҷаи коркард, ҷамъбандӣ ё таҳлилу таҷзияи маълумоти асосӣ мебошад. Ин ҷо овардани натиҷагирии Дэниел Белл бамавқеъ ва саривақтӣ аст. Ба ақидаи ӯ: «Бисёр чиз аз он вобаста хоҳад буд, ки кӣ тасвир мекунад. Дар ин раванд порчае аст, ки аз мушоҳидакунанда вобастагӣ надорад, аммо порае низ аст, ки вобастагӣ дорад ва ягон хислати олим, ҳолати ӯро инъикос мекунад. Вақте мегӯянд, ки маълумоти мутлақо объективӣ вуҷуд надорад, маҳз ҳаминро дар назар доранд» [22, с.148].

Ба вуҷудоӣ ва гардиши иттилоот ҳикмати худро дорад, ки набояд онро аз ёд бурд. Журналист - воқеанигори байналхалқӣ, хабарнигори рӯзномаи «Известия» дар маркази матбуотии Вазорати корҳои хориҷии Иттиҳоди Шӯравӣ А.Б. Кувшинников мушоҳидаҳои худро чунин баён дошта буд: «Психикаи инсон чунин сохта шудааст, ки иттилооти аввалия меъёри ҳақиқати иттилооти минбаъда мегардад, новобаста аз далелноктар,

асосноктар ва боэътимодтар будани иттилооти минбаъда. Бо таъхир додани раддия аксар вақт ба хабари таҳрифшуда ҷанбаи дигар медиҳад ва ҳатто чун тасдиқи ҳақиқати он қабул карда мешавад» [74, с.62-63].

Дар фаъолияти расонаҳои хабарӣ масъалаи коркарди иттилоот низ яке аз масъалаҳои хеле муҳим ба шумор меравад. Ҳатто гуфтан мумкин аст, ки ин навъи фаъолият хусусияти стратегӣ дорад ва танзимшаванда мебошад. Субъектҳои расонаи хабарӣ ва бахусус моликони онҳо кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки ба се самти коркарди иттилоотӣ диққати хос зоҳир намоянд. Онҳо кӯшиш мекунанд, ки иттилооти дар ихтиёрдоштаи хешро ҳамарӯза бо назардошти динамикаи ҳодисаву воқеаҳо коркард намоянд. Фаъолияти хадамоти истихборотии кишварҳои гуногуни олам дар ин самт хеле зиёд талош меварзанд. Онҳо ҳамарӯза ба таҳлили матбуоти даврии кишвари мавриди назар машғул мешаванд ва хулосаҳои аввалияи хешро аз таҳлили матбуоти даврии он кишвар мебароранд. Сипас барои мукаммал намудани маълумоти худ ба сарчашмаҳои дигар муроҷиат мекунанд, то ки дар атрофи масъала иттилооти боэътимод пайдо гардад. Чунин раванд марҳилаи дуюми коркарди иттилоотро ташкил медиҳад. Дар раванди коркарди марҳилаи дуюм аз ҳама бештар факту рақамҳои стратегиро ба кор мебаранд. Баъзан вақт дар коркарди иттилоотӣ таҳлили санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ низ ба кор бурда мешавад. Чунин тарзи корбарӣ зимни коркарди иттилоот ба субъектҳои гуногуни муносибатҳои иттилоотӣ имкон медиҳад, ки эҳтимолияти рух додан ё надодани воқеаву ҳодисаҳоро пешгӯӣ намоянд.

Дар як лаҳза паҳн кардани иттилооти ҳаҷмаш азими миллиардҳо саҳифагӣ, ҳам дар дохили давлат ва ҳам байни давлатҳо, вазъиятро сифатан тағйир дод ва имрӯз сухан дар бораи ташаккули ҷомеаи иттилоотии ҷаҳонӣ тавасути шабакаҳои интернетӣ ба миён омадааст. Афзоиши суръат ва миқдори иттилоот, ҳамчунин фаъолияти давлатҳоро мураккаб намуд.

Бо тақозои замон талабот ба расонаҳои хабарӣ афзуда боиси рушди минбаъдаи онҳо гардид. Ҷавобгӯи талаботи замон будани расонаҳои хабарӣ бо он муайян карда мешавад, ки он:

- то кадом андоза вазифаи хешро ҳамчун воситаи муошırати ҷамъиятӣ бомуваффақият иҷро намуда метавонад;

- чунин муносибатҳои иттилоотиро ташаккул медиҳанд, ки барои ворид гардидан шахс, гурӯҳ ва дигар иштирокчиёни субъектҳои иҷтимоӣ ба равандҳои маърифатӣ, тарбиявӣ, ташкилӣ, рафторӣ ва ғайра шароити мусоид фароҳам созад.

Дар ҷаҳони муосир муошират бе тасвири пурра, зинда ва айнии воқеияти ҷорӣ, ки расонаи хабарӣ ба оммаи мардум пешкаш менамояд, ғайриимкон аст. Алоқаҳои иҷтимоӣ ва муошират бе инъикоси воқеии ҳаёт ва фаъолияти гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ дар маҷмӯи нашрияҳо, ки мазмуну мундариҷаи онҳо воқеиятро бо тамоми гуногунӣ ва мураккабии худ дар асоси далелҳо инъикос мекунанд, ғайриимкон аст.

Бе иттилооти мукаммал, барои инсон коркарди муносибати дуруст ба рӯйдодҳо, муайян кардани самтҳои афзалиятноки фаъолият, масъалаҳои мубрами зиндагӣ, дарки падидаҳои мусбӣ ва манфӣ, муқовимат ба риёкорӣ, тақаллуб ва фиреб, иштироки фаъолона дар равандҳои ифода ва ташаккули афкори ҷамъиятӣ душвор аст. Зарурат ба шоффофият дар сиёсат, иқтисодиёт, илм ва дигар шаклҳои фаъолияти маънавӣ боиси масъулияти бузурги ВАО дар амалӣ намудани вазифаҳои коммуникатсионӣ, ки ба таъмини ҳамкориҳои гурӯҳҳои гуногӯни иҷтимоӣ, пеш аз ҳама онҳое, ки дар низоми тақсимоти меҳнат ташаккул ёфтаанд, гардидааст. Моҳиятан, ин масъулият барои он шаклҳои рафтори шахс, гурӯҳ, ташкилот мебошад, ки бояд дар ҷомеа мутобиқи шароити воқеии ҳаёти иштирокчиёни гуногуни иҷтимоӣ ташаккул ёбад.

Дар умум, расонаҳои хабарӣ барои инъикоси воқеияти ҳаёти ҷамъиятӣ хеле заруранд. Дарки чунин воқеият яке аз талаботи бунёдии одамонро ташкил медиҳад. Дур шудани одамон аз воқеияти ҳаёти ҷамъиятӣ ба оқибатҳои ногувори сиёсию иҷтимоӣ оварда мерасонад. Инчунин васоити ахбори омма дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ нақши муҳим мебозад. ВАО на танҳо афкори ҷамъиятиро аз ҳуҷумҳои берунаи фарҳангӣ ҳимоя менамояд,

балки арзишҳои фарҳанги ҷомеаро дар зеҳну шуури одамон устувор нигоҳ медорад. Бо иҷроиши чунин вазифаи худ ВАО ба одамон имкон медиҳад, ки дар ҷомеа мавқеи заруриро ишғол намоянд ва муносибати худро бо раванду ҳодисаҳои гуногуни ҷомеа муайян созанд.

Барои пурра ошкор намудани моҳият ва хусусиятҳои ВАО таснифоти он мувофиқи мақсад аст. Зарур мешуморем, ки мафҳуми воситаҳои ахбори оммаро мавриди баррасӣ қарор диҳем.

Таснифоти аз ҷониби ҳамагон эътирофгардидаи воситаҳои ахбори омма дар санадҳои меъёрӣ чунин арзёбӣ карда шудааст: «Воситаҳои ахбори омма - ҳамчунин агентиҳои иттилоотӣ, барномаҳои телевизиону радио, кинохроникаҳо, сабтҳо ва барномаҳои аудио ва аудиовизуалӣ мебошанд, ки дар як сол на камтар аз як маротиба тавассути эфир ё кабел паҳн мешаванд» [4]. Яъне, воситаҳои ахбори омма, ба таври оммаӣ ба ҷамъоварӣ ва паҳни иттилоот машғул буда, барномаҳои он дар як сол на кам аз ду маротиба бояд пешниҳод карда шаванд.

Мафҳуми ВАО дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» чунин тасниф карда шудааст: «ВАО - рӯзномаву ҳафтономаҳо, маҷаллаҳо, солнома ва маҷмӯаву бюллетенҳое, ки номи доимӣ, рақами ҷорӣ дошта, дар вақту замони муайян (на камтар аз як маротиба дар як сол) ба табъ мерасанд» [12]. Таснифотҳо нишон медиҳанд, ки ВАО қисми таркибии воситаҳои иртиботӣ ба ҳисоб рафта бо онҳо хусусиятҳои оммаӣ низ доранд.

Хусусиятҳои фарққунандаи ВАО дар ҷанбаҳои зерин зоҳир мегарданд:

- хислати оммаӣ доранд, яъне доираи истеъмолгарон номаҳдуд буда, барои ҳама пешниҳод карда мешавад;

- дорои таҷҳизоти махсус барои паҳни иттилоот мебошанд;

- ҳамкориҳои шарикони иттилоотӣ ба таври бевосита дар фазо ва вақти муайян сурат мегирад;

- ҳамкориҳои шарикони иттилоотӣ яксамта буда аз маълумотдиҳанда (истеҳсолкунандаи маълумот) ба маълумотгиранда (истеъмолкунандаи

маълумот) сурат мегирад ва ивазшавии нақши онҳо дар ин самт ғайриимкон аст;

- хислати ноустувори истеъмолкунандагони иттилоот ҷой дорад. Яъне мавқеи онҳо дар ҳолатҳои алоҳида дар натиҷаи таваҷҷуҳ ба мақола ё ягон хабари ҷудогона ташаккул меёбад [179, с.54].

Ҳамин тариқ, хусусияти хоси расонаҳои хабарӣ оммавият, мавҷудияти алоқаҳои яктарафа, тағйирпазирии ҷолибияти онҳо ба ҳисоб меравад. Ба ақидаи мо, дар фаъолияти расонаҳои хабарӣ алоқаи ҷавобӣ низ ҷой дорад, ки дар мактуб ва пешниҳод ё эътирози як қатор хонандгон ба редаксияи нашриёт таҷассум мегардад.

Чи гунае ки дар боло ишора гардид, расонаҳои хабарӣ дар шаклҳои гуногун зоҳир мегардад. Яке аз навъҳои классикии он рӯзномаҳо ва ҳафтаномаҳо мебошад. Маҷаллаҳо ва нашрияҳои илмиро низ ба расонаҳои хабарӣ шомил кардан мумкин аст. Тули солҳои охир шабакаҳои иҷтимоиро низ ба расонаҳои хабарӣ дохил намуда истодаанд. Аммо фаромуш набояд кард, ки таъсири расонаҳои хабарии номбаргардида ба афкори ҷамъиятӣ яксон нест. Муҳлати даврагии ин ё он навъи расонаи хабарӣ аз мавҷудияти мавод ва он вазифаҳое, ки пайгирӣ карда мешаванд, вобаста аст. Дар ин самт метавон масъалаи маблағгузориро низ махсусан қайд намуд.

Хусусияти муҳимми расонаҳои хабарӣ миқдори нашрияҳое ба ҳисоб меравад, ки дар як ҳолат нашр мешаванд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки миқдори зиёди нашрияҳо ва шабакаҳо дар як давраи кӯтоҳ аз байн рафтанд, зеро мавҷудияти миқдори зиёди нашрияҳою шабакаҳо, ба даст овардани хонандагонро маҳдуд менамояд. Аз ин хотир, нишондиҳандаи миқдории нашрияҳо ва шабакаҳо ба тариқи воқеӣ вазъияти фаъолияти онро нишон дода наметавонад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки матбуоти давлатӣ дар ҳар сурат кӯшиш менамоянд, ки бо дастгирии давлат фаъолияти худро нисбатан самаранок намоянд. Албатта, чунин дастгирӣ аз ҷониби давлат ба адади нашр низ таъсири назаррас мерасонад.

Матбуоти давлатӣ ва ҳизбӣ, ки ҷузъи ҷудонашавандаи ВАО мебошанд одатан хусусияти ғайритиҷоратӣ доранд. Дигар рӯзномаву маҷаллаҳои хусусӣ одатан манфиати тиҷоратӣ дошта, маводи нашршаванда танҳо ба хотири зиёд намудани хонандагон интихоб ва нашр мешаванд.

Вобаста ба секторҳои ҳаёти ҷомеа (бахшҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва хусусӣ) расонахои хабарӣ низ метавонанд мансуб ба бахшҳои ҳаёти ҷомеа бошанд. Дар бахши хусусӣ одатан расонаи хабарӣ аз ҷониби соҳибкорон, тоҷирон ва соҳибмулкон ташкил карда мешаванд, аз ин рӯ, фаъолияти онҳо хусусияти тиҷоратӣ дорад ва тобеи сармояи калон гардонида шудааст. Ин навъи расонаҳои хабарӣ ҳарчанд дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ нақши худро гузорад ҳам, бештар аз ҳама дар хизмати бахши хусусӣ равона карда мешавад.

Шакли давлатии ВАО ба давлат тааллуқ дорад ва аз ҷониби давлат назорат ва маблағгузорӣ карда мешавад. Бартарии ин шакли ВАО мустақилияти матбуот аз сармояи бузург, зери назорати парламент ва ҳукумат қарор доштани он мебошад. Лекин, маблағгузории давлатии матбуот метавонад сатҳи рақобатпазирии онҳоро паст намояд ва дар тобеъияти синфи доро ва маъмурияти идорӣ истифода карда шавад. Илова бар ин, матбуоти даврии давлатӣ ин бори иловагӣ барои буҷаи давлат ба ҳисоб меравад.

Шакли ҷамъиятии ВАО кӯшиш менамояд, ки аз вобастагии давлатӣ ва хусусӣ озод бошад. Расонаҳои хабарии бахши ҷамъиятӣ хусусияти тиҷоратӣ надоранд, ҳарчанд онҳо низ барои ҳимояи манфиатҳои қишри муайяни ҷомеа ё гурӯҳи иҷтимоие равона шудаанд. Ин гуна расонаҳои хабарӣ аз ҷониби ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, фондҳо ва асотсиатсияҳо ташкил карда мешавад ва барои тарғибу ташвиқи ғояҳои онҳо фаъолият мебаранд. С.В. Кузин дар бораи ин навъи расонаҳои хабарӣ қайд менамояд, ки: «Ин шакли фаъолияти ВАО аз ҳисоби андози махсус, ки аз тарафи шаҳрвандон пардохт карда мешавад, худидоракунанда буда, мавқеи шахси ҳуқуқиро доро мебошад, гарчанде ба таври оммаӣ аз тарафи шӯроҳои ҷамъиятӣ, ки аз намояндагони гурӯҳҳо ва созмону ташкилотҳои муҳими ҷамъиятӣ иборат мебошанд, ташкил гардидаанд» [75, с.23].

Воситаҳои ахбори омма ин усулҳои муоширати оммавӣ мебошанд, ки тавассути онҳо иттилоот, ақидаҳо, таблиғот, реклама, асарҳои бадеӣ, фароғат ва дигар шаклҳои ифодаи ҷаҳони ботии инсон ба аудиторияи хеле васеъ оварда мешаванд. Истилоҳи "васоити ахбори омма" инчунин барои истинод ба намудҳои ташкилотҳои давлатӣ ё хусусӣ, ки тавассути чунин воситаҳо шаклҳои муайяни ифодаи худро эҷод ё паҳн мекунанд, аз ҷумла рӯзномаҳо ва хадамоти телеграфӣ, нашрияҳои даврӣ, нашрияҳои китоб, китобхонаҳо, шабакаҳои радио ва телевизион, студияҳои филм ва ширкатҳои сабти овоз истифода мешавад. Ҷолиби диққат аст, ки аз охири асри XX шабакаи интернет ҳамчун воситаи иртиботи оммавӣ платформаҳои алтернативиро барои воситаҳои ахбори омма, ки замоне бо технологияҳои қаблан таҳияшуда маҳдуд буданд, пешниҳод кард. Масалан, дар айни замон интишори рӯзномаҳо, нашрияҳои даврӣ ва китобҳо дар интернет ё тавассути барномаҳои он маъмул гаштааст ва дастрасӣ ба сабтҳои мусиқӣ, барномаҳои телевизионӣ ва филмҳо дар вебсайтҳои алоҳида ё тавассути ҷараёни махсуси он хидмат мерасонанд [68, с.123].

Ҳуқуқ ба дастрасии иттилоот, саривақт дастрас намудани иттилоот ба шаҳрвандон, имкони ба иттилооти зарурӣ дастрасӣ доштан ва фаъолияти расонаҳои хабарии ғайридавлатӣ мафҳумҳоеанд, ки дар ҷомеаи демократӣ онҳоро ба кор мебаранд. Аксари муҳаққиқон бар он назаранд, ки фаъолияти озоди расонаҳои хабариро танҳо дар ҷомеаи демократӣ таъмин кардан мумкин аст. Аз ин рӯ, дар сатҳи қонунгузории давлати демократӣ чунин масъалаҳо, ба монанди озодии баён, гуногунандешӣ, ошкорбаёнӣ, фаъолияти озоди расонаҳои хабарӣ ба амал баровstreet мешаванд. Агар барои фаъолияти озоду шаффофи расонаҳои хабарӣ шароитҳои демократӣ ва ниҳодҳои демократӣ зарур бошанд, аз ҷониби дигар барои рушди ниҳодҳои демократӣ расонаҳои озоду мустақил низ лозиманд. Дар аксар маврид ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд тавассути расонаҳои хабарӣ ҳимоя ва дар амал татбиқ карда мешаванд.

Дар ин радиф воситаҳои ахбори омма ҳамчун «ҳокимияти чорум» баррасӣ карда мешаванд. Ин гуфтори рамзӣ на танҳо аломати матбуоти давриро ҳамчун ҳокимият, балки хусусияти хос ва фарққунандаи онро аз ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ нишон медиҳад. Чунин хислати ҳокимияти ВАО, пеш аз ҳама, дар ноаёнии ҳокимияти он зоҳир мешавад. Он дорои мақомоти иҷроия, ҳуқуқӣ ва дигар мақомоти махсус нест. Воситаҳои ахбори омма наметавонанд амр диҳанд, ӯҳдадор намоянд, ҷазо диҳанд, ба ҷавобгарӣ кашанд. ВАО танҳо тариқи сухан, овоз, расм, ки иттилооти муайянро интиқол медиҳанд, хабар, доварӣ, баҳогузорӣ, тасдиқ ё маҳкуми падида, ҳодиса, рафтори шахсони алоҳида, гурӯҳи одамон, ҳизбҳо, созмонҳои ҷамъиятӣ, ҳукуматро амалӣ менамоянд.

Муаллифони гуногуни коммуникатсияи оммавӣ ба таври мухталиф нақши таъсири воситаҳои ахбори оммаро ба сиёсат ва сиёсатро ба воситаҳои ахбори омма баррасӣ менамоянд. Масалан, ҷомеашиноси амрикоӣ Элвин Тоффлер иброз медорад, ки: «Дарояндаи наздик марҳилаи медиакратия – ҳокимияти воситаҳои ахбори омма оғоз мегардад, яъне истеъмолкунанда на танҳо иттилооти муҳимро ба даст меорад, балки бо дид ва қоидаҳои аз тарафи воситаҳои ахбори омма муқарраргардида иттилоотонида мешавад» [280, с.199].

Воситаҳои ахбори омма дар шароити имрӯза ба ташаккули шуур ва рафтори одамон таъсир расонида, воситаи пурқуввати таъсиррасонӣ ба ниҳодҳои ҳокимият гардидаанд. Дар чунин ҳолат амалияи ҷамъиятӣ шаҳодат медиҳад, ки на танҳо воситаҳои ахбори электронӣ, балки нашрияҳои анъанавӣ ё худ ВАО дар ҷомеа талаботи худро дорад, ҳатто як қатор ВАО дар солҳои охир ба нақши бозингари иттилоотии фазои иҷтимоию сиёсӣ даъво менамоянд.

Ҳамин тариқ, ба рушди воситаҳои мухталифи электронии паҳни иттилоот нигоҳ накарда, дар шароити имрӯза аксарияти ниҳодҳои ВАО мавқеи худро аз даст надода, фаъолияти худро идома медиҳанд. Ба ақидаи мо, сабаби асосии чунин ҳолат аз он иборат аст, ки дар ВАО ин ё он ҳодисаи

сиёсиву ҷамъиятӣ ба таври мушаххас таҷассум гардида, дар он мавқеи ҷонибҳои мухталиф нишон дода мешавад. Маҳз аз ҳамин хотир, ВАО хонандагонро ба худ ҷалб менамояд.

Нақш ва мавқеи расонаҳои хабарӣ бо назардошти рушди босуръати ҷомеаи иттилоотӣ рӯз то рӯз меафзояд. Дар шароити ҷомеаи иттилоотӣ рафтор, фаъолият ва ҳатто зиндагии одамон аз иттилооти расонаҳои хабарӣ ва муҳити иттилоотии ҷомеа вобаста мегардад. Ба андешаи М.Д. Березинская: «Ҷомеаи иттилоотӣ ҷомеаест, ки дар он эҷод, паҳн, истифода, ҳамгирой ва коркарди иттилоот фаъолияти муҳими иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ мебошад» [181, с.117].

Истилоҳи «ҷомеаи иттилоотӣ» дар доираҳои илмии академӣ нисбат ба истифодаи маъмулӣ маҳдудтар истифода мешавад. Дар фаҳмиши маъмулӣ, ҷомеаи иттилоотиро метавон танҳо ҳамчун ҷомеае фаҳмид, ки дар он истифода ва дониши технологияҳои иттилоотӣ ва компютерӣ дар сатҳи баланд қарор дорад. Ҷомеаи иттилоотиро бо ҷомеаҳое муқоиса кардан мумкин аст, ки дар онҳо асоси иқтисодӣ асосан саноатӣ ё аграрӣ мебошад. Дастгоҳҳои ҷомеаи иттилоотӣ компютерҳо ва телекоммуникатсияҳо мебошанд, на токарҳо ё плугҳо [75, с.19].

Истилоҳи «ҷомеаи иттилоотӣ» бо соҳаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва василаҳои иттилоотию иртиботӣ алоқамандии зич дорад. Аммо гумон меравад, ки василаҳои иттилоотию иртиботӣ ба ҳама ҷабҳаҳои ҳаёти мо таъсири назаррас расонад ва қувваи пешбарандаи тағйироти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва тиҷоратӣ бошанд. Зеро сатҳу сифати чунин таъсиррасонӣ аз рушди ҷомеаи иттилоотӣ ва шаклгирии инфрасохтори иттилоотии ҷомеа низ бастагӣ дорад. Аммо ба ҳамаи ин нигоҳ накарда истифодаи васеи василаҳои иттилоотию иртиботӣ дар солҳои охир ба тағйироти куллӣ дар тарзи зиндагӣ, кор ва муоширот бо ҳамдигар оварда расониданд. Василаҳои иттилоотию иртиботӣ қисми ҷудонашавандаи ҳаёти ҳаррӯзаи мо шудааст ва ҳоло бисёре аз мо ба компютерҳо, телефонҳои мобилӣ ва Интернет дар соҳаҳои гуногуни фаъолият, аз қабили харид, бонкдорӣ,

таҳсил ва муоширaт такя мекунем. Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳад, ки дар саҳифаҳои худ расонаҳои хабарӣ маводҳоеро паҳн менамоян, ки ҳадафи муайян дошта, дар ҳаёти ҷамъиятиву сиёсии кишвари алоҳида, нерӯи муайянро дастгирӣ намуда, камбудиву хатогиҳои нерӯи дигарро ошкор месозад.

Вазифаҳои воситаҳои ахбори омма, аз он ҷумла ВАО гуногунанд. Дар ҳар як ҷомеаи муосир воситаҳои ахбори омма дар шаклҳои гуногун як қатор вазифаҳои муаянро иҷро менамоянд. Вазифаи иттилоотӣ яке аз вазифаҳои муҳими воситаҳои ахбори омма ба ҳисоб меравад. Он аз бадасторӣ ва паҳни иттилоот ва ахбор оид ба ҳодисаву падидаҳои нисбатан муҳим барои шаҳрвандон ва мақомоти ҳокимият иборат аст. Иттилооте, ки ба даст оварда мешавад, на танҳо бо таҷассуми беғаразона ва аксии ин ё он далел паҳн карда мешавад, балки бо шарҳу эзоҳ ва баҳогузории шореҳ ҳамроҳӣ карда мешавад. Қайд намудан зарур аст, ки дар ВАО нисбат ба дигар ниҳодҳои воситаҳои ахбори омма, ин ё он ҳодиса ё падида ба таври амиқ, саҳеҳ ва пурра шарҳ дода мешавад. Дар телевизион ва радио бошад, паҳни иттилоот асосан хусусияти лаҳзагӣ дорад. Маҳз инъикоси амиқ, саҳеҳ ва пурраи ин ё он ҳодиса ё падида ҷолибияти институтҳои матбуоти давриро таъмин менамояд.

Вазифаи таълимӣ дар расонидани донишҳо ба шаҳрвадон, ки ба баҳогузори ва танзими иттилооти бадастомада аз воситаҳои ахбори омма ва дигар сарчашмаҳо мусоидат менамояд, зоҳир мегардад. ВАО инсонро дар давоми тамоми ҳаёти ӯ ҳамроҳӣ намуда, аз бисёр ҷиҳат дар қабули иттилооти сиёсӣ ва иҷтимоӣ таъсири назаррас мерасонад. Дар чунин ҳолат дар шакли донишҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ имконияти ташаккули сохторҳои бардуруғи шуур ба миён меояд, ки воқеиятро дар қабул намудан таҳриф менамояд [127, с.162]. Дар ҳолати паҳни иттилооти ғалат ва носаҳеҳ, нисбат ба ҳодисаву падидидаҳои инкишофи ҷамъиятӣ тасаввуроти бардуруруғ ташаккул ёфта, ба мавқеъ гирифтани одамон нисбати ин ё он ҳодиса халал ворид менамояд.

Нақши таълимии воситаҳои ахбори омма ба вазифаи иҷтимои намоии шахс алоқаманд буда, моҳиятан аз он сарчашма мегирад. Дар бахше, ки ба

ҷанбаҳои назариявӣ бахшида шудааст, нақши васоити ахбори омма дар ҷомеашиносӣ аз се нуқтаи назар баррасӣ карда мешавад. Функсионалистҳо васоити ахбори оммаро ҳамчун системае меҳисобанд, ки ба субот ва ҳамбастагии ҷомеа мусоидат мекунад ва платформаро барои арзишҳо ва меъёрҳои муштарак пешниҳод мекунад. Аз тарафи дигар, дурнамои мунокиша динамикаи қудратро дар расонаҳои хабарӣ нишон медиҳад ва таъкид мекунад, ки чӣ гуна он метавонад нобаробариро абадӣ гардонад ва ба манфиати онҳое, ки дар қудрат ҳастанд, хидмат кунад. Ниҳоят, тарғиботи рамзӣ ҷанбаҳои инфиродӣ ва байнишахсии васоити ахбори оммаро баррасӣ намуда, ба он диққат медиҳад, ки чӣ гуна онҳо дарк ва ҳамкории моро бо ҷаҳон ташаккул медиҳанд. Ҳар яке аз ин нуқтаи назар дар бораи робитаи мураккаби байни ВАО ва ҷомеашиносӣ фаҳмиши пурарзиш медиҳад ва фаҳмиши ҳамаҷонибаи таъсири онҳоро ба ҷомеа пешниҳод мекунад. Маҳз вазифаи иҷтимоинамоии сиёсӣ имконият медиҳад, ки инсон ба воқеияти иҷтимоӣ мутобиқ гардад.

***Вазифаи танқидиро*** дар низоми сиёсӣ на танҳо ВАО, балки мухолифин, ниҳодҳои махсусгардонидашуда, ба монанди назорати прокурорӣ ва судӣ амалӣ менамоянд. Лекин, танқиди воситаҳои ахбори омма бо паҳноиву васеъгӣ ва ҳатто номаҳдудии объекти худ, ки аз президент, ҳукумат, суд ва самтҳои асосии сиёсати давлатӣ ва худи воситаҳои ахбори омма иборат аст, фарқ менамояд. Танқид тариқи ниҳодҳои мутбуоти даврӣ ба ҳал гардидан ё ҳадди аққал маҳдуд гардидани мушкилоти ҷойдошта мусоидат менамояд.

***Вазифаи назоратӣ*** дар обрӯву эътибори афкори ҷмъиятӣ асос меёбад. Гарчанде воситаҳои ахбори омма, дар фарқият аз мақомоти назоратии давлатӣ ва хоҷагидорӣ наметавонанд нисбати гунаҳкор муҷозоти маъмурӣ ё иқтисодӣ истифода намоянд, назорати онҳо одатан самараноктар ва нисбатан ҷиддӣ аст, зеро онҳо на танҳо баҳогузории ҳуқуқӣ, балки баҳогузории ахлоқии ин ё он воқеа ё шахсиятро пешниҳод менамоянд [179, с.33].

Нақши ниҳодҳои ВАО дар низоми сиёсӣ ва раванди сиёсӣ бузург аст. Низоми сиёсии ҷомеа аз зернизомҳои мухталиф -ниҳодӣ, меъёрӣ-танзимӣ ва

иттилоотиву коммуникатсионӣ иборат аст, ки ҳар яке аз онҳо мақоми хоси худро доранд.

Дар доираи зернизоми ниҳодӣ муносибати ниҳодҳои иҷтимоӣ - мақомотҳои давлатӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, гурӯҳи манфиатҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ба роҳ монда мешавад, ки ниҳоди пешбарандаи он давлат ба ҳисоб меравад. Зернизоми меъёрӣ-танзимӣ тариқи маҷмӯи меъёрҳои мухталифи иҷтимоӣ, ки ба танзими ҳаёти сиёсӣ равона гардидаанд, зоҳир мегардад. Ин меъёрҳо қоидаҳои асосии рушд ва таҳкими раванди сиёсиро муайян менамоянд. Зернизоми иттилоотиву коммуникатсионӣ алоқаи байни ниҳодҳои низоми сиёсиро ба роҳ монда, хусусияти ҳамкориҳои байни давлат ва воситаҳои ахбори оммаро муайян менамояд. Унсурҳои ин зернизом ниҳодҳои мухталифи воситаҳои ахбори омма, ба ҳисоб меравад.

Аҳамияти унсурҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ дар низоми сиёсии ҷомеа бузург аст, зеро баҳогузории вазъияти иҷтимоӣ-сиёсӣ, муайян намудани хусусиятҳои асосии раванди сиёсӣ аз мавҷудияти ҳаҷми муайяни иттилоот вобаста аст [179, с.23-34].

Маҳз паҳн намудани иттилооти сиёсӣ боиси боло рафтани сатҳи иттилоотонии тамоми ниҳодҳои иҷтимоӣ ва оммаи мардум гардида, ба баҳогузории вазъияти мавҷуда, муайян намудани самти фаъолият мусоидат менамояд. Паҳн намудании иттилооти мухталиф самти асосии фаъолияти воситаҳои ахбори омма, аз он ҷумла, ВАО ба ҳисоб меравад.

Дар ин самт нақши коммуникатсияи сиёсӣ муҳим мегардад. Ба ин масъала низ олимону пажӯҳишгарон диққати зиёд додаанд. Масалан, сиёсатшиноси амрикоӣ Гаролд Лассуэл дар таҳқиқоти худ иртиботи сиёсиро яке аз вазифаҳои муҳимтарини унсурҳои таркибии системаи сиёсӣ меномад. Чунин вазифа на танҳо дар шакли интиқоли иттилоот, балки дар самти боло бурдани эътимод ва ба даст овардани боварии мардум зоҳир меёбад [134, с.28].

Дар фаҳми васеъ коммуникатсияи ин ивазнамоии иттилоот байни субъектҳои ҳаёти ҷомеа, инчунин байни давлат ва шаҳрвандон аст, ки дар

сатҳи расмӣ ва ғайрирасмӣ амалӣ мегардад [82, с.234]. Илова бар ин, коммуникатсияи ҳамчун хусусияти функсионалии яке аз унсурҳои низоми иҷтимоӣ ва сиёсии ҷомеа, зернизоми муҳими он, ки алоқаи байни ниҳодҳои низоми иҷтимоиро барқарар менамояд, баррасӣ карда мешавад. Аҳамияти ин зернизом бузург аст, зеро одамон амалҳо, аз он ҷумла амалҳои сиёсиро танҳо бо мавҷудияти ҳаҷми муайяни донишҳо ва иттилоот баҳогузорӣ карда метавонанд [107, с.145].

Аз нуқтаи назари фалсафӣ – иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, он ҷанба муҳим аст, ки воситаи дарки ҷаҳонро тағйир дода, воситаҳои ахбори омма сиёсати ҷамъиятиро ба раванди матбуотӣ табдил дода, онро меҳвари сиёсати ҷамъиятӣ гардонида ва дар як ҳолат боиси тағйиротҳои мувофиқ дар раванди коммуникатсия гардид. Ин ба дигаргун шудани нақши коммуникатсия дар раванди сиёсӣ оварда расонид. Моҳияти ин дигаргунӣ дар он зоҳир мегардад, ки амали коммуникатсионии ҳокимият бо субъектҳои оммавӣ худ ба худ ба муайян намудани шакли муносибатҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ оғоз гузошт. Коммуникатсия унсури бунёдкунандаи низоми ҷомеа гардид ва дар он мавқеи нави онтологиро касб намуд, хислати ёрирасонии худро аз даст дод [107, с.129].

Фаъолияти ниҳодҳои ВАО ба ҷамъоварӣ ва паҳн намудани иттилоот равона карда шудааст, ки барои ҷомеа ва давлат муҳим аст. Аз ин хотир, фаъолияти ниҳодҳои ВАО зери назорати мақомотҳои давлатӣ қарор доштанд. Давлат, ниҳодҳои матбуоти давлатиро ҳамчун заминаи пешбарии сиёсати давлатӣ мавриди истифода қарор дода буд.

Хислати чунин ҳамкорӣ унсури тағйирнопазири амали комили низоми сиёсии ҳар як давлат ба ҳисоб меравад. Қобилияти ҷомеа дар ҷавоб додан ба талаботҳои одамон, мутобиқ гардидани он ба шароити тағйирёбанда бо низоми иҷтимоӣ-сиёсӣ таъмин карда мешавад, ки ҳамчун маҷмӯи ниҳодҳои сиёсӣ, сохторҳои ҷамъиятӣ, инчунин ҳамкории байни онҳо, ки дар он ҳокимияти сиёсӣ ва таъсиррасонии сиёсӣ амалӣ карда мешавад [112, с.44].

Хислати амали низоми сиёсии ҷомеа маҳз аз ҳамкориву таъсири мутақобилаи расонаҳои хабарӣ ва ҳокимияти давлатӣ вобаста аст. Инчунин, ба ақидаи мо, инкишоф ва таҷдиди низоми сиёсии ҷомеа аз сатҳи фаъолияти институтҳои ВАО вобаста аст. Олими рус Н.Ф. Пономарёв дар ин маврид иброз медорад, ки: «Низоми сиёсии ҷомеа манфиатҳои мухталифи гурӯҳҳои иҷтимоиро, ки бевосита ё тариқи созмону ташкилотҳо ва ҳаракатҳои худ ба ҳокимияти сиёсӣ таъсири мауйян мерасонанд, таҷассум менамояд. Ин манфиатҳо бо ёрии сохториҳои тариқи сиёсат идорашаванда, тариқи раванди сиёсӣ, яъне, бо роҳи қабул ва амалӣ намудани қарорҳои сиёсӣ амалӣ карда мешаванд» [114, с.79].

Ҳар як раванди иттилоотӣ сохтори коммуникатсионии худро дорад, ки омӯзиши он имкон медиҳад, ки усулҳои хоси ҳар як система ва раванди мубодилаи иттилоот муайян карда шаванд. Дар робита бо ин масъала олими рус П.Н. Киричек иброз медорад, ки: «Гуногунии ҳадафҳо ва равишҳо, инчунин иштирокчиён ва хусусиятҳои равандҳои сиёсӣ, инчунин дигар омилҳое, ки ба ҳалли вазифаҳои мушаххас дар соҳаи идоракунии давлатӣ таъсир мерасонанд, ба ташаккули системаи мураккаб ва гуногунҷанбаи мубодилаи иттилоот байни одамон оварда мерасонанд» [61, с.156].

Дар шароити имрӯза, маҳз дар асоси иҷро намудани вазифаи коммуникасия нақши ВАО ва оммаан воситаҳои ахбори омма, дар амал татбиқ намудани сиёсати давлат, низоми иҷтимоӣ-сиёсии ҷомеа муҳим гардида, диққати махсусро талаб менамояд.

Дар ду даҳсолаи охир масъалаҳои иртиботи сиёсӣ ва бахусус нақш ва мавқеи васоити ахбори омма дар низоми коммуникатсияи сиёсӣ оҳиста, вале устуворона дар ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ мавқеи марказӣ гирифтанд. Дар айни замон, таҳлили раванди сиёсӣ дар кишварҳои демократии олам бидуни назардошти на танҳо институтҳои миёнаравии сиёсӣ, аз қабили ҳизбҳои сиёсӣ, созмонҳои манфиатдор ва ҳаракатҳои ҷамъиятӣ, балки васоити ахбори омма ғайриимкон ба назар мерасад. Тавре Уолтер Липманн қайд карда буд: «Расонаҳо манбаъҳои пуриқтидори ташаккулдиҳандаи афкори мо мебошанд.

Онҳо ба шаҳрвандон харитаҳои ҷаҳони сиёсиро пешниҳод мекунанд, ки ба тасаввуроти онҳо дар бораи чӣ гуна кор кардани он, фаҳмиши онҳо дар бораи равандҳои дар доираи ин сохтор рухдода ва баҳодиҳии унсурҳои он таъсир мерасонанд» [272].

Расонаҳои хабарӣ як навъи пешниҳоди маводу далелҳои мухталиф ба ҳисоб мераванд, барои иҷроиши як қатор вазифаҳои муҳимми ҷамъиятиву сиёсӣ равона карда шудаст. Як гурӯҳ олимон таъкид бар он доранд, ки: «Дар ин самт метавон чунин вазифаҳои ВАО, ба монанди ташаккули афкори омма, таъсири ғоявии мақомоти давлатӣ ё нерӯҳои мухолиф, хизматрасонии иттилоотии фаъолияти иқтисодӣ дар соҳаи соҳибкории хусусӣ, ба роҳ мондани муносибати ҷавобӣ дар низоми идоракуниро махсусан қайд намуд» [127, с.168].

Ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсиро таҷассум намуда, ВАО дар доираи мавзӯъҳои мубрам, ки дар фазои иҷтимоӣ-сиёсии ҷомеа пайдо мешаванд, кору фаъолият менамоянд. Бахши ахборӣ бо фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ, сарвари давлат, ҳизбҳо ва сарварони онҳо, муносибатҳо байни субъектҳои сиёсат, сиёсати байналхалқӣ, ҳодисаву воқеаҳои сиёсӣ дар кишвар ва хориҷ алоқаманд аст.

Равандҳои иҷтимоӣ ва сиёсии ҷомеаро мушоҳида намуда, ҳар як нашрия мавқеи биниши ҳолат ва вазъияти мухталиф ва мушкилиро пайдо менамояд, масалан, таҳлили танқидӣ, ба таври мутаассил таҳқиқи проблемаҳои ҷомеа, гузариши низоми сиёсӣ, нақши сарвари сиёсӣ ва ғайраҳо. Ба андешаи олими рус С.В. Кузин: «Амиқии коркарди мушкилиҳои сиёсӣ бевосита аз навъи фаъолияти нашрия вобаста аст. Қайд намудан зарур аст, ки бахшҳои мавзӯии ба сиёсат ва иқтисодиёт бахшидашуда дар ВАО нисбат ба дигар бахшҳои мавзӯӣ ҳаҷми калонтар дошта, дар ошкор намудани ҳолати воқеии мавҷуда аҳамияти бузург доранд» [75, с.26].

Таҳлили масъалагузорӣ дар ВАО хусусиятҳои онро ошкор менамояд. Ин, пеш аз ҳама, гуногунҷабҳагии худи мавзӯи сиёсат мебошад. Гуногунҷабҳагӣ дар таҷассуми арсаҳои гуногуни раванди иҷтимоӣ ва сиёсӣ, ба монанди фаъолияти ниҳодҳои ҳокимият, ҳамкории онҳо, муносибати

байни гурӯҳҳои иҷтимоӣ, нерӯҳои сиёсӣ, нақши онҳо дар ташаккули самтгириҳои сиёсӣ, рақобати сиёсӣ ва ташаккули низоми ҳизбӣ ва ғайраҳо зоҳир мегардад.

Масъалаҳои марбут ба сиёсат ва ҷомеа танҳо ба мушкилоти қудрат вобаста нестанд. Онҳо ҳамеша ба ҷанбаҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва дигар ҷанбаҳои рушди давлатдорӣ ва миллатсозӣ алоқамандии зич доранд. Дар расонаҳои хабарӣ сиёсат тавассути масъалаҳои соҳаи иқтисод, молия ва тиҷорат баррасӣ карда мешавад. Ҳамзамон дар ВАО мавзуъҳои сиёсӣ дар ду сатҳи майдони иттилоотӣ фаро гирифта мешаванд. Ҳама маълумоти сиёсӣ тибқи қоидаҳои ҳатмии ВАО пешниҳод карда мешаванд: онҳо ба хабарҳо, шарҳҳо ва таҳлил тақсим карда мешаванд.

Ин аст моҳияти раванди сиесӣ, таҳлили раванди сиёсӣ ва дар маҷмуъ шарҳу тавзеҳи ҳаёти сиёсии ҷомеа. Дар якҷоягӣ бо маводҳое, ки дар онҳо рӯйдодҳои ҷорӣ зуд баррасӣ карда мешаванд, мақолаҳо дар бораи масъалаҳои назариявӣ нашр карда мешаванд. Чунин нашрияҳо муносибатҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва макроиқтисодиро баррасӣ мекунанд.

Дар нашрияҳои гуногун таҷрибаи ташкили баҳсҳо ташаккул ёфт. Гуногунии маводҳои хоси расонаҳои хабарӣ воқеияти гуногунҷабҳаро ба вуҷуд меорад: ҳодисаҳо, ихтилофҳо ва низоъҳо. Ин дар навбати худ боиси васеъ шудани доираи муаллифони рӯзномаҳо ва маҷаллаҳо тавассути ҷалби мутахассисони касбӣ ва намояндагони қувваҳои гуногуни сиёсӣ мегардад.

Ҳамин тариқ, масъалаи таснифи матбуоти давриро ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ-сиёсӣ баррасӣ намуда мо ба чунин хулосаҳо расидем:

- расонаҳои хабарӣ аз оғози пайдоиши худ, вазифаҳои муҳимро иҷро намуда, дар шароити имрӯза низ ҳамчун яке аз ниҳодҳои муҳимми ҷамъиятиву сиёсӣ баромад менамоянд. Дар ҳар давру замон, ки ВАО амал менамуд, масъалаҳои мухталифи ҷамъиятиву сиёсӣ ва роҳҳои минбаъдаи инкишофи кишвар дар саҳифҳои он мавриди баррасӣ қарор дода мешуданд [127, с.184];

- дар фазои иттилоотӣ метавонем рӯзномаҳо ва маҷаллаҳоеро пайдо кунем, ки на танҳо хабарҳои сиёсиро пешниҳод мекунанд, балки ҷанбаҳои

мураккаби раванди сиёсиро таҳлил ва шарҳ медиҳанд ва бо ин роҳ тасаввуроти одамон дар бораи сиёсатро ташаккул медиҳанд. ВАО, ки мавзуъҳои сиёсиро фаро мегиранд, одатан инъикоси вазъият ё раванди воқеии сиёсӣ мебошанд.

- барои ВАО дар ҳар давру замон паҳн намудани иттилоот аввалиндарача ба ҳисоб мерафт. Дар асоси паҳн намудани иттилоот, ниҳодҳои ВАО имконияти таъсир расонидан ба шуури оммавиро пайдо менамуданд ва бо чунин васила афкори оммаро ташаккул медоданд. Маҳз дар ҳамин марҳила, яъне дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ, зарурати ҳамкории ҳокимияти давлатӣ ва воситаҳои ахбори омма пайдо мешавад. Ба чунин ҳамкори ҳам воситаҳои ахбори омма ва ҳам ҳокимияти давлатӣ манфиатдор шуморида мешаванд;

- фаъолият оид ба пешниҳоди иттилоот ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ додани маълумоти расмӣ ё оммавӣ дар бораи ҳаёти сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин рӯйдодҳо ва зуҳуроти дар дигар давлатҳо руҳдодаро дар бар мегирад. Илова бар ин, ин фаъолият ба густариши иттилооти ҳамаҷониба дар бораи кишвар берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути сохторҳои давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва шаҳрвандон равона шудааст.

- сокинони Тоҷикистон метавонанд озодона тавассути каналҳои гуногун, аз қабили телевизион, радио, нашрияҳои чопӣ ва захираҳои интернетӣ маълумот гиранд. Чунин шарту шароит ба сокинони кишвар имконият медиҳад, ки дар бораи воқеаву ҳодисаҳо, бахусус дар мавриди равандҳои сиёсию иҷтимоии дохилу хориҷ маълумоти саҳеҳ дастрас кунанд;

## §1.3. Хусусиятҳо ва шаклҳои раванди таҳия ва татбиқи технологияҳои тарғиботӣ дар ВАО

Муддатҳои тӯлонӣ барои тамоми ҷомеа сарчашмаи асосии иттилоот матбуот – рӯзномаву маҷаллаҳо хизмат менамуданд. Дар аввал, аксарияти рӯзномаву маҷаллаҳо ба сифати мақомоти нашриявии ин ё он ҳизби сиёсӣ пайдо шудаанд ё дар шаклҳои мухталиф ба раванди сиёсӣ ҷалб гардидаанд [51]. Ба ҳар сурат, рӯзномаҳо аз оғози пайдоиши худ пинҳон намекарданд, ки

бетарафии сиёсиро пеша намекунанд. Пешниҳоди иттилооти иқтисодӣ ва сиёсӣ дар фаъолияти рӯзномаҳо дорои аҳамияти хос буд. Онҳо маводҳои шавқовару хурсандибахш ва ахбори маҳаллиро низ пешниҳод намуда, одамонро одат кунониданд, ки матбуоти давриро чун қисми таркибии ҷаҳон, ки ба ҳодисаву падидаҳои он баҳо медоданд, баррасӣ намоянд.

Дар амалӣ намудани ин ҳадаф ниҳодҳои ВАО дастовардҳои бузургро ба даст овtowарданд. Дар воқеъ, ниҳодҳои ВАО, дар шароити имрӯза, ба яке аз қисмҳои муҳими таркиби ҷомеа мубаддал гардидаанд. Самтгириву фаъолият ва тарзи рафтори аксарияти одамонро маҳз фаъолияти ниҳодҳои ВАО муайян мекунанд.

Дар шароити имрӯза, яке аз самтҳои асосии фаъолияти ниҳодҳои ВАО таҷассуми рақобати байни гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва нерӯҳои мухталифи сиёсӣ гардидааст. Оммаан, чунин таҷриба дербоз дар саҳифаҳои ВАО ба назар мерасид, аммо солҳои охир он хеле қувват гирифтааст. Дар даҳсолаҳои охир, дар саҳифаҳои ВАО бештар маводҳое нашр мешаванд, ки ки асосан, хусусияти таблиғотӣ доранд.

Ин вазъият бо рақобати гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва нерӯҳои сиёсӣ алоқаманд аст, ки кӯшиш менамоянд дар муборизаи худ аз воситаҳои мухталиф истифода баранд. Яке аз чунин воситаҳо маҳз ВАО ба ҳисоб меравад.

Дар вазъияти қувват гирифтани рақобат омили вақт аҳамияти афзояндаро касб менамояд. Аз ин хотир то оғози маъракаи интихоботӣ ба ниҳодҳои ВАО аз ҷониби тамоми довталабон ва номзадон диққати махсус равона карда мешавад. Сиёсатмадоре, ки қарор додааст дар интихобот ба ин ё он мансаби баланди интихобӣ иштирок намояд, кӯшиш менамояд ҳарчӣ барвақттар диққати ниҳодҳои матбуоти давриро ба худ ҷалб намояд ва бо ин васила тариқи онҳо худро ба ҷомеа ва доираҳои корӣ муарифӣ намояд.

Ин масъаларо баррасӣ намуда, И.А. Федякин таъкид камуд, ки: «Истифодаи ниҳодҳои ВАО дар рақобат ва мубориза хароҷоти зиёдро талаб менамуд. Аз ин хотир ақидае ҷой дошт, ки бо паҳн гардидани телевизион маҳдуд гардидани хароҷоти маъракаҳои интихоботӣ, болоравии иттилоотонӣ

ва фаъолнокии сиёсии интихобкунандагон ва қувват гирифтани назорати раванди сиёсӣ таъмин карда мешавад» [144, с.173]. Лекин, таҳлилҳои солҳои охир нишон медиҳанд, ки ин интизориҳо амалӣ нагардиданд. Баръакси ин ақида, давомнокӣ ва арзиши маъракаҳои интихоботӣ зиёд гардиданд. Таблиғоти пурарзиш қисми таркибии ҳар як маъракаи интихоботӣ ба мансабҳои баланди давлатӣ гардид.

Услуб ва усулҳои таблиғи тиҷоратӣ ба соҳаи сиёсат ба таври васеъ дохил гардид, маъракаҳои сиёсӣ дар ниҳодҳои ВАО рӯз ба рӯз бештар характери таблиғотиро касб намуд. Чунин рушди ҳодисаву воқеаҳоро ҳанӯз дар аввали солҳои 50-уми асри XX пешгӯӣ намуда, Н. Стаблер ҳушдор дода буд, ки: «Интихобот бо болоравии сатҳ ба баҳсҳо на миёни номзадҳо, балки байни ширкатҳои бузурги таблиғотӣ табдил хоҳад ёфт» [51, с.45].

Барои пурра дарк намудани моҳият ва хусусиятҳои мафҳуми «тарғибот» зарур аст, ки мафҳуми мазкур тасниф карда шавад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки то ба имрӯз таснифоти ягона ва ҳамаро қонеъкунандаи тарғибот, на классикӣ, на иқтисодӣ ва на иҷтимоӣ - фалсафӣ коркард нагардидааст. Як қатор муаллифон дар тарғибот чӣ қадаре, ки технология, то ҳамон андоза назарияи фалсафӣ, самтгириҳои ҷаҳонбинӣ, истифодаи усул ва воситаҳои тиҷоратиро мебинанд. Дар чунин ҳолат на оид ба замонасозии ташвиқоту тарғибот, балки оид ба машғул гардидан ба сиёсат ба монанди тиҷорат сухан меравад [63, с.524].

Таснифоти васеи тарғибот ба чунин классикон, ба монанди П.Друкер ва Ф.Котлер хос аст. П.Друкер чунин мешуморид, ки: «Тарғибот ин навъи махсуси фаъолиятест, ки тамоми ҷанбаҳои онро фарогир аст. Ин тиҷорат аст, ки аз нуқтаи назари натиҷаи ниҳоӣ, яъне аз нуқтаи назари истеъмолкунанда, дида мешавад; тарғибот ин вазифаи фарққунанда ва ягонаи тиҷорат ба ҳисоб меравад» [42, с.432].

Тарғибот сиёсӣ ин навъи технологияи сиёсӣ аст, ки низоми маҷмӯавии усул ва услубҳои таъсиррасонии мақсаднокро ба оммаиятҳои мухталифи иҷтимоӣ ва миллӣ пешниҳод менамояд [113]. Як гурӯҳ олимон муътақиданд,

ки: «Мувофиқи таснифоти мавҷуда – тарғибот ин раванди банақшагирӣ ва амалӣ намудани ақида, пешниҳод ва амалӣ намудани ғояҳо, маҳсулот, хизматрасонӣ тариқи ивазнамои мебошад, ки мақсади одамони алоҳида ва созмону ташкилотҳоро қонеъ менамояд» [32, с.6]. Дар таҳқиқоти яке аз назарияпардозони корҳои тарғиботӣ Ҷ.О. Шонесси таъкид мегардад, ки: «Тарғиботи сиёсӣ бояд аксарияти равандҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, ки ба маркетинги тиҷоратӣ ворид гардидаанд – таҳқиқот, реклама, менеҷменти молу маҳсулот нусхабардорӣ намояд» [103, с.16].

А.Мелников ва С.Сокол чунин мешуморанд, ки: «Тарғибот дар кишварҳои рушдкардаи демократӣ солҳои 50-уми асри XX пайдо шудааст» [93, с.146]. Пайдоиши онро муаллифон бо номи Д.Эйзенхауэр алоқаманд менамоянд, ки якумин маротиба ба хизматрасонии агентии таблиғотӣ барои ташкили маъракаи пешазинтихоботӣ муроҷиат намудааст. Онҳо қайд менамоянд, ки: «Усул ва услубҳои маркетинги бонкӣ ва тиҷоратӣ нисбати фурӯши молу маҳсулот дар «фурӯши» сиёсатмадорон қобили қабуланд, яъне имконияти интихоб гардидани онҳоро баланд менамояд» [93, с.148]. Муқоиса намудани сиёсатмадор бо молу маҳсулот – маҷози нав нест ва васеъ паҳн гардидааст: ҳанӯз соли 1969 дар Америка китоби Ҷ.Мак-Гиннес «Чӣ тавр президентро соли 1968 фурӯхтанд» чоп гардид, ки хонандагонро бо технологияи бо монанди таблиғоти молу маҳсулот сиёсатмадорро ба интихобкунандагон пешниҳод намудан шинос намудааст.

Ҳамин тариқ, ВАО ин як навъ фаъолиятест, ки дар доираи он пешниҳоди молу маҳсулот, ба монанди барномаҳои сиёсӣ, идеология, нуқтаи назар, сарвар, сиёсатмадор ба истеъмолкунандагон, яъне шаҳрвандон ба ҳисоб меравад. Дар доираи ин фаъолият асосан аз усул ва воситаҳои иқтисодӣ истифода менамоянд. Тавре таъкид менамоянд, тарғибот ҳамчун шакли технологияи сиёсӣ, маҷмӯи усулҳо ва услубҳои таъсиррасонии мақсаднок ба оммаиятҳо ва гуруҳҳои гуногӯни иҷтимоӣ бо мақади ба онҳо расонидани иттиллоти барои гурӯҳҳои муайян муфид дар шаклҳои мусоид ва дастрас аз тариқи ниҳодҳои муассири воситаҳои ахбори омма мебошад [90, с.125].

Ба ақидаи мо, ВАО ин як навъ таблиғи ташвиқи тарғибот аст, ки ба монанди бозори иқтисодӣ дорои молу маҳсулот, фурӯшанда ва харидор аст. Фурӯшандаи бозори сиёсӣ - давлат, ҳизбҳои сиёсӣ буда молу маҳсулот – барномаи давлатӣ, қонуну қарорҳо, ғоя, барномаи ҳизбӣ ва харидор – шаҳрвандон ба ҳисоб мераванд.

Дар шароити имрӯза ВАО ва шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ яке аз воситаҳои асосии тарғиботу ташвиқот баромад менамояд. Чун тарғибот ин воситаи асосии пешниҳоди нуқтаи назар, барномаҳои муйян, қонуну қарорҳои давлатӣ ва дигар маҳсулоти сиёсӣ мебошад, пас ВАО ва шабакаҳои иҷтимоӣ воситаи асосии паҳн намудани ин маҳсулоти сиёсӣ байни аҳолӣ ва дигар субъектҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад.

Яъне, воситаҳои ахбори омма ҳамчун воситаи асосии тарғиботу ташвиқот баромад менамоянд. Ҳанӯз дар нимаи аввали солҳои 60-уми қарни гузашта назарияпардози канадагӣ М.Маклюэн дар бораи арзишмандии воситаҳои интиқоли иттилоот андешаронӣ намуда, таъкид карда буд, ки: «Воситаҳои интиқоли иттилоот худ ба худ, нисбат ба иттилооти интиқолёбанда, муҳиманд» [64, с.54]. Аз ин нуқтаи назар ҳар як низоми коммуникатсияи оммавӣ дорои хусусиятҳои хоси худ мебошад. Лекин тамоми воситаҳои ахбори оммаро қобилияти алоқаи бевосита бо ҷомеа, ки ниҳодҳои анъанавии алоқа, ба монанди мактаб, оила, ҳизбҳои сиёсӣ ва созмонҳоро як тараф монда, муттаҳид менамояд. Ба ақидаи мо, маҳз ин қобилият аз тарафи субъекти реклама, ки кӯшиш менамояд ҷомеаро розӣ кунонад то маҳсулоти ӯро харидорӣ кунанд, ё мансабдор, ҳизби сиёсӣ барои сафарбарнамоии дасигирии барномаи худ истифода мегардад.

Мақсадҳои амалии ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ ва махсусан аз тарафи ВАО истифодашаванда дар аввал мундариҷаи тарғибот ва сипас навъбандии онро муайян ва мушаххас менамоянд. Дар навбати худ, таҳлил тамоюлҳои иҷтимоӣ ва ҳатто масъалаҳои ҳаррӯзаро пайгирӣ намуда, самтҳои асосии воридшавӣ ва паҳнкунии таблиғотро дар соҳаи иттилоот ва кори расонаҳои хабарӣ муайян

мекунад. Соҳаи воситаҳои ахбори омма бошад самти рушди матбуотии худи тарғиботро муайян менамояд.

Ба андешаи аксари коршиносон соҳаи ВАО ва амалияи иҷтимоӣ рушди якдигарро таъмин менамоянд. Рушди ВАО марҳилаи сифатан навро пешниҳод менамояд, институтҳои ВАО бошанд, баҳри пешбурди ҳаёти ҷамъиятӣ дар хизмати тарғиботу ташвиқот қарор дода мешаванд, яъне ҳамчун воситаи асосии таъсиррасонӣ ба шуури омма баромад менамоянд. Ба ақидаи мо, ВАО ва шабакаҳои иҷтимоӣ дар инкишофи ҷанбаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа нақши муҳим дорад.

Корҳои тарғиботию ташвиқотӣ, ки тариқи воситаҳои ахбори омма ва шабакаҳои иҷтимоӣ татбиқ мегардад, аз рӯи усулӣ амалӣ гардидан ба ду навъи асосӣ ҷудо карда мешавад: шифоҳӣ ва визуалӣ. Табиист, ки ин навъҳо бо ҷудошавии пурра аз якдигар вуҷуд надоранд, баръакс, онҳо одатан дар синтез истифода мешаванд, лекин ду воситаи мустақили интиқоли иттилоот – сухан ва расмро истифода менамоянд. Дар асоси мақсад метавон навъбандии зерини тарғиботро пешниҳод намуд. Дар доираи корҳои тарғиботию ташвиқотӣ: тарғиботи пеш аз интихоботӣ, тарғиботу ташвиқоти сохторҳои давлатӣ, тарғиботи ҳудуд, тарғиботи шахсиятҳо, тарғиботи ғояҳо ва ғайраҳо ҷудо карда мешаванд.

Ба он хотире, ки ғояи иҷтимоӣ ва сиёсӣ амалӣ гардад, зарур аст, ки он тарафдорони худро дошта бошад, ки онро дастгирӣ намоянд. Ҳар як шахси фаъол бояд тарафдорони худро дошта бошад, ки муддати тулонӣ маҳз чунин як шахсро интизор буданд. Лекин барои ба даст овардани чунин мавқеъ дар доираи васеи интихобкунандагон, харизма ё боварӣ ба он, ки самти пешниҳодгардида воқеан дуруст аст ва ҳатман барои ҷомеа кореро ба сомон мерасонад, нокифоя аст.

Ғояи фалсафӣ метавонад мушаххас, дорои нақшаи санҷидашуда ва эҳтимолияти воқеии бошад, интизориҳои оммаи мардумро амалӣ намояд, лекин бидуни «ташвиқу таблиғот» –и ин «маҳсулот» амалӣ гардидани он ғайриимкон аст. Ба хотире, ки чунин ҳолат ба миён наояд, чунин мафҳум, ба

монанди « тарғибот» мавҷуд аст, ки барои як навъ реклама намудани ҳар як ғояи созанда хизмат менамояд.

ВАО ва шабакаҳои иҷтимоӣ ин истифодаи бомуваффақияти корҳои тарғиботию ташвиқотии ба ҳама маъруф аст, ки кайҳо боз дар дар доираи муносибатҳои ҷамъиятӣ истифода шудааст ва дар шароити тағйирёбии муносибатҳои иҷтимоию сиёсӣ ба соҳаи иҷтимоиёт ва сиёсат интиқол дода шудааст. Бо кӯмаки он, дар чашми мардум образи ҷолибе бунёдии сиёсии сохта мешавад ва инчунин як шиоре таҳия карда мешавад, ки бояд мардумро ба худ ҷалб намояд.

Дар шароити имрӯза чунин усулҳои фаъолият аз тарафи тамоми гуруӯҳҳои иҷтимоӣ, нерӯҳои сиёсӣ ва ҷамъиятӣ мавриди истифода қарор дода шудааст. Ба ақидаи мо, дар тамоми кишварҳо, муваффақияти сиёсатмадорони алоҳида, ҳизбҳои сиёсӣ аз дуруст ва саривақтӣ истифода намудани методҳои тарғиботию ташвиқотӣ вобаста аст.

Чунин нақши ВАО ва шабакаҳои иҷтимоӣ дар шароити муосир бо он алоқаманд аст, ки иштироки оммаи мардум дар ҳаёти иҷтимоӣ ба таври назаррас васеъ гардидааст. Дар асоси мушоҳидаҳо метавон қайд намуд, ки дар аксар кишварҳо ҳизбҳо ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ташкил мешаванд. ВАО ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба рушди ҳар як гурӯҳҳои иҷтимоӣ, иттиҳодияи сиёсӣ саҳми арзанда мегузорад. Зеро маҳз ВАО на танҳо имиҷи давлат, ҳукумат ва сиёсатмадорони алоҳида, балки имиҷи кишварҳо, созмону ташкилотҳои байналхалқӣ, блокҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои глобалиро ташаккул медиҳад.

ВАО ва шабакаҳои иҷтимоӣ воситаи асосии таҳлили воқеияти иҷтимоию сиёсӣ ва идоракунии он мафҳум ва муносибатҳои асосии худро нигоҳ медорад. Дар рафти фаъолияти таблиғотӣ ва тарғиботӣ шаҳрвандони оддӣ, ки ба ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсӣ таъсири мустақим надоранд, ҳамчун истеъмолкунандагони маҳсулоти сиёсӣ баромад мекунанд. Ба онҳо ҳизбҳои сиёсӣ, сарварони сиёсӣ ва мақомоти давлатӣ дохил мешаванд, ки ин маҳсулотро истеҳсол мекунанд.

Дар соҳаи сиёсӣ як қатор унсурҳое мавҷуданд, ки онҳоро ҳамчун ҷузъи раванди сиёсӣ баррасӣ кардан мумкин аст. Ба онҳо идеология ва барномаи ҳизбҳои сиёсӣ, симои мароқангези сарварони сиёсӣ, инчунин амалҳои иштирокчиён ва созмонҳои гуногун дохил мешаванд. Ин унсурҳо, ки онҳоро маҳсулоти сиёсӣ, истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон номидан мумкин аст, бозори сиёсиро ташаккул медиҳанд, хусусиятҳо ва намунаҳои онро муайян мекунанд. Идеяи асосӣ ин аст, ки ҳадафи ҳар як созмон қонеъ кардани ниёзҳои шаҳрвандон аст. Ба ин маъно, фаъолияти ҳар як созмонро метавон ҳамчун раванди пешниҳоди арзишҳо баррасӣ кард. Ин муқарраároти назариявӣ дар шаклҳо ва сатҳҳои гуногуни таблиғот инъикос меебанд.

Аз ин рӯ, маҳсулоти сиёсӣ, аз қабили консепсияҳои идеологӣ, барномаҳои ҳизбҳои сиёсӣ, симои шахсиятҳои сиёсӣ тавассути институтҳои ВАО ба аҳолӣ дастрас мешаванд. Васоити ахбори омма ва шабакаҳои иҷтимоӣ ҳамчун воситаи асосии паҳнкунии иттилоот истифода мешаванд.

То солҳои 50-уми асри ХХ, тарғибот (реклама), ки ҳамчун ба роҳ мондани илман ташкилшудаи низоми алоқаи истеҳсолот ва бозор, ки дар маркази он истеъмолкунанда ҷой дошт, фаҳмида мешуд, вуҷуд надошт. Мақсади асосии соҳибкор истеҳсоли маҳсулот ба ҳисоб мерафт, ки сипас бо роҳу воситаҳои мухталифи мавҷуда фурухта мешуд.

Бо рушди истеҳсолот, бо молу маҳсулот пурра гардидани бозор, шиддатнок гардидани рақобат, пайдо намудани харидор ва фурӯши маҳсулот бе таҳлили молу маҳсулот душвор ва дар баъзе ҳолатҳо ғайриимкон гардид. Аз ин хотир, ҳам амалгароён ва ҳам назарияпардозон ба хулосае омаданд, ки фаъолиятро на аз истеҳсолот, балки аз омӯзиши бозор – талаботи истеъмолгарон оғоз намудан зарур аст. Мантиқи муносибатҳои нав, ки корхона ва бозорро алоқаманд менамуд, аз тарафи классики омӯзиши тарғибот Ф. Котлер пешниҳод гардид [72, с.214].

Коршиносони соҳаи ВАО хислати оммаӣ доштани консепсияи худро дар аввал эътироф накарданд. Ҷаҳиши инқилобиро Ф Котлер амалӣ намуд, консепсия ва роҳу воситаҳои тарғиботиро дар доираи таҳқиқотҳои бузурги

иҷтимоӣ истифода намуда, аҳамияти онҳоро барои фаъолияти сохторҳои ғайритиҷоратӣ, аз он ҷумла сохторҳои сиёсӣ ва давлатӣ, гузаронидани маъракаҳои оммавӣ нишон дод [72, с.300].

Таҳқиқоти тарғибот, истифодаи он дар амалия солҳои 50-уми асри XX оғоз гардидааст, лекин, ба ақидаи мо, падидаи тарғиботи иҷтимоию сиёсӣ, дар якҷоягӣ бо сиёсат, равандҳо ва муносибатҳои сиёсӣ пайдо гардида буд.

Таҳлили асари Н. Макиавелли «Подшоҳ» низ нишон медиҳад, ки дар он унсурҳои алоҳидаи тарғибот мушоҳида карда мешавад. Дар ин асар тақаллуб воситаи асосии бадасторӣ ва нигоҳ доштани назорати дигарон баррасӣ карда шудааст. Н.Макиавелли ба ҳоким, ки ба муваффақият кӯшиш менамояд, маслиҳат медиҳад, ки амалҳои худро бо қонунҳои зарурият ва рафтори тобеъон мувофиқа намояд. Ба андешаи ӯ: «Нерӯ ва қувва ба ҷониби сарвар аст, ки психологияи одамонро ба инобат мегирад, хусусиятҳо ва тарзи мулоҳизаҳо, одатҳои ахлоқӣ, бартарӣ ва камбудии онҳоро медонад» [84, с.69].

Ҳамин тариқ, тарғибот дар соҳаи тиҷорат худро тавсия дода, ба таври табиӣ ба бозори сиёсӣ ворид гардид. Оид ба мавҷудияти тарғибот доираҳои илмӣ ба пуррагӣ мувофиқанд. Мавқеъгириҳои илмию амалии Л. Малишевский хеле назаррас аст. Ба андешаи ӯ: «Бо сабаби он, ки заминаи истифодаи назария ва технологияҳои тарғиботӣ дар сиёсат маъракаҳои интихоботӣ ба ҳисоб меравад, тарғиботи сиёсӣ дар аксарияти ҳолатҳо технологияи интихоботӣ номида мешавад» [199, с.45]. Қайд намудан зарур аст, ки тарғибот бо интихоботи дар ҳаёти сиёсӣ баргузоршуда ё баргузоршаванда маҳдуд намегардад. Дар асоси ҳолатҳои объективӣ, пеш аз ҳама, ҳолати иқтисодӣ муносибатҳои бозоргонӣ дар соҳаи идоракунии давлатӣ мавқеи устуворро касб намудааст.

Самаранокии тарғибот диққати илмҳои ҷомеашиносиро ба худ ҷалб намуд. Дар солҳои 60-ум муҳаққиқони америкоӣ Р.Глик ва Д.Нимм [62] яке аз аввалинҳо шуда ба истилоҳоти тарғибот рӯй оварданд, лекин ба пуррагӣ имкониятҳои онро дар соҳаи таҳқиқотҳои ҷомеашиносӣ тасаввур намекарданд. Пас аз ворид шудани тарғибот ба соҳаи сиёсӣ, миқдори зиёди

таҳқиқотҳо гузаронида шудаанд, ки ба ҷанбаҳои тарғиботу ташвиқоти равандҳои иҷтимоӣ сиёсӣ бахшида шудаанд. Дар таҳқиқотҳои амалгароён таснифотҳои маҳдудгардидаи «технологӣ» ва электоралӣ мушоҳида карда мешавад. Ба андешаи Р.Глик ва Д.Нимм: «Тарғибот ин маҷмӯи услубҳои техникӣ аст, ки барои баровардани номзади мушаххас ба интихобкунандагони эҳтимолии номзад; барои машҳур намудани номзад ба миқдори зиёди интихобкунандагон; барои муайян намудани фарқияти байни номзад ва рақибони ӯ, ба даст овардани миқдори зиёди овозҳо дар ҷараёни овоздиҳӣ бо истифодаи маблағҳои камтарин истифода карда мешавад» [62, с.342].

Дар таблиғоти сиёсӣ, ба ғайр аз консепсияҳои анъанавӣ, инчунин ғояҳо, равишҳо ва усулҳое, ки ба назарияи интихоби эҳтимолӣ, психологияи иҷтимоӣ, сотсиология ва коммуникатсия асос ёфтаанд, дохил карда шуданд. Дар таърихи реклама ду усули асосии ҳамкорӣ бо мизоҷони эҳтимолӣ, ки бо ҳам рақобат мекунанд, ҷудо карда мешаванд. Бояд қайд кард, ки консепсияи мазкур дар доираҳои илмӣ ва иҷтимоӣ бартарӣ пайдо кард. Ҷанбаҳои асосии фаъолияти рекламавиро чунин тавсиф кардан мумкин аст: эҷоди фазои эътимод ва садоқат дар муштариён, аҳолӣ ва ҷонибдорони созмонҳои сиёсӣ, ки ба шарикии дарозмуддат мусоидат мекунанд; ба истеъмолкунанда имконият додан, ки дар раванди ҳамкорӣ фаъолона иштирок кунад; муошират ба принсипҳои "гӯш кардан ва қабул кардан" ва "сухан гуфтан ва фурӯхтан" асос ёфтааст; маҳсулот ҳамчун натиҷаи ҳамкорӣ баррасӣ карда мешавад [103, с.31].

Дар доираи ин стратегия, пешбурд ва рушди ҳамкорӣ ҷанбаҳои калидӣ мешаванд. Дар заминаи воқеиятҳои муосир, эҷоди фазои эътимод байни иштирокчиёни ҳамкорӣ яке аз самтҳои афзалиятноки таблиғоти сиёсӣ мегардад. Дар робита ба ин, гузариши сиёсӣ муваффақ ҳисобида мешавад, агар он ба муносибатҳои дарозмуддат ва мутақобилан судманд байни тарафҳо оварда расонад. Яке аз сабабҳои асосии вазъият дар он аст, ки одамон ба сиёсатмадорон ва ниҳодҳои давлатӣ камтар эътимод доранд. Ин боиси афзоиши бепарвоӣ дар байни шаҳрвандон мегардад, ки хусусияти

демократияи намояндагии муосир мебошад. Барои фаҳмидани масъалаҳои таблиғот, шумо бояд фаҳмед, ки муносибатҳои муосир байни соҳаҳои ваколат ва сиёсат чӣ гуна кор мекунанд. Муҳаққиқ Д. Колл тамоми соҳаҳои ҳаёт ва сиёсатро ба ду категория тақсим мекунад:

- ҷустуҷӯи қудрат ва таъсир ба қабули қарорҳо дар корҳои давлатӣ;

татбиқи ташаббусҳое, ки аз ҷониби ҳукумат ва мақомоти гуногуни ҳокимият амалӣ карда мешаванд, инчунин ҳама гуна кӯшишҳо барои ба даст овардани фоида [103, с.33].

Ҷанбаи аввал ба равандҳо ва амалҳои сиёсӣ асос ёфтааст, ки ба бархӯрди манфиатҳо, мубориза барои ҳукмронӣ ва ҷустуҷӯи ризоият вобастаанд. Ҷанбаи дуюм тартиботи сиёсӣ, меъёрҳои асосӣ ва ниҳодҳои танзими муносибатҳои тарафайни иҷтимоиро пешниҳод менамояд. Баъдтар ҷомеашиносон ҷанбаҳои сиёсатро зиёд намуда, миқдори онро ба чор расониданд. Ба ҷанбаи сеюм идоракунии сиёсӣ, ки зери назорати ҷамъият қарор дорад ворид карда мешавад.

Ҳамин тавр, фазои сиёсиро ба се қисм тақсим кардан мумкин аст: раванди интихобот, идоракунии давлатӣ ва фаъолияти сиёсӣ. Ҳар яке аз ин соҳаҳо афзалиятҳо ва нуқсонҳои худро доранд. Таҳлили таркиб ва муносибати байни иштирокчиёни бозори интихобкунандагон нишон медиҳад, ки алоқа ва коммуникатсияи байни онҳо маҳз тариқи воситаҳои ахбори омма, аз он ҷумла ВАО таъмин карда мешавад. Маҳз аз ҳамин хотир метавон қайд намуд, ки ВАО ҳамчун воситаи асосии тарғибот ба ҳисоб меравад. Дар соҳаи идоракунии давлатӣ воситаҳои ахбори омма дар таъмини ҳамкории байни мақомоти ҳокимият ва аҳолӣ нақши калидӣ мебозанд [103, с.36].

Дар бозори фаъолияти иҷтимоию сиёсӣ гурӯҳҳои гуногун, аз қабили гурӯҳҳои ташаббускори ғайрирасмӣ, созмонҳои ҳифзи озодиҳои ҷамъиятӣ ва созмонҳои лоббистӣ, инчунин фаъолони сиёсӣ бо ҳам ва бо иштирокчиёни бозорҳои дигар: интихобкунандагон, давлат, ҳизбҳо, номзадҳо ва васоити ахбори омма ҳамкорӣ мекунанд.

Дар соҳаи бозори сиёсӣ ҷанбаҳои зиёде мавҷуданд, ки таҳқиқ карда мешаванд. Ба он бозори интихобкунандагон, бозори ҳокимияти давлатӣ ва бозори фаъолияти сиёсӣ дохил мешаванд. Сиёсатшиноси амрикоӣ Г.Алмонд қайд набуда буд, ки: «Дар марҳилаи омодагӣ ба интихобот ҳизбҳои сиёсӣ ва номзадҳои мустақил аз таҳқиқоти иҷтимоӣ мегузаронанд. Онҳо бозори интихобкунандагонро меомӯзанд, то бифаҳманд, ки чӣ гуна маъракаи худро беҳтар созанд. Ҳизбҳои сиёсӣ ва номзадҳои мустақил вазъи бозорро таҳлил мекунанд, то самтҳои асосӣ, ҷиҳатҳои қавӣ ва заифи рақибон, ниёзҳо ва хусусиятҳои одамон ва усулҳои муосири муоширатро муайян кунанд. Ин ба онҳо кӯмак мекунад, ки стратегияи муассирро барои ҷалби интихобкунандагон таҳия кунанд» [178, с.47].

Дар доираи маъракаи пешазинтихоботӣ инчунин тадқиқотҳо гузаронида мешаванд, ки ба гирифтани маълумоти муосир дар бораи муваффақияти татбиқи стратегияи интихобшудаи фаъолияти таблиғотӣ ва тарғиботӣ равона карда шудаанд. Ин тадқиқотҳо ба мо имкон медиҳанд, ки сатҳи шинохти ҳизб, самаранокии воситаҳои таблиғотии истифодашуда ва чорабиниҳои мушаххаси таблиғотиро арзебӣ кунем [199, с.54].

Дар рӯзи интихобот тадқиқот гузаронида мешавад, ки онро пурсиш ва мушоҳида "дар даромадгоҳ" ва "дар баромадгоҳ" меноманд. Он ба коршиносон имкон медиҳад, ки натиҷаҳои овоздиҳиро пешгӯӣ кунанд, аммо ин эълон карда намешавад. Пас аз маълум шудани натиҷаҳои интихобот, таҳлил ва арзёбии муваффақияти маъракаи интихоботӣ гузаронида мешавад.

Омӯзиши афкори ҷамъиятӣ дар арсаи сиёсӣ барои пешбурди шахсиятҳо ва сохторҳои давлатӣ, инчунин барои маъмулгардонии ташаббусҳо ва стратегияҳои давлатӣ зарур аст. Барои мақомоти давлатӣ муҳим аст, ки тасвири мусбати кишварро ҳам барои шаҳрвандон ва ҳам барои ҷомеаи байналмилалӣ эҷод кунанд. Ин ба таҳкими ваҳдат дар дохили кишвар ва ташаккули ҳувияти шаҳрвандӣ мусоидат мекунад ва инчунин ба мавқеи муфид дар арсаи байналмилалӣ мусоидат менамояд. Ҳамаи ин ҳадафҳо бидуни назардошти манфиатҳо ва ниёзҳои қишрҳои гуногуни аҳолӣ ба даст

оварда намешаванд. Фаҳмиши ин ниёзҳо ва манфиатҳо дар натиҷаи гузаронидани тадқиқот ба даст оварда мешавад.

Тадқиқотҳое, ки ба ноил шудан ба ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкории мутақобилан судманди байни давлат ва шаҳрвандон нигаронида шудаанд, якчанд ҷанбаҳоро дар бар мегиранд: таҳлили афкори ҷамъиятӣ оид ба масъалаҳои гуногуни иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ; омӯзиши ҳамкории шаҳрвандон бо мақомоти давлатӣ, шахсони мансабдор ва кори онҳо; омӯзиши каналҳои коммуникатсионӣ, ки гурӯҳҳои гуногуни шаҳрвандон истифода мебаранд; таҳлили сатҳи огоҳии шаҳрвандон дар бораи масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ ва фаъолияти мақомоти давлатӣ; ин таҳқиқот метавонанд пешакӣ, ҷорӣ ё қатъӣ бошанд.

Таъкид кардан муҳим аст, ки дар соҳаи алтернативии фаъолияти сиёсӣ зарурати гузаронидани таҳқиқоти гуногун торафт бештар ба миён меояд. Онҳо мавзуъҳоеро дар бар мегиранд, ба монанди таҳлили гурӯҳҳои манфиатдор, омӯзиши афкори ҷамъиятӣ оид ба масъалаҳои мубрам, таҳлили фаъолияти ташкилотҳо ва ҳамкории онҳо бо аҳолӣ ва ғайра. Усулҳои тадқиқот дар соҳаи таблиғот ва муносибатҳои байналмилалӣ низ истифода мешаванд. Аз ҷумла, барои ташаккули имиҷ ва мавқеи давлат, ниҳодҳои он дар арсаи байналмилалӣ таҳқиқоти пешакӣ гузаронидан лозим аст. Ғайр аз ин, рақобат байни давлатҳо барои захираҳои гуногун, аз қабили иқтисодӣ, технологӣ, табиӣ, фарҳангӣ ва инсонӣ талаботро ба воситаҳои пешрафт, аз ҷумла таҳлили рақобат муайян мекунад.

Дар доираи корҳои тарғиботӣ воситаҳои ахбори омма мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода мешаванд. Таҳқиқотҳои омӯзиши воситаҳои ахбори омма, аз он ҷумла ВАО ошкор намудани ҷанбаҳои зеринро пешниҳод менамояд:

- истеъмолгарони ҳар як институти ВАО: ҳаҷми он, хусусиятҳои демографӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ ва психологӣ;
- ВАО, ки барои гурӯҳҳои гуногуни интихобкунандагон бартарӣ доранд;

- арзиши воҳиди иттилоотӣ ва миқдори интихобкунандагони эҳтимолӣ, ки ба онҳо дар вақти муайян иттилоот расонида мешавад;

- мавқеъ ва шӯҳратмандии оммаӣ ва дохилии ҳар як институти воситаҳои ахбори омма [103, с.37].

Чунин таҳлили воситаҳои ахбори омма имконият медиҳад, ки нақшаи матбуотии маъракаи пешазинтихоботӣ тартиб дода шавад: муайян намудани вақт ва миқдори нашри маводҳо дар институтҳои мухталифи матуоти даврӣ, буҷа барои фаъолияти коммуникативӣ. Илова бар ин, дар ҷараёни омадагӣ ба маъракаи пешазинтихоботӣ тартиб додани феҳристи матбуотӣ тавсия дода мешавад, ки дар он воситаҳои ахбори омма ва рӯзноманигорони алоҳида аз рӯи эътибор ва боварии хонандагон ҷой карда мешаванд.

Яке аз масъалаҳои муҳими ВАО ҳамчун воситаи асосии тарғиботӣ масъалаи масъалагузорӣ мебошад. Мувофиқи ақидаи Ф.Л. Кук: «Дар шароити имрӯза метавон оид ба сиёсигардии воситаҳои ахбори омма сухан ронд. Аломати ифодакунандаи воситаҳои ахбори омма ҳамчун ниҳоди иҷтимоию сиёсӣ на дар он аст, ки он ва рӯзноманигорон пешниҳод менамоянд, балки дар зиёд гардидани диққат аз ҷониби дигар ниҳодҳои иҷтимоӣ дар истеҳсоли ахбор ҳамчун қисми марказии фаъолияти худ мебошад» [114, с.98]. Яъне, ба ақидаи муҳаққиқ бунёди ахбор ва таъсир расонидан ба масъалагузорӣ яке аз қисмҳои муҳими ҳамкориҳои иштирокчиёни сиёсӣ бо ҷомеа ба ҳисоб меравад.

Воситаҳои ахбори омма диққати ҷомеаро ба ҳодисаву воқеаҳои алоҳида, мавзуҳо ва мушкилиҳои ҷойдошта ҷалб намуда, ба онҳо муҳимият медиҳанд. Ҳамин тариқ, онҳо ё дигар интирокчиён бо кумаки воситаҳои ахбори омма масъалагузориро амалӣ менамоянд. Дар соҳаи таҳқиқи масъалагузорӣ ақидаҳои М. Е. Маккомбз ва Д. Л. Шоу диққатҷалбкунанда ба ҳисоб мераванд. Онҳо аввалин маротиба мавҷудияти чунин падида, ба монанди масъалагузориро таъкид намудаанд [271]. Аввалин маротиба ин масъала дар таҳлили интихоботи призидентии Америка соли 1968, дар мавҷудияти таносуби байни номгӯи масъалаҳои аҳамияти иҷтимоидошта ва номгӯи масъалаҳо, ки интихобкунандагон муҳим мешуморанд, пайдо гардид.

Муҳаққиқони Ғарбӣ Е. Родҷерс ва Ҷ. Диринг се навъи масъалагузориро ҷудо намудаанд:

- масъалагузории ҷамъиятӣ – номгӯи масъала ва проблемаҳо, ки аз тарафи ҷомеа ба сифати нисбатан аҳамиятнок қабул карда шудааст;

- масъалагузории ВАО – мавзӯъ, падида, ҳодиса, ки нисбатан васеъ дар саҳифаҳои ВАО таҷассум мегарданд ва дар ҳамин лаҳза аз тарафи матбуот ҳамчун масъалаҳои аҳамиятдошта пешниҳод карда мешаванд;

- масъалагузории стратегӣ/сиёсӣ – руйдодҳои иттилоотӣ, ки аз тарафи иштирокчиёни мухталифи сиёсӣ тариқи ВАО ба сифати масъалаҳои нисбан аҳамиятдошта пешниҳод карда мешаванд [275].

Ҳамин тариқ, дар масъалагузорӣ ВАО фаъолона ширкат варзида, масъалаҳои нисбатан муҳимми мавҷударо муайян менамоянд. Сипас ин масъалаҳо тариқи истифодаи воситаҳои тарғибот мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шуда, нисбати бартараф ё маҳдуд намудани он чораҳои зарурӣ андешида мешавад.

Хусусияти фарққунандаи муносибати ҳокимият бо воситаҳои ахбори омма, иштироки бевоситаи ВАО дар маъракаҳои сершумори интихоботӣ, ки имрӯз қисми ҷудонопазири ҳаёти ҷомеа гардидааст, ба ҳисоб меравад. Дар чунин ҳолат, шомилияти ВАО ба раванди интихоботӣ, дар аксарияти ҳолатҳо, бо «ҷангҳои иттилоотӣ» байни гурӯҳҳои бузурги сиёсиву молиявӣ ҳамроҳӣ карда мешавад. Аз ин хотир, хусусияти муҳими солҳои охир пайдо гардидани сохторҳои пурқуввати иттилоотӣ - «империяҳои матбуотӣ» ба ҳисоб меравад [25, с.230].

Дар баъзе кишварҳо, ВАО ба сарватмандон ё сиёсатмадорон тааллуқ доранд, ки аз фаъолияти онҳо воситаҳои муайяни молиявиро ба даст меоранд. Чунин ниҳодҳои ВАО аз воситаҳои мухталифи тарғиботи истифода намуда, мувофиқи мақсад ба ҳодисаву падидаҳои мухталиф шарҳу эзоҳ ворид менамоянд.

Ба андешаи олими соҳа ва яке аз пажӯҳишгарони ин масъала А. Суладз: «Барои шаҳрвандони давлати демократӣ истифодаи ВАО барои тақаллуби

сиёсӣ – идораи пӯшидаи шуури сиёсӣ ва рафтори одамон бо мақсади маҷбур намудани онҳо ба амал намудан бар зидди манфиатҳои худ, таҳдиду хатари зиёд дорад» [148, с.319]. Чун қоида, тақаллуб, дар дурӯғ ва фиреб асос меёбад. Ин на дурӯғ ба хотири наҷот, балки амалҳои зархаридона мебошад. Бе муборизаи зарурӣ бо тақаллуб, он метавонад вазифаи асосии ВАО гардад ва усулҳои демократии расман эълонгардидаро ба нестӣ барад.

Дар сиёсат чандирии зиёдро талаб намуда, тақаллуб ҳамчун воситаи идоракунии иҷтимоӣ, барои субъекти худ нисбат ба воситаҳои зӯроварӣ ва иқтисодии ҳукмронӣ як қатор бартариҳо дорад. Тақаллуб барои идорашавандагон ноаён амалӣ мешавад, хароҷоти зиёди моддиро, ки барои ришва ё тасаллии рақибони сиёсӣ зарур аст, талаб намекунад [148, с.300]. Албатта, ВАО ва оммаан тамоми ниҳодҳои воситаҳои ахбори омма воситаи асосии тақаллуби сиёсӣ ба ҳисоб мераванд, зеро дорои зазираҳои номаҳдуди имконияти таъсиррасонӣ ба шуури оммавиро доранд.

Ин ақидаро сотсиологи машҳур М Паренти низ тасдиқ намуда, аз ҷумла чунин қайд намудааст, ки: «Воситаҳои ахбори омма қисми зиёди иттилоот ва маълумоти нодурустро интихоб менамоянд, ки онҳоро мо барои баҳогузории воқеияти иҷтимоӣ-сиёсӣ истифода менамоем. Муносибати мо ба масъала ё падида, ҳатто худи муносибат ба он, ки масъала ё падида ҳисобида шавад, аз бисёр ҷиҳат аз онҳое, ки коммуникатсияро назорат менамоянд, муайян карда мешавад» [109, с.47].

Ҳамин тариқ, асоси тақаллуби сиёсӣ воқеияте ба ҳисоб меравад, ки аз тарафи воситаҳои ахбори омма бунёд карда мешавад ва метавонад мутаносибии тарҳи ҳақиқии оламро тағйир диҳад. Заминаи муҳими тақалубро метавон ҳамон делале донист, ки воситаҳои ахбори омма, инҳисори иттилоотро дар даст дошта, афзалиятнокии ҳодисаву падидаҳоро муайян менамоянд [148, с.198]. Дар ҷаҳон миқдори зиёди ҳодисаву падидаҳо ҷой доранд, лекин танҳо ҳамон ҳодисаву падидаҳо мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд, ки воситаҳои ахбори омма онро ба диққати истеъмолгарон мерасонанд.

Имкониятҳои бузурги таъсири фаъоли ВАО ба шуур ва рафтори шаҳрвандон дар нақши муҳими «ҳокимияти чорум» будани он дар ҷомеаи муосир шаҳодат медиҳад. Як қатор муҳаққиқони воситаҳои ахбори омма ҳатто оиди ояндаи марҳилаи «медиакратия» – ҳокимияти воситаҳои ахбори омма сухан меронанд, ки на танҳо воқеиятро таҷассум ва тасниф менамоянд, балки онро дар асоси қоида ва ихтиёру салоҳияти худ бунёд менамоянд.

Муваффақияти сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ, мунтазамӣ ва рушди ислоҳоти иқтисодӣ, пешбурди қарордодҳо ва созишномаҳои тиҷоративу иқтисодӣ, самаранокии маъракаҳои интихоботӣ ва иттилоотӣ, аз самаранокии корҳои тарғиботию ташвиқотӣ дар давлати алоҳида вобаста аст. Моҳияти ҷамъиятии тарҳибот дар он зоҳир мегардад, ки он ба иштирокчиёни равандҳои иҷтимоию сиёсӣ ва ивазнамоии иттилоотӣ фалсафаи муайяни рафтор, идеология, тарҳи идоракунӣ ва сафарбарнамоии ҷомеаро пешниҳод менамояд. Маҳз дар асоси чунин муносибат, тарғибот метавонад, ки ҳамчун омилӣ рушд ва самаранокӣ дар сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ баромад намояд.

Маркетинги сиёсӣ пешниҳоди тарҳи рафтор, идоракунӣ ва идеологияро на ба таври зӯрӣ, балки аз тариқи интихоби озод, ки ба ҳар як шаҳрванд пешниҳод шудааст, ба роҳ гузоштааст. Аз ин хотир, метавон қайд намуд, ки маркетинги сиёсӣ дар асоси принсипҳои демократӣ амал менамояд.

Идоракунандагони корҳои тарғиботию ташвиқотӣ, аз оғоз маҷбур ҳастанд, ки ба манфиат ва муҳокимаҳои оммаи васеи мардум - ба монанди дигар амалҳои бозоргонӣ, самтгирӣ намоянд. Маҳз чунин биниши самаранокии амалҳо дар фазои иҷтимоӣ, аз нуқтаи назари тарғибот – тавозуни байни «талабот» ва «пешниҳодот» ба ҳисоб меравад. Аз ин хотир дар асоси тарғибот муносибати методологии омӯзиши барномарезии рафтори иҷтимоию сиёсии гурӯҳҳои калони иҷтимоӣ ҷой дорад [103].

Бе шубҳа, алоқаи маъноӣ ва сабабиву натиҷавӣ байни воситаҳои ахбори омма ва тарғибот мавҷуд аст: тарғибот берун аз фазои иттилоотӣ ғайриимкон аст – иттилоот дар як ҳолат ҳам баранда ва ҳам мақсади он ба ҳисоб меравад. Ҳамин тариқ, бидуни воситаҳои ахбори омма, аз он ҷумла шабакаҳои,

тарғибот вуҷуд надорад. Дар як ҳолат воситаҳои ахбори омма низ таъсири сиёсӣ ва самаранокии худро бо маҳрум гардидан аз корҳои тарғиботӣ, аз даст медиҳад.

Воситаҳои ахбори омма ва шабакаҳои иҷтимоӣ дар шароити имрӯза, аз ҳарвақта дида, ба ташаккули шуур ва рафтори одамон таъсири бузург расонида, воситаи пурқуввати таъсиррасонӣ ба ниҳодҳои ҳокимият гардидааст [66, с.42]. Лекин бидуни тарғибот, воситаҳои ахбори омма аз гузориши мақсад, нишондиҳандаҳои баҳогузории фаъолияти худ, сарчашмаҳои иловагии маблағгузорӣ маҳрум мешаванд. Мутобиқан, тарғибот на танҳо дорои арзиши мустақилӣ мебошад, балки аз болои воситаҳои ахбори омма ҳукмронӣ менамояд. Ин дар ҳолест, ки дар шароити имрӯза таснифоти ягона, оммаиэътирофгардидаи тарғибот вуҷуд надорад [97, с.8].

Дар ҷаҳони муосир раванди рушди доимии фарҳанги сиёсиро бидуни истифодаи васоити ахбори омма тасаввур кардан ғайриимкон аст. Ҳамаи кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон аз захираҳои гуногуни ВАО истифода мебаранд. Даст кашидан аз истифодаи васоити ахбори омма дар шароити рушди ҷомеа, бахусус дар раванди демократикунонӣ ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ, метавонад боиси ҷудошавӣ ва ақибмонӣ аз дигар кишварҳо гардад.

Ҳама гурӯҳҳои иҷтимоӣ мекӯшанд, ки васоити ахбори оммаро назорат кунанд, зеро он метавонад ба афкори ҷамъиятӣ таъсир расонад ва сатҳи зарурии фарҳанги сиёсиро дар ҷомеа ташаккул диҳад. Дар ин замина, тавзеҳ додани рӯйдодҳо ва равандҳое, ки иттилоот дар бораи онҳо паҳн мешавад, нақши калидӣ мебозад. Тибқи маълумоти сарчашмаҳои илмӣ: «Дар аксарияти ҳолатҳо чунин ҳодисаву падидаҳо бо таҳлили пурра ва ҳаматарафа аксаран тариқи ВАО пешниҳод карда мешаванд. Тариқи дигар воситаҳои ахбори омма, танҳо ба таври лаҳзагӣ нисбати ҳодисаву падидаҳо ахбори мушаххас паҳн карда мешавад» [128, с.98]. Пас, метавон хулоса кард, ки васоити ахбори омма ба ташаккули ақидаҳои сиёсӣ ва эътиқоди ҷомеа таъсири назаррас мерасонанд.

Дар алоқамандӣ бо таъсири расонаҳои хабарӣ ба тарзи пешбурди ҳаёти инсон ва бахусус дар шаклгирии мафкураи онҳо М.М. Лукина хулосаҳои худро ба таври зерин иброз намудааст: «Воситаҳои ахбори омма тарзи ҳаёти одамонро тағйир дода, дигаргуниҳои куллиро дар фаҳми онҳо таъмин намудаанд. Дар натиҷа одамон ба ҳодисаву падидаҳо ва равандҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа бо диди дигар назар карда, кӯшиш менамоянд, ки мавқеи худро нисбати онҳо муайян намоянд» [53, с.63]. Албатта, ин натиҷаи таъсири воситаҳои ахбори омма дар инкишофи маданияти оммавии мардум мебошад.

Сиёсатшиноси ватанӣ Р.Ш. Нуриддинов дар ин бора қайд менамояд, ки: «Дар ҷомеаи муосир, ки бештар ҷомеаи иттилоотӣ номида мешавад, нақши дониш ва ахборот барҷаста гаштааст. Зеро барои идораи раванду ҳодисаҳо маълумоти бештар оиди онҳо фаъолиятро осон ва самаранок мегардонад. Ахбори дурусту саривақтӣ оҳиста - оҳиста воситаҳои дигари идора, пеш аз ҳама маҷбурнамоӣ, истифодаи зуриро маҳдуд мегардонад, донишҳо ва ахбороти гуногун ба одамон, баррандагони идораи ҷомеа, асосан тавасути иттилоот дастрас мегарданд» [211, с.97].

Фаврӣ ва серҳаракатӣ ба воситаҳои ахбори омма имконият медиҳад, ки ба ҳаёти рӯҳи ва сатҳи ҷаҳонбинии омма ба таври зарурӣ таъсир расонад. Онҳо метавонанд дар гуногунандешии ҷомеъа ва дастгирӣ намудани ҷомеа дар мақсадҳои аниқ дар самтҳои гуногун таъсири назаррас расонанд. Ҳамин тариқ, тарбияи сиёсӣ дар фаъолияти воситаҳои ахбори омма аслан дар ҳолати дигаргуншавӣ дар низоми муносибатҳои иҷтимоӣ ба амал меояд.

Васоити ахбори омма дар ташаккули афкор ва арзишҳои ҷамъиятӣ нақши муҳим доранд. Онҳо фаъолона иттилоотро паҳн мекунанд, ки ба ташаккули ҷаҳонбинӣ, ғояҳо дар бораи ҷаҳон, инчунин меъёрҳо, арзишҳо, тарзи рафтор, ақидаҳо, эътиқодҳо ва орзуҳо таъсир мерасонанд. Ба ақидаи Г. Лассуэл: «Фаъолияти воситаҳои ахбори омма барои фаҳмиш ва дарк наудани масъалаҳои иҷтимоию сиёсӣ равона карда шудааст. Вазифаи асосии воситаҳои ахбори омма ин огаҳ намудани аҳолӣ бо мақсад ва самтҳои рушди иҷтимоӣ, сиёсат аз тарафи давлат ва дигар субъектҳо мебошад» [21, с.59].

Омӯзиши мундариҷаи маводҳо оид бо фарҳанг, ки воситаҳои ахбори омма пешниҳод менамоянд, нишон медиҳад, ки кадом кӯшишу ниятҳо шореҳонро маҷбур менамояд, ки оид ба баъзе рӯйдодҳо хабар диҳанд ва дар бораи дигар ҳодисаву падидаҳо хомӯш бошанд, радио, телевизион дар фаъолияти ҳаррӯзаи худ ба кадом ғояҳо такя менамоянд, то чӣ андоза мазмуну мундариҷаи маводҳои пешниҳодшаванда ба манфиати истеъмолгарон мувофиқ аст.

Дар аксари ҳолатҳо, шумо метавонед мушоҳида кунед, ки мавқеи нашрия танҳо дар мақолаҳои таҳририӣ ифода меёбад ва маълумот фикри рӯзноманигорро дар бораи ҳодиса ё воқеа дар бар намегирад. Ин ба яке аз принсипҳои журналистикаи дар ИМА қабулшуда мувофиқат мекунад. Тибқи ин принсип, иттилоот бояд аз арзёбиҳои субъективӣ ва зуҳуроти ғаразнок озод бошад [279, с.624]. Аммо муҳаққиқи амрикоӣ Ч. Баш дар асоси таҳқиқоти худ ба хулосае омад, ки аксари васоити ахбори омма ин принсипро риоя намекунанд [264, с.39].

Бисёре аз муаллифон ба он диққат медиҳанд, ки дар ҷаҳони муосир василаҳои иттилоотӣ фаъолона истифода мешавад, ки на танҳо иттилоот ва вақтхуширо таъмин мекунад, балки иҷрои вазифаҳои муайянро низ талаб мекунад. Яке аз нишондиҳандаҳои калидии ҷузъи фароғатии барномаҳо дарки эстетикии корбарон мебошад. Аммо, бо сабаби рақобати зиёд дар соҳаи иттилоотӣ, нашрияҳои даврӣ маҷбур шуданд, ки мавзӯи худро васеъ кунанд. Ин ба он оварда расонид, ки инъикоси рӯйдодҳо ва равандҳо дар шабакаҳои миллӣ бо таҳлили амиқ, сӯҳбатҳои шарҳдиҳандагон бо хабарнигорони дар ҷои ҳодиса қарордошта ҳамроҳ карда шуд.

Рушди фаъолияти соҳибкорӣ ба он мусоидат кард, ки мутахассисон дарк кунанд, ки институтҳои фазои иттилоотӣ аз фоидаҳое, ки дар истеъмоли оммавӣ зоҳир мешаванд, вобастаанд. Ин пеш аз ҳама ба маълумот дар бораи ҳодисаву воқеаҳои фавқулодда, саргузаштҳо ва намоиши маҳсулоти фарҳанги оммавӣ дахл дорад. Аммо, дар аксари ҳолатҳо, ҷомеа зӯровариро, ки тавассути ВАО пахш мешавад, ҳамчун манбаи зӯроварӣ дар ҳаёти воқеӣ қабул

мекунад. Ба ибораи дигар, баъзе одамон зӯроварӣ дар ВАО-ро рад мекунанд, дигарон бошанд, онро барои амалҳои худ асос меҳисобанд.

Дар натиҷаи ин ва дигар омилҳо, баъзе муаллифон фарҳанги оммавиро танқид кардаанд. Таъкид кардан муҳим аст, ки мушкилоти фарҳанги оммавӣ ва маҳсулоти он аз замонҳои қадим таваҷҷӯҳи муаллифонро ба худ ҷалб кардааст. Вобаста ба ин масъала то ба имрӯз бисёр назарияҳо ва консепсияҳо пешниҳод карда шудаанд. Фарҳанги оммавӣ ҳамчун падидаи беназири иҷтимоӣ, ки хусусиятҳо ва самтҳои рушди худро дорад, баррасӣ карда мешавад. Дар тадқиқоти илмии замони муосир низ ҷомеаи оммавӣ дар натиҷаи раванди саноатикунонӣ дар ҷои марказӣ қарор дорад.

Фарҳанги оммавӣ ҳамчун навъи муҳимми фарҳанг баррасӣ карда мешавад, ки шаклҳои анъанавии фарҳанги миллиро иваз намудааст. «Фарҳанги оммавӣ» ҳамчун инъикоси ниҳоии озод набудани маънавиёт, механизми иҷтимоии дуршавӣ ва зулм намудани шахсияти инсон баррасӣ карда мешавад. Дар ин маврид файласуфи испаниягӣ Хоссе Ортега-и-Гассет қайд менамояд, ки: «Афзоиши босуръати аҳолӣ дар шаҳрҳо ва ихтисосмандии маҳдуди касбӣ, ки инсони оммавиро ташаккул додааст, аз ҷиҳати маънавӣ тамаддуни муосирро заиф гардонидааст ва ба ноустувориву шикасти фарҳанг ба таври оммаӣ оварда мерасонад» [152, с.256].

Таърихнигорон одатан раванди пайдо шудани фарҳанги оммавиро ҳамчун падидаи мустақили иҷтимоӣ бо фаъолияти ВАО алоқаманд менамоянд. Баъзе олимон бар ин назаранд, ки сарчашмаҳои фарҳанги оммавӣ дар охири асри XIX ва аввали асри XX пайдо шудаанд. Дар ин вақт воситаҳои ахбори омма ва коммуникатсия фаъолона рушд карданд, намуди истеҳсолоти саноатӣ ва арзишҳои стандартикунонидашудаи маънавӣ ташаккул ёфтанд. Демократикунонии фарҳанг ба амал омад, сатҳи саводнокии аҳолӣ баланд шуд ва талабот ба маънавиёт коҳиш ёфт. Ин ҳама, бешубҳа, ба пайдоиш ва рушди фарҳанги оммавӣ мусоидат кард. Бо гузашти вақт, ҷомеа серталабтар нашуд. Баръакс, он торафт бештар ба дастрасии маҳсулоти фарҳанги оммавӣ, ки тавассути воситаҳои ахбори омма ба даст оварда мешуд, кӯшиш мекард.

Ба қатори воситаҳои анъанавии паҳн намудани маҳсули фарҳанги оммавӣ ба монанди филмҳо, барномаҳои телевизион ва радио, ВАО, инчунин низомҳои алоқаи мобилӣ ва интернет ворид гардиданд. Лекин ҷомеа дарк наменамояд, ки маҳсули фарҳанги оммавӣ дарозумр нест. Фарҳанги оммавӣ, ҳамчун падидаи истеъмолӣ, ба талаботи пайдошуда дар ҷомеа дарҳол ҷавоб мегӯяд. Дар ҳолати маҳдуд ё аз байн рафтани талабот нисбат ба унсури алоҳидаи фарҳанги оммавӣ дар ҷомеа, маҳсулоти ВАО, ки онро қонеъ менамуд, низ аз байн меравад.

Воситаҳои ахбори омма миқдори муайяни маълумотро пешниҳод мекунанд ва ба ташкили ҷанбаи алоҳидаи фарҳанги оммавӣ мусоидат менамоянд. Дар ин замина, васоити ахбори омма ба шуури ҷомеа тавассути татбиқи моделҳо ва меъёрҳои муайяне, ки тарзи ҳаёти муайянро ташаккул медиҳанд, таъсир мерасонанд. Дар натиҷаи чунин ҳамкорӣ на ғанисозии дониш, балки афзоиши сатҳи огоҳӣ ба амал меояд.

Дар ҷаҳони муосир ВАО дар ташаккули фарҳанги оммавӣ нақши муҳим мебозад. Барои ҷалби таваҷҷӯҳи шунавандагон, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва расонаҳои хабарӣ усулҳои гуногунро истифода мебаранд. Онҳо мундариҷаеро эҷод мекунанд, ки ба талаботи ҷомеа ҷавобгӯ бошад ва ба паҳншавии босуръати унсурҳои фарҳанги оммавӣ мусоидат кунад.

Дар ҷаҳони муосир консепсияи “номзади комил” вуҷуд дорад, ки дар асоси он образҳои довталабони воқеӣ сохта мешаванд. Масалан, чунин номзад бояд сифатҳое дошта бошад, ки ба вазъи кунунии сиёсии кишвар мувофиқат кунанд. Дар давраҳои нооромиҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ, сиёсатмадорони самимӣ ва мардумӣ, ки ба муколамаи ошкоро бо ҷомеа омодаанд, имкониятҳои бештар пайдо мекунанд. Дар асоси ин ва дигар хусусиятҳои “номзади комил”, мушовирон тамоми абзорҳои таблиғотии мавҷударо барои таъкид кардани бартариҳои муштарии худ ва пинҳон кардани интизориҳои заиф ё номатлуби интихобкунандагон истифода мебаранд.

Пас аз бунёд намудани образи муайяни сиёсатмадор он тариқи ВАО байни мардум паҳн карда мешавад, яъне ВАО ҳамчун воситаи пешбарии маҳсулоти тарғиботӣ баромад менамояд.

Пурсишҳои афкори омма муҳимтарин воситаи татбиқи тарғибот дар равандҳои иҷтимоӣ сиёсӣ гардидаанд. Дар шароити демократияи парлумонӣ, ҳуқуқи овоздиҳии оммаӣ, гуногӯнии ҳизбҳо ва ташкилотҳои сиёсӣ ва афкори ҷамъиятӣ аҳамият ва таъсири бесобиқа пайдо кардааст. Гузашта аз ин, дар шароити низоми парлумонӣ дар шароити муосир ҳам арзиши барномаҳои давлатӣ ва ҳам шаъну эътибори сиёсатмадорон одатан бо маъруфияти онҳо муайян карда мешаванд.

Ҳамин тариқ, нақши васоити ахбори оммаро дар раванди таҳия ва татбиқи технологияҳои муосири сиёсӣ баррасӣ намуда метавон чунин хулоса намуд, ки:

- тарғибот имрӯз қисми ҷудонапазири ниҳоди ВАО ва ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ гардидааст. Дар шароити ҷомеаи иттилоотӣ корҳои тарғиботию ташвиқотӣ аҳаммият ва муҳиммияти бузургро касб намудааст;

- проблемаи асосии амалӣ гардидани тарғибот тариқи воситаҳои ахбори омма дар режимҳои сиёсии демократӣ мушкилӣ ва мураккабӣ дар ҳамкорӣ бо технологҳои сиёсии популистӣ ба ҳисоб меравад;

- дар ҳама ҳолат мутобиқат, объективият ва воқеияти мазмуну мундариҷа ва мақсади тарғибот таъмин карда шавад, то ки он ба рушди иҷтимоӣ мусоидат намуда, манфиатҳои ҷомеа, на манфиати гурӯҳҳои алоҳидаро таъмин намояд;

- ВАО дар шароити имрӯза, бештар ба ташаккули шуур ва рафтори одамон таъсири бузург расонида, воситаи пурқуввати таъсиррасонӣ ба ниҳодҳои ҳокимият гардидааст. Лекин бидуни тарғибот, ВАО аз гузориши мақсад, нишондиҳандаҳои баҳогузории фаъолияти худ, сарчашмаҳои иловагии маблағгузорӣ маҳрум мешаванд. Мутобиқан, тарғибот на танҳо дорои арзиши мустақилӣ мебошанд, балки аз болои ВАО ҳукмронӣ менамояд;

- бозори сиёсӣ дар шакли соддаи худ дар атрофи се унсури ташаккулёбандаи система: овоздиҳандагон, сиёсатмадорон ва механизмҳои гуногун, ки ҳамкории интихобкунандагон ва сиёсатмадоронро таъмин мекунанд, таркиб ёфтааст. Дар низоми ин воситаҳо ВАО нақши муҳим доранд. Аз ин рӯ, имрӯз, дар шароити интихобот, масъалаи муайян кардани мавқеъ ва имкониятҳои ВАО барои нақши нисбатан назаррас дар муайян кардани муносибати аҳолии кишвар аҳамияти ҷиддӣ пайдо мекунад;

- тасодуфӣ нест, ки бисёре аз ширкаткунандагони маъракаи пешазинтихоботӣ ба ВАО ҳамчун давои мӯъҷиза барои кафолати пирӯзӣ такя мекунанд ва аз ҳар василаи тасаввурӣ ба воситаи итоаткори сиёсатмадорон табдил медиҳанд;

- мутаассифона, ниҳодҳои ВАО тавонистанд анъанаи наздик гардидани робитаҳо бо сиёсатмадорон ва атрофиёни онҳоро ба даст овардаанд. Сарфи назар аз он, ки рӯзноманигорон ва сиёсатмадорон дар як назари сатҳӣ дар мубориза беохир ба рақибони табиӣ монанд мешаванд, дар асл онҳо ба ҳамдигар ниёз доранд. Сиёсатмадорон ба истеъмолкунандагон, журналистон ба тавлидкунандагони ахбори нав ниёз доранд. Сиёсатмадорон хуб медонанд, ки рӯзноманигорон ба ҳар гуна рӯйдодҳое, ки метавонанд мавриди таваҷҷӯҳи оддӣ қарор гиранд, новобаста аз он, ки чӣ қадар ночиз бошанд ҳам, меоянд. Аз ин бармеояд, ки доираи фаъолияти мутахассисони корҳои идеологӣ ва тарғиботию ташвиқотӣ васеъ рушд мекунад;

- имкониятҳои манипулятивии ВАО бузург аст, онҳо метавонанд дар ҳама ҳолат бо ёрии услуб ва воситаҳои гуногун на танҳо дар таҷассуми ҳодисаву падидаҳои сиёсӣ иштирок менамоянд, балки фазои бадеиву рассмомии худро бунёд карда, ки ба сифати вазъияти воқеии ҷаҳон пешниҳод намоянд.

# БОБИ 2. ХУСУСИЯТҲО, ШАКЛҲО ВА УСУЛҲОИ ТАҶАССУМИ МАСЪАЛАҲОИ ИҶТИМОӢ - СИЁСӢ ДАР ВАО - И ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## §2.1. Таҷассуми масъалаҳои иҷтимоӣ – сиёсӣ дар ВАО - и Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ниҳодҳои ВАО дар ҳар давру замон ҳодисаву падидаҳои ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсиро таҷассум намуда, афкори ҷамъиятиро ташаккул медоданд ва самтгириҳои сиёии оммаи мардумро муайян менамуданд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ, аз давраи пайдоиш, ВАО тардиҷан ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсиро таҷассум намуда, вазифаҳои худро иҷро менамуд. Ташаккул ва инкишофи ВАО дар шароити Ҷумҳурии Советии Сотсиалистии Тоҷикистон асосан, дар давраи Иттифоқи Советӣ оғоз гардидааст. Бахри пешбурди сиёсати давлатӣ, таъсири идеологӣ ба оммаи мардум ҳукумати Иттифоқи Советӣ дар тамоми қаламравӣ кишвар, аз он ҷумла, дар Ҷумҳурии Советии Сотсиалистии Тоҷикистон ба рушди ВАО диққати махсус равона менамуд. Комитети марказӣ ва Ҳукумати Советии Сотсиалистии Ҷумхурии Тоҷикистон ба рушди ВАО диққати махсус равона менамуд ва ин буд, ки як қатор заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти ниҳодҳои ВАО дар Ҷумҳурии Советии Сотсиалистии Тоҷикистони қабул гардида буданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 10-уми марти соли 2012 зимни суханронии худ бахшида ба 100-солагии матбуоти тоҷик қайд намуданд, ки: «Бояд ёдовари шуд, ки аввалин рӯзномаи аввалин рӯзномаи давлатии Мухтори Тоҷикистон соли 1925 бо номи “Иди тоҷик” таъсис ёфта буд, ки имрӯз бо номи “Ҷумҳурият” нашр мешавад. Мо ифтихор дорем, ки устод Абулқосим Лоҳутӣ аз аввалин муҳаррирони рӯзномаи “Иди тоҷик” буд ва дар баробари эҷодиёти ниҳоят ғановатмандаш дар рушди матбуоти тоҷик низ хизматҳои шоёнро анҷом дод. Дар давраҳои минбаъда низ аксари адибони маъруфи мо ва оммаан аҳли қалам ё фаъолияти худро аз

воситаҳои ахбори омма оғоз кардаанд ё ба онҳо ҳамкории доимӣ дошта, бо ҳамин роҳ дар рушди матбуоти миллӣ саҳми намоён гузоштаанд» [247].

Қарорҳои Комитети Марказии Партияи коммунистии Тоҷикистон «Дар бораи нашри рӯзнома дар тамоми ноҳияҳо» ( аз соли 1965), «Дар бораи нақши матбуот, радио ва телевизион дар иҷрои қарорҳои съезди XXIII Партияи коммунистии Иттифоқи Советӣ» (аз соли 1968) аз ҷумлаи чунин заминаҳои ҳуқуқии қувват бахшидан ба фаъолияти институтҳои ВАО ба ҳисоб мерафтанд.

Дар анҷуманҳои ҳизбӣ оид ба такмили нақши воситаҳои ахбори омма, аз он ҷумла матбуотӣ даврӣ дар рушди иқтисодӣ ва фарҳангӣ, зарурати ба инобат гирифтани мушкилиҳои назариявӣ, ташвиқу тарғиби васеи назарияи марксистӣ махсусан қайд карда мешуд [131, с.228].

Дар давраи советӣ, рӯзномаву маҷаллаҳо асосан давлатӣ буданд ва идеологияи давлатиро таҷассум менамуданд. Чунин таҷассуми фаъолияти мақомотҳои давлатӣ боис он гардид, ки афкори ҷамъиятии муайян ва барои ҳукумату давлат зарурӣ ташаккул ёбад. Дар давраи таърихии мавриди назар, ҳамаи нашрияҳои чопӣ муваффақиятҳои Ҳизби Коммунистии Иттиҳоди Шуравиро фаъолона рӯшан карда, ба бартариҳои сохти сотсиалистӣ дар заминаи муқовимат ба капитализм диққат доданд. Илова бар ин, рӯзномаҳо ва маҷаллаҳо сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлатҳои капиталистиро танқид карданд ва бо ин роҳ афкори ҷамъиятиро, ки ба ҳукумат ва давлат зарур буд, ташаккул доданд.

Дар Тоҷикистони муосир, ба монанди бисёр кишварҳои дигари ҷаҳон, сиёсати иттилоотонӣ ва танзими фаъолияти расонаҳои хабарӣ фаъолона рушд мекунад. Барои элитаи сиёсӣ, сиёсати иттилоотӣ воситаи эҷоди фазое гардид, ки дар байни ҷомеа ва гурӯҳҳои манфиатдор паҳн мешаванд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарки вазъияти баамаломада дар фазои иттилооти кишвар марҳила ба марҳила танзими равандҳои иттилоотии кишварро ҷиддитар менамояд. Айни замон ҳар имконияте, ки барои ҳимояи фазои иттилоотии кишвар зарур аст анҷом дода мешавад, то ки амнияти иттилоотии

Тоҷикистон дар сатҳи зарурӣ таъмин карда шавад. Бисёре аз коршиносон қайд мекунанд, ки дар баъзе кишварҳо мақомоти иҷроия, қонунгузорӣ ва судӣ назорати ВАО-ро аз даст доданд, ки қаблан ҳамчун пайванди муҳимми байни давлат ва аҳолӣ хизмат мекарданд. Аммо таҳдиду хатари ҷангҳои иттилоотӣ ва ҳуҷумҳои иттилоотӣ ҳамаи давлатҳои олам, бахусус Ҷумҳурии Тоҷикистонро маҷбур сохтаанд, ки дар ин самт қадамҳои устувор гузоранд ва роҳу усулҳои нави сиёсати иттилоотиро пеш гиранд. Сиёсатшиноси ватанӣ А.Н. Муҳаммад дар таҳқиқоти худ ҷиноятҳо ва амалҳои тахрибии фазои иттилоотиро таҳлилу баррасӣ намудааст. Ӯ кибертерроризмро амали ҷиноятӣ номида, қайд мекунад, ки: «Ташкилотҳои террористӣ барои амалӣ намудани ҳадафҳои худ воситаҳои техникиро истифода мебаранд, ки озодона фурӯхта мешаванд ва ҳамчун объектҳои инфрасохтори иттилоотӣ истифода мегарданд» [202, с.58].

Мутаассифона, васоити ахбори омма, бахусус васоити ахбори электронӣ, на он қадар воқеиятро инъикос мекунанд, балки онро дар фазои маҷозӣ ба яроқи иттилоотӣ табдил медиҳанд. Телевизион дар замонҳои гузашта оинаи воқеият буд, воситаи табдили он буд, ки ба шуури одамон таъсир мерасонид. Аммо айни замон ҷойи телевизионро расонаҳои хабарии электронӣ ишғол намуда истодаанд. Дар шароите, ки васоити ахбори омма воситаи муҳимми иҷтимоию сиёсӣ буда, ба ҷомеа фаъолона таъсир мерасонад, шабакаҳои телевизионӣ дар Тоҷикистон кӯшиш менамоянд, ки дар бораи пойбандии худ ба манфиатҳои миллӣ дар мубоҳисаҳои сиёсӣ ва байналмилалӣ маълумоти расмӣ диҳанд.

Нақши интернет дар демократикунонии ҷомеа бузург аст, аммо гурӯҳҳое ҳастанд, ки тавассути он ба беҳтар шудани вазъи сиёсӣ халал мерасонанд. Ҷангҳои динӣ ва муносибатҳои абарқудратҳо ба ҷавонон тавассути ВАО таъсири манфӣ мерасонанд. Раванди ба даст овардани соҳибихтиёрӣ, дигаргуниҳои иҷтимоӣ, ташаккули давлати ҳуқуқӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, азнавсозии муносибатҳои иқтисодӣ дар шароити воқеияти нави иҷтимоию сиёсӣ, ҳамгироии Тоҷикистон ба ҷомеаи ҷаҳонӣ, ки дар он

равандҳои ҷаҳонишавӣ ҳукмфармост, ҳамаи ин дигаргуниҳои амиқи сифатиро дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ талаб мекунад. Барои ҳалли ин масъалаҳо роҳбарияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба воситаҳои ахбори омма диққати ҷиддӣ медиҳад. Дар айни замон, ВАО дар таъмини фаҳмиш ва огоҳии шаҳрвандони кишвар дар бораи моҳияти давра, инчунин дар муттаҳид кардани кӯшишҳо барои расидан ба ҳадафҳои наҷиб нақши калидӣ мебозад. Қайд кардан муҳим аст, ки дар давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон шумораи расонаҳои хабарии мустақил, ки ҳоло аз ҷиҳати шумора аз расонаҳои давлатӣ хеле зиёданд, хеле афзудааст.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 10.03.2012 зимни суханронии худ дар маҷлиси ботантана бахшида 100-уми солгарди матбуоти тоҷик қайд намуданд, ки: «Дар Тоҷикистон соли 1991 ҳамагӣ 139 адад рӯзномаву маҷаллаҳо вуҷуд дошт, ки аз ин шумора фақат чор рӯзномаи хусусӣ буд. Ғайр аз ин ҳамагӣ як агентии иттилоотии давлатӣ фаъолият мекард. Имрӯз дар кишвари соҳибистиқлоли мо 446 рӯзномаву маҷалла ба табъ мерасонад, ки аз ин теъдод 270 – тоаш ҷамъиятиву хусусӣ мебошад. Аз даҳ агентӣ иттилоотӣ, ки бақайд гирифта шудааст, нӯҳ агентӣ ғайриҳукуматӣ аст. Ҳоло дар мамлакат 44 шабакаи радиотелевизионӣ амал мекунад, ки аз ин миқдор 28 шабакаи радиову телевизион хусусӣ мебошад. Ин албатта хуб аст, зеро фаъолияти озоди воситаҳои ахбори омма яке аз нишонаҳои асосии рушди демократӣ ва шаҳрвандӣ мебошад. Ҳар яке аз ин расонаҳо ба таври худ фазои иттилоотии мамлакатро пур карда, дар инъикоси равандҳои сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа ҳиссаи хешро мегузоранд» [247].

ВАО ҳамон фишанге ба ҳисоб мерафт, ки тариқи он ҳукумати шӯравӣ ба раванди рушди иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсиву фарҳангӣ таъсир мерасонид. Маҳз тариқи ВАО усулҳои бунёди ҷомеаи сотсиалистӣ, интихоб, ҷобаҷокунӣ ва тарбияи кадрҳо амалӣ карда мешуданд.

Дар фаъолияти худ, рӯзномаву маҷаллаҳо шаклҳо ва усулҳои мухталифи фаъолиятро пеша намуда буданд. Мусобиқаҳои гуногун байни рӯзноманигорон ба роҳ монда шуда буд. Рӯз ба рӯз миқдори рӯзномагирон

зиёд гардида, рӯзноманигорони ҷамъиятӣ пайдо мешуданд. Заминаи моддиву техникии рӯзнома ва маҷаллаҳо низ мустаҳкам гардид. Дар заминаи чунин пешравиҳо, илова бар рӯзномаву маҷаллаҳои марказӣ, ҳар як ноҳия рӯзномаи маҳалли худро дошт, ки ҳодисаву равандҳо ва масъалаҳои ҷойдоштаи маҳаллиро дар саҳифаҳои худ таҷассум менамуданд.

Шароити муҳими васеъ гардидани таъсири сиёсии ВАО ба равандҳои иҷтимоию сиёсӣ хусусияти оммавӣ доштани он ба ҳисоб меравад. Агар дар Тоҷикистон соли 1961, 85 рӯзномаву маҷалла бо теъдоди якдафъинаи 597 ҳазор нусха чоп мегардид, пас ин нишондиҳанда дар соли 1985 то ба 136 рӯзномаву маҷалла бо таъдоди якдаъфинаи 1610 ҳазор нусха баробар шуд [5; 6]. Ба ҳар ҳазор нафар аҳолии ҷумҳурӣ ҳазор нусха нашрияи чопӣ рост меомад, ё ҳар як оила ба 3 - 4 рӯзнома ва маҷалла обуна мешуданд [207, с.15].

Нақши ВАО дар ҳаёти ҷамъиятиву сиёсии ҷумҳурӣ бо шаҳодати боло рафтани сатҳи саводнокии оммаи мардум, зиёд мегардид. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба монанди дигар ҷумҳуриҳои советӣ рӯзномаву маҷаллаҳои гуногун нашр мегардиданд. Илова бар ин, дар маҳалҳо низ рӯзномаҳои мухталиф нашр мегардиданд, ки асосан масъала ва ҳодисаву падидаҳои маҳаллиро таҷассум менамуданд.

Рӯзнома ва маҷаллаҳо ба масъалаҳои калидии рушди иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсиву фарҳангӣ диққат дода, мусобиқаҳои сотсиалистӣ, таҷрибаи пешрафтаи истеҳсолиро таҷассум менамуданд. Тағйири ҷомеаи Тоҷикистон, пеш аз ҳама, ҷалби шаҳрвандони кишварро ба ин раванд ва таъмини сатҳи муносиби зиндагиро дар бар мегирад. Ғайр аз он, ҷанбаи муҳим он аст, ки ин раванд на дар алоҳидагӣ аз тамаддуни ҷаҳонӣ, балки дар асоси истифодаи эҷодии арзишҳои умумиинсонӣ, ки инсоният бо назардошти менталитети таърихии халқҳое, ки дар давлати соҳибихтиёр зиндагӣ мекунанд, таҳия кардааст. Бе таҳлили доимии тағйирот дар атроф ва шарҳи моҳияти онҳо ба аҳолӣ, хусусан ҷавонон, татбиқи равандҳои трансформатсионӣ метавонад бо мушкилоти муайян рӯ ба рӯ шавад. Ҳалли ин мушкилот фаъолияти васоити ахбори оммаро муҳим мегардонад. Дар

саҳифаҳои рӯзномаву маҷаллаҳо ба таври мушаххас ҳодисаву падидаҳои мухталиф дар кишвар ва ҷаҳон ҷоп гардида, ин ҳодисаву падидаҳо, аз нуқтаи назари рушди сотсиализм баҳогузорӣ карда мешуданд.

Тавре ки мо медонем, яке аз ҷанбаҳои калидии демократия эътироф ва риояи арзишҳои умумиинсонӣ, инчунин такя ба меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мебошад. Дар ин замина, баҳисобгирии хусусияти миллӣ ва менталитети мардум ҳангоми гузаронидани дигаргуниҳо аҳамияти махсус пайдо мекунад. Ҷомеа дар бораи ин равандҳо тавассути васоити ахбори омма маълумот мегирад.

Дар робита ба ин, омӯзиши нақши ВАО дар ҳайти иҷтимоӣ ва сийсии ҷумҳурӣ муҳим ба назар мерасад. Дар доираи ин тадқиқот таъсири ВАО ба ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсӣ, аз ҷумла ташаккули афкори ҷамъиятӣ, рафтори интихоботӣ, равандҳо ва рӯйдодҳои сиёсӣ дар ҷумҳурӣ, инчунин фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ баррасӣ карда мешавад.

Дар нимаи дуюми солҳои 80-ум системаи нашриёти Тоҷикистон нашрияҳои марказӣ, вилоятӣ ва ноҳиявиро дар бар мегирифт, ки муассисони онҳо мақомоти ҳизбии шуравӣ буданд. Маблағгузории ВАО аз ҳисоби буҷаи давлатӣ ба роҳ монда шуда буд. Маҳз дар ҳамин давра, дар асоси сиёсати «бозсозӣ» дар низоми ВАО тағйиротҳои куллӣ ба миён омаданд, ки бо қабули Қонуни Иттифоқи Советӣ «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма» алоқаманд буд [111, с.120].

Дар байни онҳо онҳое низ буданд, ки бо фарқиятҳои худ дар ҷанбаҳои гуногун фарқ мекарданд. Ин фарқиятҳо ҳам ба шакли пешниҳоди иттилоот ва ҳам ба мундариҷаи он дахл доштанд. Воситаҳои ахбори омма (ВАО) шунавандагони худро бо истифода аз равишҳои гуногун барои пешниҳоди иттилоот фарқ мекарданд. Онҳо на танҳо тарзи пешниҳоди иттилоот, балки мундариҷаи он ва хусусиятҳои забонро низ ба назар гирифтанд. Ин ба ВАО имкон дод, ки бо гурӯҳҳои гуногуни хонандагон самаранок ҳамкорӣ кунанд.

Аз замони истиқлолияти Тоҷикистон Ҳукумат барои эҷоди қонунҳо барои ВАО кор мекунад. Асоси ин қонунҳо Конститутсияи Тоҷикистон мебошад. Он дар бораи истиқлолияти кишвар, тарзи ташкили давлат ва ҷомеа, сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ сухан меронад. Инчунин дар Конститутсия гуфта шудааст, ки ҳамаи шаклҳои моликият баробаранд. Конститутсия дар бораи аҳамияти ҳуқуқи инсон ва эҳтироми қонунҳои кишварҳои дигар сухан меронад. Дар айни замон Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи рушд қарор дорад, ки ҳалли масъалаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиро талаб мекунад. Муваффақият дар ҳалли ин мушкилот аз омили субъективӣ, яъне фаъолияти иҷтимоии шаҳрвандон вобаста аст. Дар ин замина, фаъолияти шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсӣ, иштироки онҳо дар қабул ва татбиқи қарорҳои сиёсӣ, инчунин назорати фаъолияти мақомоти ҳокимият нақши муҳим мебозад. Васоити ахбори омма дар раванди иҷтимоикунонии одами муосир нақши назаррас доранд. Онҳо метавонанд ба шуури одамон таъсир расонанд ва рафтори онҳоро ташаккул диҳанд. Гузариши тамаддун ба марҳилаи нави рушд ва фаъолияти ҳамаи институтҳои иҷтимоӣ аз сатҳи рушди ҷомеаи иттилоотӣ вобаста аст.

Олими тоҷик З.Ш. Сайидзода ба таърихи сиёсати иттилоотии кишвар диққат дода, раванди тағйирёбии вазъияти иттилоотии кишварро ба таври зерин нишон медиҳад: «Дар ин давра дар соҳаи назорати ҳуқуқӣ ва маъмурӣ ба фаъолияти воситаҳои ахбори омма тағйироти назаррас ба амал омад. Дар Иттиҳоди Шуравӣ ҳуқуқи монополии нашри рӯзнома ба мақомоти ҳизбии ҳокимият тааллуқ дошт, ки фаъолияти нашриро аз интихоби кадрҳо то муайян кардани мавзуъҳои нашрияҳо пурра назорат мекард. Дар натиҷа дар Иттиҳоди Шуравӣ, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бисёр рӯзномаву маҷаллаҳои нав пайдо шуданд. Гуногунрангии нашрияҳо васеъ карда шуд ва инчунин рӯзномаҳои ғайридавлатӣ пайдо шуданд. Аксари нашрияҳои нав аз ҷониби ташкилотҳои тиҷоратӣ ё рӯзномаҳои иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ таъсис дода шудаанд» [123, с.82].

Дар ҳама гуна давлати демократӣ ва ҳуқуқӣ яке аз вазифаҳои муҳимтарин танзими асосҳои ҳуқуқии фаъолияти иттилоотӣ, муайян кардани мақсад, вазифаҳо, принсипҳо, субъектҳо ва объектҳои муносибатҳои иттилоотӣ ва муқаррар намудани сиёсати давлатии иттилоотӣ дар ҷомеа мебошад. Дар моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иттилоот” мақсад ва вазифаҳои сиёсати иттилоотии кишвар аз инҳо иборат дониста мешаванд: «Қонуни мазкур меъёрҳои умумии ҳуқуқии дарёфт, истифода, паҳн ва нигоҳдории иттилоотро муқаррар намуда, ҳуқуқи субъекти муносибатҳои иттилоотиро ба иттилоот дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин системаи иттилоотӣ, манбаъҳои он, мақоми иштирокчиёни муносибатҳои иттилоотиро муайян мекунад, дастрасӣ ба иттилоотро танзим мекунад ва ҳифзи онро таъмин мекунад, шахсият ва ҷомеаро аз иттилооти бардурӯғ муҳофизат мекунад» [9].

Дар ҷараёни тағйирот аз низоми маъмурию фармондеҳии идоракунии иқтисодиёт ба механизмҳои бозорӣ, аз сохти тоталитарӣ ба давлати ҳуқуқӣ, аз диктати идеологӣ ба арзишҳои умумиинсонӣ, васоити ахбори омма бо зарурати мутобиқ шудан ба воқеиятҳои нави иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ рӯ ба рӯ шуданд. Ин раванди мутобиқсозӣ на танҳо ба журналистикаи тоҷик, балки ба васоити ахбори омма дар тамоми фазои пасошуравӣ низ таъсир расонд. Муҳаққиқ О.В. Третьякова қайд намудааст, ки: «Иштироки рӯзноманигорӣ дар раванди демократикунонии ҷомеа ҳадди аққал ду тараф дошт: худи расонаҳо ҳамчун як ниҳоди иҷтимоӣ ва ҳамчун як бахши тиҷорати демократишавиро паси сар намуданд; рӯзноманигорон пешрафти демократикунонӣ дар ҷомеаро инъикос ва арзёбӣ карданд ва бо ин васила ба ин раванд таъсири назаррас расониданд» [118, с.99].

Ин равандҳое, ки дар кишвари мо пеш аз истиқлолият ба амал омаданд, ба рушди озодии сухан ва матбуот, инчунин пайдоиши радио, телевизион ва интернет мусоидат карданд. Онҳо то андозае гуногунандешии сиёсии ақидаҳои қувваҳои гуногуни ҷамъиятию сиёсии он замонро таъмин карданд. Ин равандҳо барои рушди минбаъдаи воситаҳои ахбори оммаи чопӣ ва

электронӣ дар Тоҷикистон асос гардиданд. Ин дар афзоиши шумораи нашрияҳои даврӣ ва ВАО-и электронии дар ҷумҳурӣ нашршуда ифода меёфт. Дар фазои иттилоотии ҷумҳурӣ дар баробари рӯзномаҳои расмӣ нашрияҳои хусусӣ низ пайдо шуданд.

Рӯзноманигор О.Панфилов қайд менамояд, ки: «Дар ҷумҳурӣ пуршиддат гардидани ҳаёти сиёсӣ, махсусан пас аз қабул гардидани Қонун «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар Ҷумҳурии Советии Сотсиалистии Тоҷикистон» соли 1989, бо бунёд гардидани аввалин ҳизбҳо ва ҳаракатҳои сиёсӣ, инчунин нашрияҳои ҳизбӣ алоқаманд аст» [123, с.178].

Бо таҳлили фаъолияти васоити ахбори омма, нақш, вазифа ва ҷанбаҳои таърихии онҳо дар Тоҷикистон метавон гуфт, ки пас аз ба даст овардани истиқлолияти кишвар, расонаҳо дигар воситаи таъсири давлат ва ҳизб набуданд ва ба як ниҳоди мустақили ҷамъиятӣ табдил ёфтанд. Раванди тағйири ҷомеа ва низоми коммуникатсияи оммавӣ ҳанӯз ба анҷом нарасидааст, вале марҳилаҳои асосии таърихи навини ВАО-ро дар Тоҷикистон муайян кардан ва дар асоси онҳо самтҳои асосии рушди воситаҳои ахбори омма, аз ҷумла матбуоти даврӣ ва расонаҳои электрониро муайян кардан мумкин аст.

Дар ҳоле ки хоҳиши давлат барои таъмини амнияти қаламрави худ дар ҷаҳони воқеӣ бо истифода аз қувваҳои мусаллаҳ метавонад ба натиҷаҳои қаноатбахш оварда расонад, дар фазои маҷозии Интернет ин амалан ғайриимкон аст. Аён аст, ки ҳар як давлат ва сокинони он наметавонанд ба он чизе, ки дар ҷаҳон дар бораи онҳо гуфта мешавад, бепарво бошанд. Пештар ин маълумот аз филтрҳои муайяни сензура мегузашт, аммо ҳоло ин ғайриимкон шудааст. Маълумот, аз ҷумла маълумоти манфӣ, дар сайтҳо қариб фавран паҳн карда мешавад ва пайгирии манбаъҳои паҳншавии он хеле душвор аст. Дар муносибатҳои байналмилалӣ ба истилоҳ "дахолати вазъиятӣ" ба корҳои дохилии давлати дигар мушоҳида мешавад, ки манбаи он муддати тӯлонӣ номаълум боқӣ мемонад.

Аз тарафи дигар, аҳамияти интернетро дар ҷаҳони муосир аз ҳад зиёд арзёбӣ кардан душвор аст. Пеш аз пайдоиши интернет, ҷаҳон дар доираи намоишҳои анъанавӣ зиндагӣ мекард. Одамон аз гӯшаҳои гуногуни сайёра идеалҳо ва манфиатҳои худро доштанд. Интернет "пардаро кушод" ва ҳама чиз наздиктар ва дастрастар шуд. Субфарҳанги нави глобалии марбут ба истифодаи интернет пайдо шуд, ки ба манфиатҳои тамоми инсоният, новобаста аз нажод, мансубияти шаҳрвандӣ ва миллат, то андозае таъсир расонд. Интернет танҳо як зерфарҳанги нав нест. Ин ҷаҳонбинии нав, технологияҳои нав ва муҳити муоширати миқёси ҷаҳонӣ мебошад, ки тамоми сарҳадҳои тасаввуршаванда ва тасаввурнашавандаро, аз ҷумла давлатӣ, ахлоқӣ, динӣ ва ғайраро нест мекунад.

Бо институтҳои ҳуқуқии таърихи ҳазорсола рӯ ба рӯ шуда, интернет асосҳои онҳоро рад мекунад ва нишон медиҳад, ки мафҳумҳои бунёдӣ, ба монанди "суверенитет" ва "сирри давлатӣ" дар шароити технологияҳои муосир хеле номуайян мешаванд. Технологияҳои нави интиқоли иттилоот на танҳо равандҳои мубодилаи донишро дар саросари ҷаҳон ба таври назаррас суръат бахшиданд, балки сохтори муносибатҳои ҷамъиятиро ба таври ҷиддӣ тағйир доданд.

Дар ҷаҳони муосир васоити ахбори омма дар ташаккул, паҳн ва рушди фарҳанги омма нақши калидӣ доранд. Бе иштироки фаъоли ВАО рушди шуури ҷамъиятиро тасаввур кардан ғайриимкон аст. Дар шароити рушди демократии ҷомеа ва ҷомеаи шаҳрвандии баркамол, танҳо тавассути ВАО азхудкунӣ ва таҳлили тамоми сохтори хабарҳои ҷаҳонӣ имконпазир мегардад. Ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ ВАО-ро қисми ҷудонашавандаи ҳаёти ҳаррӯза гардонида, аҳамияти онҳоро афзоиш доданд. Гузашта аз ин, ВАО ба як воситаи муҳим дар раванди сиёсӣ табдил ёфтааст. Васоити ахбори омма ба як ниҳоди муташаккили ҳаёти сиёсии ҷомеа табдил ёфтааст, ки ба ҳама одамон тавассути технологияҳои махсус ошкоро ва оммавӣ маълумот медиҳад. Хусусияти асосии онҳо дар он аст, ки онҳо маҳдуд нестанд ва барои ҳама дастрасанд.

Ворид кардани ВАО ба фазои иттилоотии ҷаҳонӣ бо роҳҳои гуногун сурат мегирад. Васоити ахбори омма, ки воситаи муҳими муоширати дар ҷомеа мебошанд, вазифаҳои гуногуни иҷтимоӣ ва сиёсиро иҷро мекунанд. Вобаста аз вазъи мушаххаси иҷтимоию сиёсӣ, баъзеҳо метавонанд аҳамияти махсус пайдо кунанд. Ин вазифаҳо метавонанд ташкилӣ, муттаҳидкунанда, маърифатӣ бошанд. Онҳо инчунин метавонанд нақши бетараф ё устувор дошта бошанд. Фаъолияти ВАО ба ҳаёти ҷомеа дар маҷмуъ таъсир мерасонад, хусусиятҳои иҷтимоӣ-психологиро ташаккул медиҳад ва ба муносибатҳои ахлоқии ҳар як узви ҷомеа тавассути каналҳои ахбори омма таъсир мерасонад.

Дар ин вақт ҳайати аудиторияи ВАО низ тағйир ёфт. Дар робита ба вазъи иқтисодии аввали солҳои 1990-ум, шумораи хонандагони нашрияҳои марказӣ ва минтақавӣ дар кишвар коҳиш ёфт. Дар шароити болоравии арзиши ВАО, радио ва телевизион манбаи асосии иттилоот барои аксари мардум гардиданд.

Диққати асоси ба мазмуну мундариҷаи нашрияҳои ВАО равона карда шуд. Барои муайян намудани таъсири ВАО ба ҳаёти ҷамъиятиву сиёсии ҷумҳурӣ таъсири ВАО ба ташаккули афкори ҷамъиятӣ ва рафтори электоралии аҳолӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шуд. Тадқиқоти маводҳои воситаҳои ахбори омма нишон дод, ки масъалаҳои ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар маркази таваҷҷуҳи ВАО қарор доранд. Ин бо пайдоиши мунтазами маводҳо дар ин мавзуъ тасдиқ карда мешавад.

Дар ҷаҳони муосир, ки технологияҳои иттилоотӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ нақши калидӣ доранд, масъалаи ҳамкории ҷомеа ва васоити ахбори омма махсусан муҳим мегардад. Васоити ахбори омма дар муносибатҳои байналмилалӣ нақши муҳим доранд ва фаъолияти онҳо бевосита ба мубодилаи иттилоот ва эҷодкорӣ таъсир мерасонад. Онҳо таҳиягарони сиёсӣ мебошанд, ки барои равандҳои ҷамъиятӣ масъуланд. Аз ин рӯ, онҳо бояд пеш аз ҳама ба манфиати ҷомеа ва давлат амал кунанд.

Дар шароити ҷаҳони муосир ва рушди технология, матбуот рамзҳо ва мафҳумҳои ягонаро дар сатҳи миллӣ фаъолона ҷорӣ мекунад. Ин раванд на

танҳо бо сарҳадҳои миллӣ маҳдуд аст, балки ба сатҳи байналмилалӣ паҳн мешавад. Ба назар гирифтан махсусан муҳим аст, ки васоити ахбори омма дар ташаккул ва таҳкими тамоми ҷанбаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат нақши калидӣ хоҳанд дошт. Дар ин замина, систематизатсияи иттилоот омили муҳим дар муносибатҳои байнидавлатӣ ва байналмилалӣ мегардад.

Дар ҷаҳони муосир на танҳо давлатҳо, балки созмонҳои гуногун дар сиёсати байналмилалӣ нақши муҳим доранд. Ба чунин ташкилотҳо донишгоҳҳо, муассисаҳои динӣ ва экологӣ, ташкилотҳои варзишӣ, ҷомеаҳои интернетӣ ва ғайра дохил мешаванд. Ҳар яке аз ин субъектҳо дар сиёсати байналмилалӣ нақш ва вазифаҳои худро доранд. Дар ин замина, ВАО дар ташкили ҷараёнҳои иттилоотӣ нақши калидӣ доранд. Онҳо имкон медиҳанд, ки иттилоот ба масофаҳои дур зуд интиқол дода шавад ва дар саросари ҷаҳон паҳн карда шавад. Дар баъзе ҳолатҳо, ВАО на танҳо иттилоотро интиқол медиҳанд, балки онро эҷод мекунанд. Онҳо манбаи иттилоот мешаванд ва афкори ҷамъиятиро ташаккул медиҳанд.

Дар раванди ташаккули афкори ҷамъиятӣ таҳқиқоти сотсиологӣ гузаронида мешаванд, ки ҷанбаҳои гуногуни мушкилотро таҳлил мекунанд. Ин тадқиқотҳо имкон медиҳанд, ки мавзуъҳои асосии пурсишҳо муайян карда шаванд. Дар доираи чунин тадқиқотҳо масъалаҳои марбут ба қонунгузорӣ, шахсиятҳои сиёсӣ, рӯйдодҳо ва падидаҳо дар соҳаи сиёсӣ, инчунин дигар мушкилоти маҳаллӣ баррасӣ карда мешаванд. Метавон гуфт, ки дар баъзе ҳолатҳо, таҳқиқоти сотсиологӣ барои омӯхтан ва ташаккули афкори ҷамъиятӣ кӯмак мекунанд.

Дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ мактуби хонандагон, ки дар саҳифаи рӯзнома нашр карда мешавад, аҳамияти бузург дорад. Олими рус А.Б. Кувшинников низ ба ин масъала ишора намуда, қайд карда буд, ки: «Моҳе чандин маротиба масъалаҳои асосии аз тарафи хонандагон пешниҳодшуда нашр гардида, шарҳу эзоҳ дода мешавад. Мақсади асосии чунин нашрияҳо аз он иборат аст, ки хонандагонро бо дигар нуқтаи назар ба ин ё он проблема

шинос намоянд. Бо чунин восита, рӯзнома ё маҷалла таъсири худро ба хонандагон нигоҳ дошта, назароти дигарро рад менамояд» [74, с.150].

Ғайр аз ин, таҳлили иттилооти дар ВАО ҷойгиршуда барои ошкор кардани баъзе омилҳое, ки таъсири онҳоро ба ташаккули афкори ҷамъиятӣ маҳдуд мекунанд, кӯмак мекунад. Дар рӯзномаву маҷаллаҳо маводҳое нашр мешаванд, ки дар он баррасии рӯякии падидаҳои мураккаб, ҷудо намудани далелҳои «зарурӣ» ва ба инобат нагирифтани ҷанбаҳои «номатлуб» мушоҳида карда мешавад. Дар фарогирии як қатор масъалаҳо, ба монанди ташкили созмонҳои ҷамъиятӣ, гурӯҳҳо ва ҳизбҳои сиёсӣ, пайдарпайии изҳорот пайгирӣ карда намешавад.

Дар кишвар васоити ахбори омма фаъолона кор карда, кӯшиш мекарданд, ки ақида ва рӯҳияи муайяни хонандагонро ташаккул диҳанд, ғояҳои нав пешниҳод кунанд ва ба ҷанбаҳои нави ҳалли мушкилот диққат диҳанд. Аммо, савол дар он аст, ки нашрияҳои ҷумҳурӣ то чӣ андоза самараноканд. Пурсишҳо ва мактубҳои хонандагон, ки дар ВАО нашр шудаанд, нишон медиҳанд, ки дар ҷомеа арзёбиҳо ва андешаҳои гуногун дар бораи фаъолияти ВАО мавҷуд буданд.

Бисёре аз муаллифони номаҳо, ки дар он вақт дар рӯзномаҳо нашр мешуданд, қайд карданд, ки рӯзномаҳо торафт пурмазмунтар мешуданд ва таваҷҷӯҳи хонандагонро бо сабаби гуногунии ақидаҳо дар масъалаҳои гуногун ҷалб мекарданд. Аммо камбудиҳо низ буданд: маълумот аз минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ кофӣ набуд ва инчунин хабарҳои расмӣ зиёд буданд.

Дар он вақт нашрияҳои ҷамъиятию сиёсӣ на танҳо рӯйдодҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсиро инъикос мекарданд, балки дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ низ фаъолона иштирок менамуданд. Нашрияҳои ВАО дар ин давра бо тамоми василаҳои зарурӣ, аз ҷумла: интихоби маводҳои гуногун ва роҳҳои пешниҳоди онҳо; нашри мактубҳои хонандагон, натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ ва ғайра таъмин буданд.

Новобаста аз муҳимияти таъсири ошкорбаёнӣ ба ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ, он дар Тоҷикистон дар доираи маҳдуд рушд менамуд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд рӯзномаҳои хусуси пайдо шуданд, ки бо микдори кам нашр мешуданд. Дар баъзе ҳолатҳо берун аз ҳудуди кишвар нашр шуда, ҳатто то ба пойтахти ҷумҳурӣ намерасиданд. Дар ин давра аз барои нашри маводҳои «номатлуб» муҳаррирони чандин рӯзномаҳо зери фишор қарор дода шуданд.

Ҳатто солҳои 90-ум ошкорбаёнӣ дар матбуоти даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври маҳдуд таҷассум карда мешуд. Матбуоти давлатӣ чун пештара дар бозори ВАО ҳукмронӣ менамуд. Дар ҳолате, ки дар телевизиони марказӣ баҳсу мунозираҳои доманадори Анҷумани намояндагони халқ дар Масква намоиш дода мешуд, масъалаҳои маҳаллӣ дар сатҳи паст дар саҳифаи ВАО таҷассум меёфтанд. Илова бар ин, дар фарқият аз дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ, матбуоти даврии тоҷик тартиботи муқарраршударо нигоҳ медошт, асосан «каҷравиҳои» алоҳида, на тамоми сохтори шӯравиро танқид менамуд.

Пас аз давраи бозсозӣ, дар қаламрави давлати шӯравӣ нашрияҳои ғайридавлатӣ пайдо шуданд, ки воқеияти ҷамъиятиву сиёсии кишварро таҷассум менамуданд. Андешаи навсозии низоми ҳокимият ва демократикунонии ҷомеа мавзӯҳое буданд, ки дар саҳифаи рӯзномаву маҷаллаҳо мавриди баррасӣ қарор дода мешуданд.

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар асоси сиёсати бозсозӣ шавқу рағбат ба фарҳанги миллӣ ва дин пайдо шуда, болоравии худшиносии миллӣ мушоҳида карда мешуд. Дар саҳифаи рӯзномаву маҷаллаҳо маводҳои танқидӣ нисбати мавҷудияти низоми яккасолорӣ, ғайрисамаранокии низоми якаҳизбӣ, инкишофи иқтисодиёт нашр мегардиданд [18, с.14].

Барои ин давра кӯшиши матбуот ва зиёиёни пешбари Ҷумҳурии Тоҷикистон бо озодии сухан хос аст. Боло рафтани нақши матбуот дар ҷомеа мушоҳида мегардад, ки дар натиҷа, якумин нашрияҳои ғайридавлатӣ ба монанди «Адолат» ва «Чароғи рӯз» нашр гардиданд.

Дар ҷумҳури як қатор ҳизбҳо ва ҳаракатҳои ҷамъиятиву сиёсӣ бунёд карда шуданд, ки фаъолона ба раванди демократикунонии ҷомеа ҳамроҳ гардиданд. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки тамоми ҳизбу ҳаракатҳо дар кишвар дорои нашрияи худ буданд, ки дар саҳифаҳои он масъалаҳои мавҷудаи ҷамъиятиву сиёсиро фаъолона баррасӣ менамуданд. Рӯзномаҳои нисбатан машҳур дар ин давра «Растохез», «Сухан», «Наҷот» ва «Сомон» ба ҳисоб мерафтанд.

Дар оғози давраи гузариш, яъне ибтидои солҳои 90- уми асри гузашта матбуоти мо чун тамоми ҷомеаи мо чун тамоми ҷомеаи мо марҳилаҳои мушкилиро аз сар гузаронид. Замоне буд, ки на маблағ, на коғаз ва на дастгоҳҳои муосири чопӣ доштем. Ҳатто як қисми журналистон мо аз Ватан берун рафтанд.

Бо вуҷуди ҳама мушкилот, матбуоти мо ба муттаҳидсозии нерӯҳои солими ҷомеа, пешбурди ғояи Тоҷикистони соҳибистиқлол, расидан ба ваҳдати миллӣ, бозгашти гурезаҳо, ташаккули асосҳои ҷомеаи демократӣ, рушди иқтисоди кишвар ва таҳкими мақоми байналмилалии давлати ҷавони соҳибистиқлоли мо фаъолона мусоидат намуд. Матбуоти тоҷик, сарфи назар аз шакли моликият, дар давраи соҳибистиқлолӣ тадриҷан рушд карда, имрӯз ба Тоҷикистон ва мардуми он бо садоқати комил хизмат мекунад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 10-уми марти соли 2012 зимни суханронии худ дар маҷлиси ботантана бахшида ба 100-солагии матбуоти тоҷик қайд намуданд, ки: «Дар замони соҳибистиқлолӣ дар мамлакати мо барои пешрафт ва фаъолияти озодонаи воситаҳои ахбори омма тамоми заминаҳои ҳуқуқӣ фароҳам оварда шудаанд ва пайваста такмил дода мешавад. Ҳоло фаъолияти воситаҳои ахбори омма тавассути қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “ Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма”, “Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ”, “Дар бораи табъу нашр”, “Дар бораи иттилоотонӣ”, “Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот”, “Дар бораи ҳифзи иттилоот”, “Дар бораи реклама” ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзим карда мешавад» [247].

Дар ташакукули афкори нави ҷамъиятӣ рӯзномаву маҷаллаҳо нақши муҳим доштанд. Аксарияти ҷавонон, бо мутолеа намудани рӯзномаву маҷаллаҳо, муносибати худро ба низоми мавҷудаи шӯравӣ тағйир медоданд. Дар натиҷа, ҳизбу ҳаракатҳои гуногун дар Тоҷикистон дар байни аҳолӣ тарафдорони худро пайдо менамуданд. Мақсади асосии нашрияҳои ғайридавлатӣ маҳз аз ташаккули афкори нави ҷамъиятӣ ва ҷалб намудани аҳолӣ, махсусан ҷавонон ба доираи фаъолияти худ ба ҳисоб мерафт.

Метавон қайд намуд, ки ин мақсад аз тарафи нашрияҳои ғайридавлатӣ то андозае иҷро гардид. Воқеаҳои февралии соли 1990 аз тарафи нашрияҳо ҳар хел баҳогузорӣ карда мешуд. Илова бар ин нисбати тамоми раванду ҳодисаҳои кишвар нигоҳ ва дидҳои мухталиф ҷой доштанд, ки дар саҳифаи рӯзномаву маҷаллаҳо нашр мегардиданд. Дар ин давра, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гуногӯнандешии сиёсӣ дар фаъолияти нашрияҳо мушоҳида карда мешуд. Дар умум, дар солҳои 90-ум воситаҳои ахбори омма дар Тоҷикистон нақши калидӣ дошта, унсури муҳими ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсӣ буда, ба демократикунонии ҷомеа фаъолона мусоидат мекарданд.

Дар маҷмӯъ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон се марҳилаи гузариши демократиро ҷудо намуд, ки дар ҳар яке аз ин марҳилаҳо нақши ВАО бузург аст.

Давраи аввал, либераликунонии афкори иҷтимоӣ аст, ки аз пайдоиши аввалин ҳизбҳо ва ҳаракатҳои сисӣ, нашрияҳои расмии онҳо то ба даст овардани истиқлолоияти давлатиро фаро мегирад.

Қадами навбатӣ демократикунонии муҳити иттилоотӣ мебошад, ки то замони имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ идома кардааст. Зиёиёни тоҷик, ки дар намоишҳо фаъолона иштирок мекарданд, инчунин ба бедоршавии рӯҳияи мухолифин дар ҷомеа мусоидат карданд, зеро онҳо роҳҳои нави рушди низоми сиёсии кишварро пешниҳод намуданд. Ба ақидаи сиёсатшиноси тоҷик С.И. Шарипов: «Дар алоқамандӣ бо ин, дар шароити имрӯза, аксарияти муҳаққиқон зиёиёнро дар ҷунбиши солҳои 90-уми кишвар гунаҳкор менамоянд, ки озодӣ ба анархия, озодии сухан ба яроқи

мудҳиш дар дасти шахсони ноӯҳдабаро мубаддал гардид. Дар натиҷа маҳдудгардии усулҳои демократии амалӣ намудани баҳсҳои сиёсӣ ба миён омада, ба ҷойи аввал усулҳои зӯриву зӯроварӣ тариқи истифодаи ярок баромаданд» [174, с.64]. Яке аз рӯйдодҳои калидӣ дар ин марҳила қабули Қонуни асосии Тоҷикистони соҳибихтиёр 6 ноябри соли 1994 буд. Ин рӯйдод дар рушди демократия, ташаккули институтҳои демократӣ ва татбиқи принсипи тақсимоти ҳокимият ба қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ марҳилаи муҳим буд [175, с.91].

Пас аз анҷоми ҷанги шаҳрвандии таҳмилӣ дар рушди расонаҳои хабарии Тоҷикистон марҳилаи нав оғоз меебад. Муҳаққиқи тоҷик С.Шарипов қайд менамояд, ки: «Зуҳуроти самтҳои демократикунонии ҷомеа аз лаҳзаи ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон, ки бо он дастовардҳои воқеии Тоҷикистон дар ин раванд алоқаманд аст, оғоз гардидааст» [174, с.260]. Дар робита бо нақши расонаҳои хабарӣ дар раванди демократикунонии ҷомеаи тоҷикистонӣ муҳаққиқи ватанӣ К. Шарифзода қайд набуда буд, ки: «Матбуоти тоҷик, дар ҳар як марҳила демократикунонӣ ба рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ мусоидат намуда, боиси баланд гардидани нақши инсон ба сифати яке аз иштирокчиёни асосии равандҳои сиёсӣ гардидааст. Хусусияти муҳими воситаҳои ахбори омма, махсусан расонаҳои хабарӣ дар он зоҳир мегардад, ки онҳо пеш аз ҷумҳурӣ мустақилиро ба даст оварданд» [242, с.69].

Рӯзноманигор О.Панфилов чунин мешуморад, ки: «Аввалин рӯзномаи давраи «бозсозӣ» рӯзномаи «Растохез» ба ҳисоб меравад, ки дар аввал ба таври пинҳонӣ дар Вилнюс нашр мегардид ва бо роҳҳои мухталиф ба Тоҷикистон оварда мешуд» [106, с.78]. Лекин Д.Мискулский чунин мешуморад, ки: «Ҳанӯз соли 1983 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷаллаи пинҳонии «Ҳидоят» ба таври пинҳонӣ аз тарафи сиёсатмадорони динӣ нашр мегардид» [123, с.225].

Муҳаққиқон қайд менамоянд, ки ташаккули арзишҳои демократӣ дар ҷумҳурӣ бо пайдоиши нашрияҳои мустақил ва давлатӣ, яъне нашрияҳои миллӣ дар оғози солҳои 90-ум оғоз мегардад. Дар сарчашмаҳои ватанӣ солҳои

1989-1992 давраи рушди матбуоти миллӣ дар кишвар дониста мешавад. Таъсиси рӯзномаҳои ҳизбӣ ва хусусӣ, ки дар раванди демократикунонӣ иштирок намудаанд, пас аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма» дар соли 1990 имконпазир гардид. Тибқи моддаи дуюми ин қонун: «Матбуот ва дигар васоити ахбори оммаи Ҷумҳурии Тоҷикистон озоданд. Ҳар як шаҳрванди ҷумҳурӣ ҳуқуқ дорад озодона эътиқод ва ақидаи худро баён кунад, онҳоро дар ҳама гуна шакл дар матбуот ва дигар васоити ахбори омма паҳн кунад. Сензураи васоити ахбори омма манъ аст» [12].

Дар натиҷаи демократикунонӣ ва озодии намояндагони расонаҳои хабарӣ воситаҳои нав барои рӯшан кардани масъалаҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ пайдо шуданд. Аммо ин раванд оқибатҳои манфӣ низ дошт: рӯзноманигорон дар рӯшан кардани мушкилоти марбут ба тафаккури нави сиёсӣ ва иқтисодӣ бо мушкилот рӯ ба рӯ шуданд. Бо вуҷуди ин, рӯшан кардани мавзуъҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар саҳифаҳои рӯзномаҳо барои ташаккули жанрҳои нав, равишҳо ба омӯзиши таърихи муосир ва рушди мафҳуми "журналистикаи сиёсӣ" асос гардид. Ба таври мисол, метавонем рӯзномаи «Паёми Душанбе» – ро қайд намоем.

Аввалин шумораи рӯзнома 1 январи соли 1990, вақте вазъи сиёсии кишвар ноустувор буд, ба табъ расид. 14-15 феврали соли 1990 дар Душанбе гирдиҳамоӣ баргузор шуд. Вазъияти сиёсӣ шиддатнок гардид. Дар ин вақт, рӯйдодҳо пайваста дар саҳифаҳои рӯзномаи «Паёми Душанбе» инъикос мешуданд. Рӯзноманигорон ба ҳар як сокини кишвар, ба ҳар касе, ки ин сарзаминро дӯст медорад, фарҳанги бойи онро эҳтиром мекунад, бо даъвати «Тоҷикистонро аз балоҳо эмин нигоҳ доред» муроҷиат карданд. Дар яке аз мақолаҳои рӯзнома қайд карда шудааст: «Сулҳ ва тартиботро ҳифз кунед. Зиддиятҳо метавонанд боиси талафоти калон шаванд. Танҳо ваҳдат метавонад кишвари моро аз як офати бузург наҷот диҳад» [52, с.125].

Маводҳои рӯзномаи «Паёми Душанбе»-ро» дар дар ин давра таҳлил карда, метавон қайд намуд, ки рӯзнома нақши миёнаравро байни

ҳукуматдорон ва мардум бозидааст. Ба ибораи дигар, он на танҳо шунавандагони худро бо иттилооти муҳим таъмин мекард, балки худи ӯ иштирокчии рӯйдодҳои сиёсии кишвар гардид. Аз мавқеи назарияи рӯҳноманигории сиёсӣ, рӯзнома ба фаъолони сиёсӣ «аз сабаби он, ки ҳукмронии рӯзномаро ҳамчун вазифаи оқилона пазируфтаанд ва рафтори худро мувофиқи ин вазифаҳо созгор мекунанд [123, с.49].

Бо барқарор шудани сохти конститусионӣ дар кишвар, роҳбарияти нави кишвар ба нашрияҳои даврӣ фишор овард, ки он боиси қатъ гардидани як қатор рӯзномаву маҷаллаҳо гардид. Лекин, як қатор нашрияҳои мустақили оппозитсионӣ фаъолияти худро дар хориҷи кишвар ба роҳ монда, ба фазои иттилоотӣ Тоҷикистон таъсир расониданро идома доданд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҷанги шаҳрвандӣ ва бӯҳрони иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазъияти молиявии матбуоти даври таъсири манфӣ расонид, ки дар натиҷа як қатор нашрияҳо фаъолияти худро қатъ намуданд.

Қайд намудан зарур аст, ки дар давраи гуфтушунидҳо байни тарафҳои мухолиф вазифаи асосии ВАО аз таҷассуми ҷараёни ин раванд иборат буд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки матбуоти давлатӣ ва оппозитсионӣ дар ин самт нақши бузург доштанд. Ҳамин тариқ, матбуот ҷараёни гуфтушуниди байни тоҷиконро фаъолона таҷассум намуд.

Пас аз ба имзо расидани Созишномаи оммаии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, матбуоти тоҷик бештар маводҳоеро ба табъ мерасонид, ки ба мавзӯи мустаҳкам намудани муттаҳидӣ ва ягонагии ҷомеа бахшида шуда буданд. Дар кишвар самти болоравии миқдори нашрияҳо мушоҳида мегардид. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки миқдори нашрияҳои даврӣ соли 2004 то ба сесад номгӯ расидааст, ки аз солҳои 90-ум қариб ду баробар зиёд аст.

Илова бар ин, номгӯи мавзӯҳои манъгардида то андозае маҳдуд гардид, ки барои таҷассуми ҳодисаву падидаҳои ҳаёти ҷамъиятиву сиёсии кишвар то андозае имконият фароҳам овард. Дар шароити имрӯза, дар ВАО мавзӯҳои мухталифи дохилӣ ва хориҷӣ нашр мешаванд. Яке аз масъалаҳои асосӣ, ки

имрӯз дар нашрияҳои даврӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст, масъалаи муҳоҷирати меҳнатӣ ба ҳисоб меравад.

ВАО чун дигар кишварҳо, дар Тоҷикистон низ ба ду гурӯҳ ҷудо карда мешавад: матбуоти давлатӣ ва матбуоти ғайридавлатӣ. Нашрияҳои давлатӣ асосан мавқеи ҳукумату давлатро таҷассум намуда, афкори оммаро нисбат ба ҳукумат ташаккул медиҳанд. Ин гурӯҳи нашрияҳо, илова ба даромадҳо аз фаъолияти худ, аз тарафи давлат дастгирӣ карда мешаванд.

Нашрияҳои ғайридавлатӣ танҳо аз ҳисоби даромади худ фаъолиятро ба роҳ мегузоранд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки даромади ин нашрияҳо тамоми хароҷотро рӯйпуш намекунад, аз ин хотир, аксарияти нашрияҳои ғайридавлатӣ фаъолияти худро қатъ намудаанд.

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, новобаста аз инкишофи дигар воситаҳои ахбори омма, ба монанди радио, телевизион, шабакаи интернет, рӯзномаву маҷаллаҳо имрӯз низ дар таҷассуми ҳодисаву падидаҳои мухталиф саҳми арзанда доранд.

Ҳамин тариқ, қайд намудан зарур аст, ки ВАО ҳамчун ниҳоди ҷамъиятиву сиёсӣ баромад намуда, дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ, таъмини гуногунандешии сиёсӣ, таҷассуми масъалаҳои мухталифи иҷтимоиву сиёсии кишвар нақши бузург дорад.

Роҳбарони созмону ташкилотҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ, бо истифода аз ВАО. Дар саҳифаҳои рӯзномаҳои худ «Адолат» ва «Растохез» ноӯҳдабароии мақомоти давлатиии ҳамон вақтро таҷассум менамуданд.

Дар алоқамандӣ бо ин як қатор рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ, ки дар ҳаёти ҷамъитиву сиёсии кишвар нақши пешбаранда доранд, тасниф намоем.

Қабл аз ҳама дар онҳо самтгирии ҳизбӣ мушоҳида карда мешавад. Саҳифаи якум ҳамеша ба фаъолияти ҳизб, муваффақиятҳои он, ташвиқу тарғиби ҳокимият бахшида мешавад. Дар рӯзнома тарғибот қариб ба назар намерасад, тамоми саҳифаҳо танҳо барои муборизаи идеологӣ истифода карда шудааст. Тамоми услубҳои иттилоотӣ – мақолаҳои таҳлилӣ, ривоятҳои сиёсӣ, мазҳакаҳо истифода мегарданд. Дар ин рӯзномаҳо ғояҳо ва ақидаҳои элитаҳои

ҷамъиятию сиёсӣ, инчунин вазъи сиёсӣ дар давраи маъракаи интихоботӣ дар тамоми раванди интихобот пурра инъикос ёфтаанд.

Пас аз ҷанги шаҳрвандӣ вазъият дар ҷумҳурӣ аз нуқтаи назари озодии матбуот беҳтар гардид, созмону ташкилотҳои байналхалқӣ Ҷумҳурии Тоҷикистонро кишвари нисбатан бомуваффақият дар минтақа баррасӣ менамуданд.

Дар ҷараёни раванди демократикунонӣ ва гузариш ба муносибатҳои бозоргонӣ дар ҷумҳури миқдори зиёди ҳизбҳо ва ҳаракатҳои сиёсӣ пайдо шуданд, ки дорои ойинномa ва барномаҳои фаъолият буданд. Ин созмону ҳаракатҳои нав барои демократикунонии фарҳанг ва арзишҳои миллӣ, ҳимояи манфиатҳои миллӣ, эҳёи арзишҳои таърихӣ, урфу одат, забон, барқарор намудани ҳақиқати таърихӣ баромад менамуданд.

Онҳо барои пешбарӣ намудани ғояҳои барномавии худ, ҷалби ҳарчи бештари одамон ба доираи фаъолияти худ, таъсир расонидан ба шуур ва рафтори одамон мақомоти нашриявии худро созмон доданд.

Маълум аст, ки ВАО омили пурқуввати таъсиррасонӣ ба шуур ва рафтори оммаи васеи мардум, ба вазъияти ҷамъиятиву сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки қабули Қонун «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма», ба пайдоиши рӯзномаву маҷаллаҳои нав мусоидат намудааст. Дар қонуни мазкур, имконияти таъсис ва рушди шабакаҳои васеи воситаҳои ахбори омма, нақш ва масъулияти онҳо дар назди ҷомеа махсусан қайд карда шудааст: «Матбуот ва дигар институтҳои воситаҳои ахбори омма дар ҷумҳурӣ озоданд. Ҳар як шаҳрванд ҳуқуқ дорад озодона ақида ва эътиқоди худро баён намояд, онҳоро дар шаклҳои гуногун дар матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма паҳн намояд сензураи воситаҳои ахбори омма манъ аст» [52, с.26].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ин ҳуҷҷат аз тарафи ҷомеа ва нерӯҳои мухталифи сиёсиву ҷамъиятӣ хуб пазируфта шуд ва дар фаъолияти минбаъдаи онҳо нақши бориз бозидааст. Илова бар ин, ҳуҷҷати мазкур дар пайдо гардидани нашрияҳои нав дар ҷумҳурӣ нақши муҳим бозидааст.

Лекин қайд намудан зарур аст, ки то қабули қонуни мазкур дар ҷумҳурӣ се рӯзномаи машҳури оппозитсияи сиёсӣ «Растохез», «Адолат», «Минбари ислом» аллакай чоп мегардиданд. Баъди қабули қонун рӯзномаи «Наҷот» мақомоти Ҳизби назҳати ислом, ки аввал дар Маскав чоп мешуд, рӯзномаҳои хусусии «Ҷоми ҷам», «Чароғи рӯз», «Минбари озоди ҷавонон» ва дигар рӯзномаҳо аз қайди давлатӣ гузашта ба фаъолият оғоз намуданд.

Таҳлили саҳифаҳои ин рӯзномаҳо нишон медиҳад, ки мавзӯоти асосии онҳо худшиносии миллӣ, адолати иҷтимоӣ, далелҳои айнӣ оид ба иқтисодиёт, ҷомеа, ҳаёти сиёсӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ ба ҳисоб мерафт. Қайд намудан зарур аст, ки ин рӯзномаҳо дар саҳифаҳои худ фаъолияти мақомоти давлатӣ, мансабдорони алоҳидаро зери танқид қарор дода, ноӯҳдабароии ҳукуматро дар ҳар як шумораи худ таъкид менамуданд.

Дар ин давра дар ҷумҳурӣ мушкилоти зиёди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ҷой доштанд, ки дар натиҷа ташвиқоту тарғиботи иртиҷоӣ тариқи рӯзномаву маҷаллаҳо оғоз гардид. Албатта, чунин амал ба он оварда расонид, ки дар ҷомеа ақидаҳои мухталиф пайдо гардидид, ба заиф гардидани дастгоҳи давлатӣ ва инкишофи миллатгароиву маҳалгароӣ оварда расонид.

Дар чунин ҳолат аксарияти ҳизбҳо ва ҳаракатҳои сиёсӣ бо истифода аз мақомоти нашриявии худ дар мубориза бо ҳукумат ва роҳбарияти кишвар, ба таври ошкоро оммаи мардумро ба сарнагун намудани ҳокимияти қонунӣ даъват менамуданд.

Ин нерӯҳо ҳамчун мухолифини ҳукумати муттаҳид гардида, дар ҳодисаву воқеаҳои солҳои 90-ум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолона ширкат меварзиданд. Бо ёрии нашрияҳои чопии худ онҳо тавонистанд ба зеҳну шуур ва амалҳои одамон таъсир расонанд ва ҷонибдорони худро дар ҷомеа бештар кунанд. Қайд намудан зарур аст, ки маҳз дар ҳамин давраи ҳассос фаъолияти матбуотӣ даврӣ ба равандҳои сиёсии ҷомеа тоҷик ба таври саҳеҳ мушоҳида карда мешуд.

Дар ин давра фаъолияти матбуоти даврии давлатӣ низ фаъол гардида буд, ки мавқеи ҳимояи сохти конститутсиониро ишғол намуда, тарафдори ба

эътидол омадани вазъияти иҷтимоиву сиёсӣ дар ҷумҳурӣ баромад менамуданд. Дар ин самт, метавон фаъолияти чунин рӯзномаҳо, ба монанди «Ҷумҳурият», «Садои мардум», «Вечерний Душанбе», «Паёми Душанбе» ва «Голос Таджикистана», рӯзномаҳои маҳаллӣ «Ҳақиқати Ленинобод», «Ҳақиқати Хатлон», «Навиди Вахш» –ро махсусан қайд намуд.

Яке аз аввалин рӯзномаҳои мухолифин «Растохез» ба ҳисоб мерафт. Шиори ин рӯзнома «Худро шинос» ба ҳисоб мерафт. Маводҳои асосӣ, ки дар саҳифаҳои ин рӯзнома чоп мегардиданд, характери зиддиҳукуматӣ дошта, албатта, ба вазъияти ҷамъиятиву сиёсии кишвар таъсир мерасонид.

Рӯзномаи дигари мухолифин– рӯзномаи «Адолат» ба ҳисоб мерафт, ки мақомоти нашриявии Ҳизби демократии Тоҷикистон буд. Дар шумораи якуми ин рӯзнома, ки соли 1990 чоп гардида буд, ки шиори он «пиндори нек, рафтори нек» ба ҳисоб меравад. Лекин, аз аввалин шумораҳо маводи тӯҳматангезро чоп намуда, ҳукумати қонунӣ, роҳбарони алоҳидаи ҷумҳуриро таҳқир мекард ва ошкоро ба сарнагун намудани ҳукумати қонунӣ даъват менамуд. Дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ, рӯзнома ба ҷои даъват ба сулҳ ва ризоят хонандагонро ба мушкил намудани вазъият дар шаҳр равона менамуд. Ин рӯзномаҳо ҳукумат ва парлумонро дар фишороварӣ ба озодии матбуот ва шаҳрвандон айбдор мекарданд.

Рӯзномаи дигар -»Чароғи рӯз» низ чунин мавқеъро ишӯол намуда буд. Нашрияҳои он ба шиддатнок гардидани вазъият равона гардида, ба зиддияти миллӣ даъват менамуданд, боиси рушд намудани маҳалгароӣ мегардиданд.

Ҳамин тариқ, таҳлили маводҳои нашрии рӯзнома ва маҷаллаҳои навтаъсис дар ҷумҳурӣ нишон медиҳад, ки фаъолияти онҳо сабаби асосии ташкили гирдҳаоиҳои оммавӣ дар майдони «Шаҳидон» ва «Озодӣ» гардидааст. Бо нашри маводҳои иғваоангез ин рӯзномаҳо тавонистанд, ки ба раванди сиёсии Тоҷикистон таъсири амиқ расонида, ҷумҳариро ба вартаи ҷанги шаҳрвадӣ кашиданд.

Рӯзномаҳо бо забони тоҷикӣ нашр мешуданд ва дар назди сохти иҷтимоӣ ва давлатии ҷумҳурӣ талабҳои муайян пешкаш мекарданд. Дар

нашрияҳои худ рӯзноманигорон мардумро ба ваҳдати миллӣ ва бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ даъват менамуданд. Маводҳои рӯзномаҳо ба хонандагони васеъ пешниҳод мегардиданд. Тавре ки пас аз қабули Қонуни матбуот дар соли 1990 қайд карда шуд, рӯзноманигорон тавонистанд рӯзномаҳо ва маҷаллаҳои навро ба қайд гиранд, ки «мактаби ибтидоӣ» -и маъмултарин рӯзноманигорон гардид. Ба ин рӯзномаи «Садои мардум», ки мақомоти Шӯрои Олии ҷумҳурӣ буд, мисол шуда метавонад. Аввалин шумораи он 1 январи соли 1991 таҳти шиори «Ҳама Ҳокимият ба Шӯроҳо!» нашр гардид. Сармуҳаррир М. Шерализода дар шумораи аввал қайд кард, ки: «Рӯзнома минбари мардум ва барои мардум аст ва дар саҳифаҳои он ҷой барои дудилагӣ байни чапу рост, иғво ва тӯҳмат, бадбинӣ, интиқом, таҳриф кардани ҳақиқат вуҷуд нахоҳад дошт» [52, с.180].

Рӯзноманигорон дар мақолаҳои худ даъват кардаанд, ки ба шиддат гирифтани ошӯб роҳ надиҳанд, ки метавонад боиси ҷанг шавад. Дар ин бора донишманд ва пажӯҳишгари ватанӣ И.К. Усмонов иброз медорад, ки: «Дар вақти ҳодисаҳои солҳои 1991-1992 “Садои мардум” ягона рӯзнома дар ҷумҳурӣ буд, ки ба давлат ва ҳукумати қонунӣ содиқ монд. Ва ба шарофати ин рӯзнома хонандагон аз ҳодисаҳои рухдода огоҳ буданд» [138, с.151].

Ҳамин тариқ, 10 апрели соли 1992 рӯзномаҳо талаби роҳбарони муассисаҳо ва хоҷагиҳои минтақаи Ҳисорро нашр карданд. Онҳо ба иштирокчиёни митингҳо муроҷиат карда, аз онҳо хоҳиш карданд, ки: «Аз номи тамоми мардуми ҷумҳурӣ сухан нагӯед, зеро аксарияти аҳолии деҳот ҳукумати қонуниро дастгирӣ мекунанд ... Мо талаб дорем, ки тазоҳуркунандагон нисбат ба ҷумҳурӣ, ки иқтисодиёт хароб шудааст ва сатҳи зиндагии мардум паст шудааст, муносибати оқилона ва солим нишон диҳанд, зеро ҳар як амали номуносиб боиси оқибатҳои хатарнок мегардад» [52, с.78].

Ҳамин тариқ, дар раванди демократикунонии Тоҷикистони пасошӯравӣ матбуот нақшҳои зеринро иҷро карданд:

- аз аввали солҳои 90-ум, матбуоти тоҷик арзишҳои миллиро таблиғ мекунад. Бо шарофати матбуот, забони тоҷикӣ дар байни забонҳои кишварҳои пасошӯравӣ яке аз аввалинҳо шуда мақоми забони расмиро гирифт;

- матбуот дар ташаккули афкори ҷамъият нақши назаррас дошт;

- пас аз созишномаи сулҳ, матбуот ҳамчун воситаи муҳокима ва табодули иттилоот хизмат кард;

- матбуот нақши миёнаравро байни мақомот ва мардум бозӣ мекард; қарорҳои муҳими давлатӣ дар асоси далелҳои дар ВАО инъикосшуда қабул карда мешуданд;

- диққати матбуот ба вазифаи паҳн кардани фарҳанг равона гардида буд.

Бояд қайд кард, ки васоити ахбори омма, ки аз давлат мустақил нестанд, инчунин дар ташаккули демократия дар кишвар саҳми назаррас гузоштаанд. Дар ин нашрияҳо мақолаҳои ҷолиби сиёсиро пайдо кардан мумкин аст. Нашрияҳои паҳнкунандаи иттилоот дар бораи фарҳанг ва сиёсат ба ташаккули ҷаҳонбинии шаҳрвандон таъсири амиқ расониданд.

Имрӯз дар кишвар ду гурӯҳи матбуотӣ фаъолият доранд: матбуоти давлатӣ ва матбуоти ғайридавлатӣ (хусусӣ). Маъруфтарин рӯзномаҳои мустақили кишвар Фараж, Азия-плюс, Миллат, Самак, Чархи Гардун, Оила ва ғайраҳо. Ба рӯзномаҳои маъруфи ҳукуматӣ «Ҷумҳурият, «Садои мардум», «Народная газета», «Минбари халқ» ва ғайраҳо дохил мешаванд. Тибқи маълумоти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021, дар кишвар 400 расона, аз ҷумла 268 рӯзнома, 136 маҷалла ва ҳашт оҷонсии иттилоотӣ ба қайд гирифта шудаанд.

Таъкид кардан муҳим аст, ки дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон воситаҳои ахбори омма ба масъалаҳои зерин таваҷҷуҳи зиёд зоҳир менамоянд: таҳкими давлатдорӣ, мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, муқовимат ба терроризму экстремизм, фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар кишвар, таъмини амнияти давлат ва минтақа, рушди сиёсати хориҷии Тоҷикистон, мавқеъгирии кишвар дар арсаи байналмилалӣ ва ғайра.

Яке аз масъалаҳои муҳим, ки ба таври доимӣ дар тамоми рӯзномаҳои кишвар таҷассум мегардад, масъалаи амнияти давлатӣ ва минтақавӣ мебошад. Таъкид кардан муҳим аст, ки дар замони муосир созмонҳои гуногун, ҳам анъанавӣ ва ҳам нав, ки фаъолияташон бо экстремизм ва терроризм алоқаманд аст, ғояҳои худро фаъолона паҳн мекунанд. Дар ҷаҳони муосир, мушкилоти экстремизми сиёсӣ таҳдиди ҷиддӣ шудааст, алахусус паҳн гардидани он дар соҳаи ВАО. Терроризми сиёсӣ бошад як усули ғайриқонунии мубориза дар асоси эҷоди фазои тарсу ҳарос аст, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсӣ истифода мешавад. ВАО ба яке аз воситаҳои асосие табдил ёфтааст, ки террористон ва радикалҳо барои расидан ба ҳадафҳои худ истифода мебаранд.

Тавсеаи шабакаи интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба радикалистон имкониятҳои навро фароҳам овардаанд. Ғайр аз ин, дар шароити воқеиятҳои нави геополитикӣ радикализми сиёсӣ ва ҳизбу ҳаракатҳои радикалистиро абарқудратҳо ҳамчун воситаи амалӣ гардонидани мақсадҳои геостратегии худ ва ҳимояи манфиатҳои геополитикии худ истифода мебаранд. Чунин ҳолат шаҳодат аз он медиҳад, ки ба раванди пайдоиш ва ташаккулёбии радикализми сиёсӣ омилҳои берунӣ таъсири амиқ мерасонанд. Чи гунае ки таҷрибаи сиёсӣ нишон медиҳад, ташкилотҳои радикалӣ ва сарварону фаъолони онҳо маҳз бо дастгирии сохторҳои берунӣ ва махсусан бо дастгирии молиявии онҳо фаъолияти радикалии худро ҷоннок мегардонанд. Рушди технологияҳои иттилоотӣ ба радикалистон ва ташкилотҳои террористию экстремистӣ имконият додаанд, ки онҳо дар фазои маҷозии интернет озодона ба тарғибу ташвиқи ғояҳои тундгароӣ ва ифротгароӣ машғул гарданд. Бинобар ин, таъсири ғояҳои тундгароӣ ба афкори ҷамъиятӣ ва бештар гардидани руҳияи радикалистии ҷомеа яке аз паёмадҳои манфии ин зуҳурот мебошад.

Дар замони муосир тағйирот дар ҷомеа зери таъсири расонаҳои хабарии маҷозӣ сурат мегирад. Дар ҷаҳони муосир на танҳо дар соҳаи иттилоот, балки дар иқтисодиёт ва умуман муносибатҳои ҷамъиятӣ сохторҳои нави шабакавӣ

низ пайдо мешаванд. ВАО на танҳо ба тағйирот дар ҷомеа мусоидат мекунад, балки худи онҳо низ ба тамоюлҳои иҷтимоӣ таъсир мерасонанд.

Дар шароити муҳити доимо тағйиребандаи коммуникатсионӣ фаъолияти ВАО-и нави босуръат рушдёбандаи интернетӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад. Ин аз мутахассисон талаб мекунад, ки равишҳои анъанавиро ба арзёбии системаи ВАО мутобиқ кунанд. Дар солҳои охир, олимон нақши расонаҳои нави шабакавиро, ки иттилоотро дар интернет, дар равандҳои ҷамъиятӣ ва ҷойгоҳи онҳо дар системаи ВАО паҳн мекунанд, фаъолона таҳқиқ мекунанд. Аммо то ҳол ин масъала ҳалли ниҳоӣ наёфтааст. Пажӯҳишгари ватанӣ А. Абдуҷалилов дар робита ба ин масъала андешаҳои худро ба таври зерин баён намудааст: «Дар интернет захираҳои зиёди иттилоотӣ мавҷуданд ва танҳо ба наздикӣ тамоюли фарқ кардани расонаҳои интернетӣ дар байни онҳо пайдо шуд. Инчунин меъёрҳои дақиқ таҳия карда шуданд, ки метавонанд ҳамаи муҳаққиқонро қонеъ гардонанд ва имкон диҳанд, ки ин ё он захираи иттилоотии шабакаро ба соҳаи ВАО дохил кунанд» [13, с.75].

Дар ҷаҳони муосир шаклҳои зиёди ВАО-и интернетӣ мавҷуданд: ин ҳам агентиҳои иттилоотии шабакавӣ, ҳам нашрияҳои шабакавӣ ва ҳам версияҳои электронии нашрияҳои анъанавии чопӣ мебошанд. Аммо, то ҳол таърифи возеҳе вуҷуд надорад, ки муайян кунад, ки кадом манбаи иттилоотиро дар интернет васоити ахбори омма ҳисобидан мумкин аст. Дар қонунгузории кишвари мо мафҳуми ВАО-и интернетӣ дар сатҳи қонунгузорӣ мустаҳкам карда нашудааст, ки ба нашрияҳои гуногуни онлайн имкон медиҳад, ки онро ба таври худ тафсир кунанд. Чунин тафсирҳо моҳияти ин падидаро равшан намекунанд ва муносибати умумиқабулшуда ба он ҳанӯз таҳия нашудааст.

Дар Тоҷикистон аудиторияи расонаҳои хабарии фазои маҷозӣ хусусиятҳои худро дорад. Инҳо асосан одамони ҷавон ва бомаърифат мебошанд. Тибқи омор, зиёда аз нисфи онҳо маълумоти олӣ доранд. Хусусияти дигари корбарони расонаҳои хабарии фазои маҷозӣ ин аст, ки онҳо на танҳо дар шаҳрҳои калон, балки дар маҳалҳои аҳолинишини хурд, ки дар наздикии шаҳрҳои калон ҷойгиранд, зиндагӣ мекунанд.

Аз тарафи дигар, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар фаъолияти чунин нашрияҳо таъсири омилҳои беруна бузург аст. Қайд намудан зарур аст, ки маблағгузории фаъолияти ин нашрияҳоро асосан, аз тарафи созмону ташкилотҳои хориҷӣ амалӣ карда мешавад. Дар чунин ҳолат, мақсади асосии чунин нашрияҳо, тафриқаандозӣ ва муташанниҷ намудани вазъияти сиёсиву иҷтимоии кишвари алоҳида ба ҳисоб меравад.

Дар ҷаҳони муосир мушкилоти экстремизми сиёсӣ, ки аксар вақт асоси динӣ ва этникӣ дорад, таҳдиди ҷиддӣ шудааст. Он махсусан тавассути васоити ахбори омма фаъолона паҳн карда мешавад. Дар илмҳои иҷтимоӣ ин масъала пайваста таҳқиқ ва муҳокима карда мешавад. Аммо дар доираҳои илмии ватанӣ ба омӯзиши механизмҳои назарфиребии сиёсӣ дар гурӯҳҳои динӣ-этникӣ ва низоъҳои сиёсии байни гурӯҳҳо диққати кофӣ дода намешавад.

Яке аз таҳдидҳое, ки дар шароити имрӯза дар натиҷаи рушди василаҳои иттилоотии иртиботӣ ҷомеаи моро ба ташвиш овардааст, терроризми сиёсӣ мебошад. Терроризми сиёсӣ усули ғайриқонунии мубориза дар асоси тарсондан ва амалҳои ғайриқонунӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсӣ мебошад. Васоити ахбори омма ба яке аз воситаҳои асосии дасти террористон ва радикалҳо барои расидан ба ҳадафҳои худ табдил ёфтааст. Моҳияти консепсияи терроризми сиёсӣ истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди зӯроварӣ мебошад, ки барои эҷоди фазои тарс ва ноил шудан ба тағйироти сиёсӣ истифода мешавад. Инчунин тарғибу ташвиқи ғояҳои ифротгароӣ ва тундгароӣ низ айни замон тавассути расонаҳои хабарии фазои маҷозӣ сурат мегирад. Барои оне, ки чунин тарзи тарғиботу ташвиқот пурра дарк гардад, ба ин масъала каме равшанӣ андохтан лозим меояд.

Таблиғот таърихи худро дорад, инчунин тадқиқотҳое, ки ба он бахшида шудаанд, хеле гуногунранг мебошанд. Ба ибораи дигар, механизмҳо ва усулҳое, ки муҳаққиқони ВАО тавассути онҳо кӯшиш мекарданд, ки таблиғотро фаҳманд ё маълумоти бардурӯғ, ё ифшои бардурӯғ ё хабарҳои қалбакӣ, ё новобаста аз он ки шумо онро чӣ меномед, худ аз худ таърихан реша давондаанд ва мафҳумҳои бунёдии сабабу натиҷаро дар бар мегиранд.

Барои ҷамъбасти далелҳои овардашуда, метавон гуфт, ки чаҳорчӯбаи васеътари консептуалӣ барои фаҳмидани иттилооте, ки то андозае зараровар ҳисобида мешавад, ба чор категорияи калон гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст: таҳқиқоти таблиғотӣ, таҳлили идеология ва робитаи он бо фарҳанг, мафҳумҳои назарияи таҳмил ва дар ниҳоят мафҳумҳои маълумоти бардурӯғ ва таъсири он. Далели он, ки омӯзиши маълумоти бардурӯғ, чун қоида, бидуни назардошти ин асосҳои назариявӣ гузаронида мешавад, ба он зарари таҷрибавӣ мерасонад ва таҳияи қарорҳо ва воситаҳои мубориза бо маълумоти бардурӯғро душвор мегардонад, зеро мушкилоти воқеии ҳалшаванда норавшан аст.

Тадқиқотҳо борҳо нишон доданд, ки аксари реаксионерҳо дидаву дониста ё бешуурона кӯшиш мекунанд, ки бори вазнини коммуникатсиониро бо таҳияи се механизм ҳал кунанд: диққати интихобӣ, дарки интихобӣ ва хотираи интихобӣ. Яъне, онҳо танҳо ба чанд васоити ахбори омма диққат медиҳанд; онҳо наметавонанд ҳиссаи назарраси паёмҳоеро, ки барои онҳо номувофиқ ба назар мерасанд, қабул кунанд; ва ҳатто пас аз чунин интихоб, шумораи муайяни паёмҳои нохушро ошкор карда, онҳоро пурра ё қисман пахш мекунанд. Аз ин рӯ, таблиғгарони муосир кӯшиш мекунанд, ки бифаҳманд: 1) кадом таҷрибаи ташаккулёбанда ва услубҳои омӯзиш шунавандагони мақсадноки онҳоро ба "афзалиятҳои медиавии" ҳозираи худ водор карданд; 2) кадоме аз вебсайтҳо, нашрияҳои электронӣ ё чопӣ, намоишҳои телевизионӣ, ва намунаҳои ҷаҳон воқеан ба онҳо таваҷҷӯҳ зоҳир мекунанд; 3) кадоме аз онҳо ба онҳо бештар таъсир мерасонанд.

Ҷаҳони муосир аз ҳама гуна таблиғоти рақобатпазир ва таблиғоти муқобил, инчунин гуногунии бузурги дигар фаъолиятҳои рамзӣ, аз қабили маориф, нашриет, гузоришҳои хабарӣ, расму оинҳои ватандӯстона ва динӣ пур аст. Аксар вақт фарқ кардани таъсири таблиғоти худ аз таъсири дигар намудҳои фаъолият хеле душвор аст.

Бешубҳа, шабакаҳои иҷтимоӣ ҷаҳонро дар фазои маҷозӣ муттаҳид карданд ва дар натиҷа гурӯҳҳои экстремистӣ шабакаҳои иҷтимоиро барои

радикализатсияи одамон, бахусус ҷавононе, ки осебпазиранд ва боварӣ доранд, ки идеологияи онҳо ба кори онҳо нигаронида шудааст, истифода мебаранд. Шабакаҳои иҷтимоӣ дар радикализатсия ва тавсеаи экстремизм нақши бузург доранд. Зарурати саводнокии рақамӣ, ки дар он қоидаҳое муқаррар карда мешаванд, ки ба одамони тамоми синну сол дар рушди малакаҳои тафаккури интиқодӣ ва баланд бардоштани муқовимат ба мундариҷаи зӯроварии экстремистӣ ва террористӣ дар Интернет кӯмак мерасонанд, яке аз роҳҳои ҳалли пешниҳодшуда барои боздоштани он аст. Қадамҳои мусбӣ таҳияи тактикаеро дар бар мегиранд, ки ба муқовимат ба ривоятҳо ва таблиғоти экстремистӣ тавассути эҷоди мундариҷа ва банақшагирии тактика равона карда шудаанд, ки метавонанд барои маҳдуд кардан, филтр кардан, нест кардан ё сензура кардани мундариҷаи экстремистӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ истифода шаванд. Хулоса баровардан мумкин аст, ки радикализатсия ва экстремизм дар натиҷаи ҳузури доимии шабакаҳои иҷтимоӣ, ки ба раванди радикализатсия ва экстремизм мусоидат мекунанд, мунтазам меафзояд. Гарчанде ки баъзе олимон изҳор доштанд, ки на танҳо шабакаҳои иҷтимоӣ барои ин афзоиш масъуланд, инкор кардан мумкин нест, ки тибқи маълумоти таҷрибавӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ дар радикализатсия ва экстремизм дар ҷомеаи муосири мо таъсири амиқ доранд.

Ҳамин тариқ, сатҳи таҷассуми ҳодисаву падидаҳои ҳаёти сиёсиро дар матбуоти даврӣ ва расонаҳои хабарӣ баррасӣ намуда, метавон чунин хулоса намуд:

- ВАО яке аз омилҳои муҳими ташаккули фазои ягонаи иттилоотӣ боқӣ мемонад, ки ба аъзоёни ҷомеа, гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ имконияти муошират ва ҳамкориро таъмин менамояд, ки баъд онҳо тавонанд ба навъҳои гуногуни фаъолияти иҷтимоӣ рӯй оранд;

- раванди бегона шудан аз матбуоти даврии - рӯзномаву маҷаллаҳои аз тарафи як қисми аҳолӣ дар даҳсолаи охир то андозае кам гардидааст, аммо он ба сатҳи ҳамкории иттилоотӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ таъсири

манфии худро мерасонад, ба ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ - муҳимтарин ҷузъи тамаддуни муосир халал мерасонад;

- дар натиҷаи «холигиҳои коммуникатсионӣ» як қисми назарраси аҳолӣ аз арзишҳои маънавии оммаимиллӣ, ки дар раванди дигаргуниҳои иҷтимоӣ ба вуҷуд омадаанд, бегона шудаанд. Онҳо аз имкони пурра истифода бурдани рӯзнома ва маҷаллаҳои кишвар ҳамчун манбаҳои иттилооти ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, ҳамчун минбари афкори ҷамъиятии тамоми ҷомеа, ҳамчун омили ташкил ва худтанзимкунии ҷомеа барои ҳалли мушкилоти миллӣ маҳрум гардидаанд;

- дар матбуоти точик шумораи онҳое, ки мехоҳанд маълумотро дар асоси зиёд шудани номгӯи рӯзномаҳо ва маҷаллаҳо ба даст оранд, ба таври назаррас афзоиш меёбанд. Аммо инҳо аксар вақт нашрияҳо мебошанд, ки шумораи чопи хурд доранд ва даврияти кам доранд. Онҳоро сарпарастон, таблиғкунандагон, намояндагони элитаи иқтисодӣ ва сиёсӣ, ки мехоҳанд манбаи иттилоотии худро дошта бошанд, дастгирӣ мекунанд;

- нашрияҳои фаъолтарин дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ, истеҳсоли молҳо ва хизматрасониҳо (алоқаи тиҷорӣ, алоқаи таблиғотӣ) мушоҳида карда мешавад;

- ВАО ҳамон фишанге ба ҳисоб мерафт, ки тариқи он ҳукумати шӯравӣ ба раванди рушди иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсиву фарҳангӣ таъсир мерасонид. Маҳз тариқи ВАО принсипҳои бунёди ҷомеаи сотсиалистӣ, интихоб, ҷобаҷокунӣ ва тарбияи кадрҳо амалӣ карда мешуданд. Дар фаъолияти худ, рӯзномаву маҷаллаҳо шаклҳо ва методҳои мухталифи фаъолиятро пеша намуда буданд. Мусобиқаҳои гуногун байни рӯзноманигорон ба роҳ монда шуда буд;

- нақши ВАО дар ҳаёти ҷамъитиву сиёсии ҷумҳурӣ бо шаҳодати боло рафни сатҳи саводнокии оммаи мардум, зиёд мегардид. Дар Ҷумҳурии Советии Сотсиалистии Тоҷикистон низ ба монанди дигар ҷумҳуриҳои Иттифоқи Советӣ рӯзномаву маҷаллаҳои навъҳои гуногун нашр мегардиданд.

Илова бар ин, дар маҳалҳо низ рӯзномаҳои мухталиф нашр мегардиданд, ки асосан проблема ва ҳодисаву падидаҳои маҳаллиро таҷассум менамуданд;

- рӯзнома ва маҷаллаҳо ба проблемаҳои калидии рушди иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсиву фарҳангӣ диққат дода, мусобиқаҳои сотсиалистӣ, таҷрибаи пешрафтаи истеҳсолиро таҷассум менамуданд;

- дар ташакукули афкори нави ҷамъиятӣ рӯзномаву маҷаллаҳо нақши муҳим доштанд. Аксарияти ҷавонон, бо мутоила намудани рӯзномаву маҷаллаҳо, муносибати худро ба режими мавҷудаи шӯравӣ тағйир медоданд. Дар натиҷа, ҳизбу ҳаракатҳои гуногун дар Тоҷикистон дар байни аҳолӣ тарафдорони худро пайдо менамуданд. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки мақсади асосии нашрияҳои ғайридавлатӣ маҳз аз ташаккули афкори нави ҷамъиятӣ ва ҷалб намудани аҳолӣ, махсусан ҷавонон ба доираи фаъолияти худ ба ҳисоб мерафт;

- таҳлили маводҳои нашрии рӯзнома ва маҷаллаҳои навтаъсис дар ҷумҳурӣ нишон медиҳад, ки фаъолияти онҳо сабаби асосии ташкили митингҳои оммавӣ дар майдони «Шаҳидон» ва «Озодӣ» гардидааст. Бо нашри маводҳои иғваоангез ин рӯзномаҳо тавонистанд, ки ба раванди сиёсии Тоҷикистон таъсири амиқ расонида, ҷумҳуриро ба вартаи ҷанги шаҳрвадӣ кашиданд.

## 2.2. ВАО ҳамчун воситаи инъикоси масъалаҳои иҷтимоӣ – сиёсӣ дар ҷомеаи тоҷикистонӣ

Бархурдҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ яке аз шаклҳои фаъолияти гурӯҳҳои иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта дар ҳама давру замон диққати махсуси олимон ва коршиносонро ба худ ҷалб менамуд. Муборизаи сиёсӣ одатан бо мафҳуми мубориза барои ҳокимият алоқаман буда қонунмандиҳои хоси худро дорад. Барои фаҳмиши дурусти муборизаи сиёсӣ, зарур аст, ки ҷанбаҳои мухталифи таснифоти муборизаи сиёсӣ муайян карда шавад.

Дар фалсафаи иҷтимоӣ ва фалсафаи сиёсат мафҳуми мубориза, бархурд ва таззод ба таври гуногун тасниф карда мешавад. Бархӯрдҳои оммавӣ ё мубориза як падидаи мураккаби иҷтимоию сиёсӣ мебошад, ки бо мақсади ба даст овардани қудрат аз ҷониби гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ ва сиёсӣ (синфҳо) ва ҳимояи манфиатҳои муайяни иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, низомӣ ва ғайра ба амал меояд.

Дар замони имрӯза ду намуди амалҳои мақсаднокро ҷудо кардан мумкин аст: ба даст овардани қудрат ва ташкили системаи нави иҷтимоию иқтисодӣ; аз қудрат дур кардани гурӯҳи муайяни сиёсӣ бидуни тағйир додани сохтори иҷтимоию иқтисодии давлат [33, с.37]. Ин шаклҳо бо истифода аз роҳу воситаҳои гуногун амалӣ намуда мешаванд [54, с.139].

Шаклҳои мубориза ин воситаҳои муташаккили амалӣ намудани мақсади муборизаи сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Дар шароити муосир асосан ду шакли мубориза – осоишта ва ғайриосоишта ҷудо карда мешавад [21, с.164].

Дар асоси муборизаи иҷтимоию сиёсӣ шароит, заминаҳо ва ҷанбаҳои муайяне мавҷуданд, ки бо вазъи мушаххаси иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ алоқаманданд. Аз ҷумла: бад шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ, аз даст додани мақоми иҷтимоӣ, хатари бекорӣ, ислоҳоти бесамар, паст шудани сатҳи ҳифзи шаҳрвандон, низоъҳо байни сатҳҳо ва шохаҳои гуногуни ҳокимият ва ғайра.

Хусусияти равандҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ дар робитаи зичи онҳо бо мубориза барои ба даст овардани бартарии иқтисодӣ, молиявӣ, ҳуқуқӣ ва захиравӣ мебошад. Ин мубориза дар пешниҳоди талаботи гуногуни иқтисодӣ, беҳтар кардани шароити зиндагии аҳолӣ, паст кардани сатҳи бекорӣ, баланд бардоштани музди меҳнат ва тақсимоти моликият ифода меёбад. Дар ин ҳолат, ҳокимияти иҷроия ва мақомоти қонунгузор ва идоракунӣ аксар вақт усулҳои алтернативиро истифода мебаранд.

Низоъҳо метавонанд қонунӣ бошанд, яъне дар доираи соҳаи ҳуқуқӣ ба амал оянд ва ғайриқонунӣ, хилофи меъёрҳои ахлоқии дар низоми мушаххаси сиёсӣ қабулшуда ва аз ҷониби аксарияти одамон тасдиқшуда бошанд. Равандҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ дар ду шакли асосӣ ба амал меоянд: амалӣ ва сиёсӣ-

идеологӣ. Ин шаклҳо аз тарзи ҳамкории иштирокчиёни раванди сиёсӣ, вазъи сиёсии дохилӣ ва хориҷӣ ва хусусияти сохти сиёсии мавҷуда вобастаанд.

Усулҳои мубориза бо ҳадафҳо ва вазифаҳои он муайян карда мешаванд. Муқовимат метавонад ҳам шаклҳои осоишта дошта бошад, ба монанди иштирок дар интихобот, намоишҳо, гирдиҳамоиҳо, кори мақомоти маҳаллӣ, бархӯрдҳо байни ҳизбҳо, ҷамоатҳо, ҳаракатҳо ва сарварони сиёсӣ ва ҳам метавонад шакли зӯроваронаро гирад, ба монанди табаддулоти давлатӣ ё ҷанги шаҳрвандӣ.

Субъектҳо ва шаклҳои мубориза дар ҳар як ҷомеа бо меъёрҳои ҳуқуқӣ, ба назардошти манънамоиҳои конститутсионӣ танзим карда мешавад. Вайрон намудани ин меъёрҳои қонун ба ҷавобгарӣ оварда мерасонад. Осоишта ва дар шакли тамаддунӣ зоҳир гардидани мубориза аз шуур ва маданияти сиёсии ҷомеа, омодагии субъектҳои муносибатҳои иҷтимоию сиёсӣ дар мувофиқ намудани манфиатҳои оммаӣ ва гурӯҳӣ, амал намудан дар доираи талаботи қонун вобаста аст. Натиҷаи мубориза якранг нест: он метавонад тарафҳои мухолифро ба ризоият, созиш, ҳамкорӣ ё баръакс ба ташдиди мухолифат оварда расонад.

Моҷароҳҳои тӯлонӣ эҳтимолияти танзими муносибатҳои байни субъектҳои онро коҳиш дода ба натиҷаҳои ҷиддии манфӣ оварда мерасонад [166, с.156]. Чунин ҳолат низоми ҳукмронро заиф гардонида, муттаҳидшавии дохилии низоми сиёсиро халалдор менамояд.

Соҳаи мубориза инчунин муносибати байни миллатҳо ва давлатҳоро дар самти зиидияту мубориза барои захираҳо, соҳаи таъсиррасонӣ, амнияти кишварҳо ва миллатҳо фарогир аст. Дар ин самт субъектҳои мухталифи муборизаи сиёсӣ бархурд менамоянд.

Дар ҷомеаи муосир шакли муборизаи парлумонӣ яке аз воситаҳои асосии муборизаи сиёсӣ барои ҳокимият мебошад. Он ҳалли осоиштаи зиддиятҳои шадиди иҷтимоиро тавассути ифодаи иродаи мардум пешниҳод мекунад. Ин як стратегияи бодиққат таҳияшудаи қудрати бартаридоштаи сиёсӣ барои нигоҳ доштани эътимоди интихобкунандагон аст. Иловаи муҳим

ба муборизаи парлумонӣ ташаббусҳои ҷамъиятӣ мебошанд, ки мақомот бо мақсади коҳиш додани танишҳои иҷтимоӣ ва пешгирии ҳолатҳои инқилобӣ анҷом медиҳанд.Дар ин самт технологияҳои иттилоотӣ низ мавриди истифода қарор дода мешаванд.

Инқилоби иҷтимоӣ ҳамчун марҳилаи ногузир дар рушди диалектикии ҷомеа дар маркази муборизаи сиёсӣ боқӣ мемонад, то он даме ки моликияти хусусӣ ба воситаҳои истеҳсолот нобуд карда шавад ва гузариш ба демократияи халқӣ амалӣ карда шавад. Аммо, дар шароити ҷаҳонишавӣ, самти инқилобӣ метавонад роҳи имконпазири расидан ба ҳадафҳо набошад. Мутаассифона, ин самти мубориза метавонад то он даме, ки муборизаи сиёсӣ хусусияти зӯроварӣ дорад, идома ёбад. Дар ҷаҳони муосир шаклҳои зиёди мубориза мавҷуданд, ки аз маҷмӯи воситаҳо ва услубҳои рақобати сиёсӣ вобастаанд. Ҳадафи онҳо ишғол кардани мавқеи бартаридошта дар ҳукумат ё ҳадди аққал монеъ шудан ба он аст. Яке аз аломатҳои хоси мубориза сафарбар кардани тарафдорон тавассути ғояҳо, шиорҳо ва даъватҳои ҷолиб мебошад. Ин ғояҳо одатан аз мухолифат ба ғояҳое, ки ташкилотҳои сиёсӣ ё роҳбарони онҳо тавассути васоити ахбори омма пешниҳод мекунанд, оғоз меебанд.

Дар шароити имрӯза расонаҳои хабарӣ яке аз воситаҳои асосии мубориза буда, дар ин самт нақши муайянро иҷро менамоянд. Дар мубориза нерӯҳои гуногуни сиёсӣ аз фаъолияти воситаҳои ахбори омма васеъ истифода менамоянд. Дар баррасии таъсири расонаҳои хабарӣ ба рафтори электоралӣ, нақш ва мақоми ниҳодҳои ВАО дар илмҳои ҷомеашиносӣ усули таҳлили мундариҷавӣ истифода карда мешавад [94, с.97].

Дар охири солҳои 80-уми асри XX дар ИҶШС давраи дигаргуниҳои васеъмиқёс дар ҳаёти ҷамъиятӣ оғоз ёфт, ки онро давраи бозсозӣ номиданд. Дар он вақт кишвар бо мушкилоти ҷиддӣ дар иқтисодиёт ва соҳаи иҷтимоӣ рӯ ба рӯ шуд ва самаранокии истеҳсолоти ҷамъиятӣ коҳиш ёфт. Ин навсозии тамоми ҷанбаҳои ҳаёти ҷомеаро талаб мекард. Бисёре аз муҳаққиқон бар ин назаранд, ки маҳз вазъияти мураккаб дар ИҶШС сабаби таҷдид ва тағйирот дар сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат гардид. Баъдтар роҳбарияти кишвар

эътироф кард, ки ҳадафи таҷдиди сохтор беҳтар кардани ҷомеаи мавҷуда ва ислоҳоти сотсиализм буд [57, с.7].

Тамоми рӯзномаву маҷаллаҳо раванди бозсозиро таҷассум намуда, барқарор намудани арзишҳои миллиро пешниҳод менамуданд. Рӯзномаву маҷаллаҳо ба мубориза шадиди миллӣ ворид гаштанд. Таҳлили маводҳои ин давра нишон медиҳанд, ки дар давлати шӯравӣ масъалааҳои гуногуни милливу этникӣ мавҷуд буданд, ки бо оғози бозсозӣ аз нав қувват гирифтанд.

Дар ҳоле, ки система тадриҷан нуфузи худро гум мекард ва суст мешуд, халқҳои давлати шуравӣ торафт бештар ба озодӣ ва истиқлолият талош мекарданд. Аммо, нохостагии марказ барои додани қудрат ва мавқеъ дар ҷомеа, инчунин даъвои сиёсатмадорони миллӣ ба ҳокимияти бемаҳдуд раванди ташаккули истиқлолияти миллиро мушкилтар кард.

Дар ин давра изҳорот дар бораи зарурати кушодашавӣ ва мубориза бо бюрократия, аз нав тасаввур кардани муносибатҳои байналмилалӣ, таблиғи ғояҳои ислоҳот пайдо шуданд. Танишҳо меафзуданд ва дар натиҷа, дар соҳаи ҳокимияти давлатӣ дигаргуниҳои ҷиддӣ ба амал омаданд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳамаи ин масъалаҳо дар саҳифаҳои рӯзномаҳо ва маҷаллаҳои кишвар инъикос ёфтаанд. Гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва қувваҳои сиёсӣ, ки чунин маводҳоро нашр мекарданд, мавқеи худро нисбат ба тағйирот муайян мекарданд ва одамонро ба амал даъват мекарданд.

Таҳлили ҳаёти ҷамъиятию сиёсии Тоҷикистон дар ташаккули раванди демократии сиёсӣ нишон медиҳад, ки сиёсати навсозӣ дар назди ҷомеа вазифаҳои мураккаб ва пурмӯҳтаво мегузорад, ки татбиқи онҳо ба ислоҳоти куллии системаи сиёсии кишвар вобаста аст [160, с.16].

Солҳои 90-ум дар Тоҷикистон бо оғоз гардидани раванди демораратикунонӣ, нерӯҳои мухталиф ба саҳнаи сиёсӣ ворид гардиданд, ки баҳри ба даст овардани ҳокимият, азнавтақсимкунии воситаҳои ҳокимият мубориза мебурданд. Ин нерӯҳои сиёсӣ, баҳри самаранок гардидани муборизаи худ нашрияҳои алоҳидаи худро таъсис дода буданд.

Маҳз дар ҳамин давра, дар Тоҷикистон рӯзномаҳои «Растохез», «Адолат», «Минбари ислом», «Ҷоми ҷам», «Чароғи рӯз», «Минбари озоди ҷавонон» пайдо шуданд, ки дар саҳифаҳои худ масъалаҳои мухталифи давлату давлатдорӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ, барқарор намудани арзишҳои миллӣ, худшиносии миллӣ, адолати иҷтимоӣ, далелҳои объективӣ оид ба иқтисодиёт, ҷомеа, ҳаёти сиёсӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ таҷассум менамуданд.

Мақсади асосии нашри чунин маводҳо, агар аз як тараф таҷассуми воқеият бошад, аз тарафи дигар аз байн бурдани нуфузи ҳукумати амалкунанда дар байни мардум буд. Аз ин хотир, ҳатто дар саҳифаи чунин рӯзномаҳо танқиди фаъолияти мақомоти давлатӣ, мансабдорони алоҳида, ноӯҳдабароии ҳукумат ҷой дода мешуд.

Нерӯҳои ташаккулёфта муттаҳид гардида, рӯз ба рӯз муборизаи худро пуршиддат менамуданд, рӯзномаву маҷаллаҳои худро васеъ истифода мекарданд. Ин буд, ки тариқи нашрияҳои худ тавонистанд, ки ба шуур ва рафтори оммаи мардум таъсир расонида, ҷонибдорони худро дар ҷомеа бештар намоянд. Дар ин давра, ки матбуот махсусан фаъол буд, равандҳои иҷтимоию сиёсӣ дар ҷомеаи тоҷикистонӣ ҳамчун воситаи муборизаи сиёсӣ ба назар мерасиданд.

Дар ҷавоб ба нашрияҳои хусусии мухолифин, матбуоти даврии давлатӣ низ фаъол гардида буданд, мавқеи ҳимояи сохти конститутсиониро ишғол намуда, тарафдори ба эътидол омадани вазъияти иҷтимоиву сиёсӣ дар ҷумҳурӣ баромад менамуданд. Чунин рӯзномаҳо, ба монанди «Ҷумҳурият», «Садои мардум», «Вечерний Душанбе», «Паёми Душанбе» ва «Голос Таджикистана», рӯзномаҳои маҳаллӣ «Ҳақиқати Ленинобод», «Ҳақиқати Хатлон», «Навиди Вахш» дар ин давра фаъол буданд, ки мавқеи ҳукуматро ҳаматарафа ҳифз намуда, бар зидди ҳама гуна шаклҳои зиддияту мухолифатҳо баромад намуда, ҷомеаро ба оромӣ даъват менамуданд.

Маҳз таҷассуми ҳодисаву падидаҳо дар саҳифаҳои ВАО, нашр намудани маводҳои мухталифи танқидӣ, чӣ аз тарафи матбуоти даврии давлатӣ ва чӣ матбуоти даврии хусусӣ ба ҳодисаҳои февралии соли 1990

оварда расонид. Яъне, истифодаи ниҳодҳои ВАО боиси тезутунд гардидани муборизаи байни ҳукумат ва нерӯҳои мухолифин гардид.

Моҳи феврали соли 1990 дар кишвар роҳпаймоиҳои эътирозии оммавӣ алайҳи ҳукумат баргузор шуданд. Тибқи арзёбиҳои гуногун, дар онҳо аз 10 то 30 ҳазор нафар иштирок карданд. Маҳз дар ин воқеаҳо ва ҳодисаҳо шиорҳои инъикоси ҳувияти миллӣ бори аввал садо доданд [52, с.117]. Ҳодисаҳои феврали соли 1990 дар Душанбе як амали сиёсӣ буд, ки ба оқибатҳои фоҷиабор оварда расонид.

Аксар муаллифони ватанӣ чунин мешуморанд, ки даъво ба гурезагон-арманиҳо танҳо як баҳонаи дурӯғин барои вайрон намудани оромӣ буд. Ҳадафҳои ин чорабинӣ аз он иборат буд, ки чӣ гуна қудратро фалаҷ кунанд, ҷомеаро ба вартаи бесарусомонӣ андозанд. Ҳадафҳои стратегӣ тағир додани низоми давлатӣ ва эълони давлати исломии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт [57, с.44]. Ҳодисаҳои моҳи феврали соли 1990 мушкилотро ҳал накарданд, балки оғози муқовимати мусаллаҳонаи оянда дар давлат буданд. Дар ин ҳодисаҳо унсурҳои ҷиноятӣ низ ҷалб карда шуданд.

Албатта, нашрияҳои мухолифин дар ин ҳодиса мавқеи муҳим доштанд. Таҳлили рӯзномаҳои ин давра нишон медиҳанд, ки ҳар тараф мувофиқи манфиат ва ҳадафҳои худ воқеаҳои февралиро дар саҳифаҳои рӯзномаҳои худ нашр намуда, тарафи муқобилро гунаҳкор меҳисобид. Чунин нашрияҳо ба тезутунд шудани муборизаи сиёсии тарафҳо ва вазъияти сиёсӣ оварда расониданд.

Дар солҳои навадум дар давлат ихтилофоти гуногуни иҷтимоӣ ба мушоҳида мерасид. Бояд гуфт, ки қабули Қонунҳо «Дар бораи забон» аз соли 1989, «Дар бораи соҳибихтиёрии давлатии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон» аз соли 1990, «Дар бораи озодии виҷдон ва ташкилотҳои динӣ» аз соли 1990, «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар ҶШС Тоҷикистон» аз соли 1990 ва ғайра боиси авҷ гирифтани равандҳои сиёсисозии ҳаёти ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон гардиданд. Дар Тоҷикистони тозаистиқлол нашри фаъоли адабиёти динӣ мушоҳида мегардид. Ин ба афзоиши таъсири ислом ба

ҷомеа ва фаъол шудани фаъолияти созмонҳои динӣ вобаста буд. Инчунин раванди қонунигардонии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ки қаблан пинҳонӣ амал мекарданд, ба амал меояд. Ин созмонҳо боз ҳам кушодатар мешаванд ва дар лоиҳаҳои гуногуни тағйир додани ҳаёти ҷамъиятӣ иштирок мекунанд.

Дар натиҷаи ташаккули институтҳо ва ташаббусҳои нави ҷамъиятӣ, инчунин пайдоиши баъзе тамоюлҳои либералӣ дар Тоҷикистон, Ҳизби коммунистӣ нуфузу эътибори худро дар ҷомеа аз даст дод. Қувваҳои нави сиёсӣ ба ҷустуҷӯи сабабҳои бадном кардани ҳама чизи пешина шуруъ карданд. Ба андешаи мо, яке аз сабабҳои нокомии ҳизби ҳоким аз он иборат буд, ки он аз ҳамкорӣ бо нерӯҳои пешқадами ислоҳотхоҳ даст кашид. Дар натиҷа, бисёр одамони ислоҳталаби имкони наздик шудан ба ҳаракати исломиро ҷустанд.

Дар натиҷаи чунин дигаргуниҳои босуръат дар Тоҷикистон, бинобар нотавонии ҳукумати онвақта дар мубориза бо мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ, гурӯҳҳои гуногуни сиёсӣ тавассути нашрияҳои худ барои қудрат фаъолона мубориза бурданд. Вазъият дар кишвар рӯз аз рӯз бадтар мешуд. Ҳукумат намехост бо нерӯҳои сиёсии қонунӣ дар ҳалли мушкилоти сершумор ҳамкорӣ кунад.

Яке аз равандҳои муҳими иҷтимоию сиёсӣ, ки дар ин давра амалӣ гардид ва дар саҳифаҳои ВАО васеъ таҷассум гардид, интихоботи президентии соли 1991 мебошад. Тибқи гузориши расмӣ, аз 86% интихобкунандагоне, ки дар интихобот ширкат кардаанд, 57% ба тарафдории Р.Набиев, 30% ба Д. Худоназаров ва боқимонда ба тарафдории шаш номзади дигар овоз додаанд. Аммо, мухолифин ба Комиссияи марказии интихобот ҳуҷҷатҳоро дар бораи далелҳои сершумори тақаллуб дар интихобот пешниҳод карданд, бекор кардани натиҷаҳои он ва овоздиҳии такрориро талаб карданд. Қайд карда мешуд, ки Р.Набиев 15% овозҳоро ғайриқонунӣ гирифтааст [52, с.88].

Таҳлили рӯзномаҳои кишвар низ нишон медиҳанд, ки дар саҳифаҳои онҳо оид ба тақаллуб аз ҷониби ҳукумат маводҳо чоп гардида, эътироф

накардани натиҷаи интихобот эълон карда шудааст. Рӯзномаҳои давлатӣ бошанд, оид ба ғолибият маводҳо чоп намуда, ояндаи шукуфони Тоҷикистонро баррасӣ менамуданд.

Интихобот нишон дод, ки ҳизбҳои демократӣ ва исломӣ дар байни аҳолӣ дастгирӣ надоранд, зеро номзад аз мухолифини муттаҳид ҳамагӣ 30% овозҳоро ба даст овардааст. Интихобот то андозае мардумро аз ҳам ҷудо кард. Нерӯҳои мухолифин натиҷаҳои интихоботро эътироф накарданд ва бо ҳар роҳ кӯшиш мекарданд, ки қудратро ба даст оранд ва ё ҳадди аққал сохторҳои алоҳидаи қудратро таҳти назорат гиранд. Пас аз интихобот, дар ҷомеа тавозуни нерӯҳои сиёсӣ муқаррар карда шуд, аммо сиёсати сохти коммунистӣ барои қонунан хотима додан ба амали ғайриконститутсионии нерӯҳои мухолифин ин оромиро барбод дод. Мухолифин, ки расман саъй дошт бо мақомот дар доираи интиқоди созандаи сиёсӣ ҳамкорӣ кунад, тадриҷан ба чораҳои шадид гузашт [57, с.60].

Ҳамин тариқ, таҳлили маводҳои нашрии рӯзнома ва маҷаллаҳои навтаъсис дар ҷумҳурӣ нишон медиҳад, ки фаъолияти онҳо сабаби асосии ташкили гирдҳамоиҳои оммавӣ дар майдонҳои «Шаҳидон» ва «Озодӣ» гардидааст. Бо нашри маводҳои иғваоангез ин рӯзномаҳо тавонистанд, ки ба равандҳои сиёсии Тоҷикистон таъсири амиқ расонида, ҷумҳуриро ба вартаи ҷанги шаҳрвадӣ кашанд.

Бояд қайд кард, ки хусусияти хоси ҳар гуна моҷаро мавҷудияти воситаи фишори дохилӣ мебошад. Дар Тоҷикистон чунин воситаро метавон вазъи ноороми кишвар номид, ки ҷонибҳоро ба ҳалли осоиштаи низоъ водор сохт. Низоъ дар Тоҷикистон на танҳо ҳамчун зуҳуроти зӯроварӣ, балки ҳамчун хоҳиши сулҳ ба ҳисоб меравад. Мардуми тоҷик, ки дар моҷаро қарор дошт, аз хунрезӣ хаста шуда, танҳо оромиро орзӯ мекард. Омили дигари фишоровар, ба ақидаи мо, элита ба ҳисоб меравад, зеро вакте кишвар дар бӯҳрони амиқ рӯ ба рӯ гардид, ҷустуҷӯи роҳҳои баромад аз чунин вазъият вазифаи аввалиндараҷаи элита ба ҳисоб меравад, дар акси ҳол чунин мухолифат ба маҳрум гардидан аз ҳокимият оварда мерасонад [198, с.31-35].

Аз тарафи дигар, соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти ҷумҳурӣ ба пуррагӣ фалаҷ гардида буданд, дар сатҳи ҷаҳони обрӯву эътибори ҷумҳурӣ халадор гардида буд. Мақомоти давлатӣ ба пуррагӣ фалаҷ гардида буданд, аз ин хотир, роҳи ягона дар чунин вазъият танҳо даъвати Шӯрои Олии Тоҷикистон буд. Дар ин давра, як қатор нашрияҳои ВАО, ки фаъолияти худро қатъ накарда буданд, вазъияти ба миёномадаро баррасӣ ва таҷассум менамуданд.

Танҳо пас аз Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олӣ дар шаҳри Хуҷанд, ҳукумати конститутсионӣ барқарор гардида бартараф намудани оқибатҳои ҷанг ба роҳ монда шуд. Таҳлили рӯзномаҳо нишон медиҳад, ки дар давраи барқарор намудани оқибатҳои ҷанг, онҳо корҳои иҷрошударо ба таври мушаххас таҷассум менамоянд.

Рӯзномаҳои ғайридавлатӣ, пас аз оғози давраи муқовимати мусаллаҳона фаъолияти худро ё қатъ намуданд ё фаъолияти худро дар хориҷ ба роҳ монда, ҳодисаҳои кишварро таҷассум менамуданд. Қайд намудан зарур аст, ки ҳизбу ҳаракатҳо, ки дар хориҷ фаъолият менамуданд, тариқи нашрияҳои худ муборизаи худро идома медоданд.

Таҳқиқи ҳодисаҳо ва равандҳое, ки солҳои 1990-ум дар Тоҷикистон рух дода буданд, имкон дод муайян гардад, ки таъсири воситаҳои ахбори омма ба ташаккули афкори ҷамъиятӣ то чӣ андоза муҳим аст. Ба ақидаи мо, маҳз маводҳои мухталифи нашрияҳои ВАО, боиси пайдо гардидани зиддияту мухолифатҳо дар ҷомеа гардид, ки оқибат ба ҷанги шаҳрвандӣ оварда расонид.

Давраи дигари фаъол гардидани ВАО дар доираи муборизаи сиёсӣ интихоботи соли 1994 ба ҳисоб меравад. Дар интихобот танҳо ду нафар номзад иштирок намуданд. Иштироки нерӯҳои мухолифин ба интихобот иҷозат дода нашуд. Аз ин хотир, мухолифини муттаҳида дар раванди интихобот иштирок накард.

Дар натиҷаи таҳлили ҳамаи марҳилаҳои интихобот дар кишвар маълум шуд, ки воситаҳои ахбори омма ба фаъол гардидани рақобати сиёсӣ байни номзадҳо тавассути пешниҳоди маводҳои гуногун фаъолона мусоидат

мекунанд. Аксарияти рӯзномаҳои амалкунанда дар маъракаҳои интихоботии ҷумҳурӣ фаъолона ширкат варзидаанд. Дар ҷараёни маъракаҳои интихоботӣ, ки дар воситаҳои ахбори омма гузаронида мешаванд, равишҳои гуногун барои рӯшан кардани рӯйдодҳо мушоҳида карда мешаванд. Ин дар миқдори маводҳо, мундариҷаи онҳо, гуногунии мавзуъҳо ва давомнокии маъракаҳо зоҳир мешавад. Васоити ахбори омма дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ нақши муҳим доранд. Онҳо ғояҳо, мулоҳизаҳо ва андешаҳои муайянеро паҳн мекунанд ва ба шуури одамон ворид мекунанд, ки ба интихоби сиёсии шаҳрвандон таъсир мерасонанд. Аммо, мӯҳлати кӯтоҳи маъракаҳои интихоботӣ ва шумораи ками нашрияҳо имкон намедиҳанд, ки шахсияти номзадро пурра арзёбӣ кунанд.

Расонаҳои хабарӣ инчунин ба ташаккули майдони ягонаи иттилоотӣ дар маъракаи интихоботӣ мусоидат намекунад, зеро онҳо хонандагони худро барои дастгирии номзадҳои гуногун ҳавасманд намекарданд. Омӯзиши маводҳои таблиғоти пешазинтихоботӣ ва натиҷаҳои интихобот ва раъйпурсӣ имкон медиҳад, ки ВАО ҳар се модели таъсирро ба шуури сиёсии шаҳрвандон истифода барад: ҳадди аксар, ҳадди ақал ва мутобиққунанда.

Ҳангоми таҳлили таъсири расонаҳои хабарӣ ба равандҳои интихобот, ВАО-и электронӣ низ бояд ба назар гирифта шаванд. Лекин, таъсири расонаҳои хабарӣ ба шуури одамон дар самти интихоби ин ё он номзад бештар ва амиқтар аст. Зеро, маҳз дар расонаҳои хабарӣ оид ба номзад ва барномаи пешазинтихоботии ӯ ба таври муфассал маълумоти зарурӣ пешниҳоди хонандагон карда мешавад [44, с.175-197].

Дар давраи маъракаҳои интихоботӣ воситаҳои ахбори омма ба ҷомеа таъсири назаррас мерасонанд, зеро онҳо дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ нақши калидӣ доранд. Нашрияҳои оммавӣ, ки ба миқдори зиёд ва мунтазам нашр мешаванд, ба одамон маълумоти зарурӣ медиҳанд. Онҳо метавонанд ҳаррӯза ё ҳафтаина бошанд. Вақтҳои охир мо бештар ба рӯйдодҳо ва падидаҳое, ки дар ҷаҳон рух медиҳанд, диққат медиҳем. Мо махсусан ба рӯйдодҳо ва падидаҳое, ки хусусияти дарозтар доранд, таваҷҷӯҳ дорем. Чунин

воқеаву ҳодисаҳоро одатан ҳафтаномаҳо ба нашр мерасонанд. Ба ақидаи баъзеҳо, нашрияҳои расмӣ нашрияҳои бонуфуз ҳисобида мешаванд, яъне нашрияҳое, ки таъсири калон доранд [95, с.54].

Ба нашрияҳои баландсифат онҳое дохил мешаванд, ки маълумотро ба таври тиҷоратӣ пешниҳод мекунанд, ба элитаи маҳаллӣ, иқтисодӣ, бюрократикӣ ва зеҳнӣ нигаронида шудаанд ва одатан бо тиражи маҳдуд бароварда мешаванд. Чунин рӯзномаҳо дар асоси таблиғ ва дигар лоиҳаҳои ба ин монанд маблағи муайян ба даст меоранд, метавонанд афкори оммаро таҷассум ё ташаккул диҳанд.

Навъи дигари рӯзномаҳо – рӯзномаи таблиғотӣ ба ҳисоб меравад, ки дорои самараи хуби корӣ мебошанд. Таъсири онҳо ба ҳаёти сиёсӣ дар сатҳи паст қарор дорад, зеро дар саҳифаҳои чунин рӯзномаҳо хабарнигорӣ ба назар намерасад.

Сарчашмаи муҳими омӯзиши муборизаи ҷамъиятӣ, муносибатҳои иҷтимоӣ, ғоявӣ-сиёсӣ дар давраҳои муайяни таърихӣ ВАО ба ҳисоб меравад. Дар ВАО ҳодисаву падидаҳои ҷамъиятиву сиёсӣ ба таври солномавӣ таҷассум гардида, мақолаву гузоришҳои проблемавӣ нашр мегарданд. Неруҳои мухталифи иҷтимоӣ-сиёсӣ чорабиниҳои ташвиқотиву тарғиботии худро тариқи ВАО ба роҳ монда, афкори оммаро мувофиқи мақсад ва манфиатҳои худ ислоҳ менамуданд.

ВАО дар саҳнаи муборизаи ҷамъиятиву сиёсӣ нақши бузург дорад. Дар давраҳои гуногуни таърихӣ дар саҳифаҳои нашрияҳои даврӣ ихтилофоти шадид дар мавқеи идеологӣ ва ҷаҳонбинӣ ба назар мерасад. Бо рушди воситаҳои ахбори омма идоракунии афкори ҷамъиятӣ ба онҳо гузашт [147, с.34].

Дар шароити Тоҷикистон объекти омӯзиши маводҳои нашргардида ҷараёни маъракаҳои интихоботӣ ва раъйпурсиҳо дар кишвар гардиданд. Пас аз бадастории соҳибистиқлолӣ, дар кишвар интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (1994, 1999, 2006, 2013, 2020), интихобот ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1995, 2000, 2005, 2010, 2015, 2020), райпурсии

умумихалқӣ оид ба қабули Конститсия (1994) ва ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (1999, 2003, 2016) баргузор гардиданд.

Ҳамин тариқ, нақши матбуоти давриро ҳамчун воситаи муборизаи нерӯҳои гуногуни сиёсӣ баррасӣ намуда ба чунин хулосаҳо расидем:

- дар илми муосир мубориза аз мавқеи мактаб гуногун ба таври мухталиф тасниф карда мешавад. Муносибати якуми илмӣ муборизаи сиёсиро дар заминаи усули қонуният (легитимӣ будан), яъне, мутобиқати он ба меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки дар давлати алоҳида амал менамоянд, тасниф менамояд. Моҳияти муборизаи сиёсӣ дар он аст, ки қудрати нав, қонунҳо ва қоидаҳо мувофиқи меъёрҳои мавҷуда ташаккул меёбанд. Ҷанбаи дуюми муборизаи сиёсӣ бо фарқиятҳо дар ҳадафҳо ва усулҳои ба даст овардани натиҷаҳои иштирокчиёни он алоқаманд аст. Ин фарқиятҳо бо ҳадафҳои муборизаи сиёсӣ ва онҳое, ки дар он иштирок мекунанд, муайян карда мешаванд;

- роҳҳои мубориза бо ҳадафҳо ва вазифаҳои он муайян карда мешаванд. Муборизаи сиёсӣ метавонад ҳам осоишта бошад, масалан, иштирок дар интихобот, роҳпаймоиҳо, фаъолияти мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва ҳам метавонад зӯроварона бошад, масалан, табаддулоти давлатӣ, ҷанги шаҳрвандӣ ва ғайра. Дар ҳар як ҷомеа меъёрҳои ҳуқуқӣ мавҷуданд, ки субъектҳо ва шаклҳои муборизаи сиёсиро танзим мекунанд. Вайрон кардани меъёрҳои мазкур эҳтимолан боиси масъулият ва ҷавобгарӣ мегардад;

- яке аз хусусиятҳои хоси мубориза сафарбарнамоии тарафдорон тариқи ғояҳо, шиорҳо ва даъватҳои диққатҷалбкунанда мебошад. Онҳо дар аксарияти ҳолатҳо аз мухолифати ғояҳо, аз пешниҳоди муқаррароти арзишии алтернативӣ аз тарафи созмону ташкилотҳои сиёсӣ, аз тарафи сарварони чунин созмонҳо дар воситаҳои ахбори омма оғоз мегардад;

- воситаҳои ахбори омма, аз он ҷумла, ВАО ҳамчун воситаи муборизаи иҷтимоию сиёсӣ баромад менамояд. Дар ҷараёни муқовиматҳои сиёсӣ гурӯҳҳои гуногун захираҳои васоити ахбори оммаро фаъолона истифода мебаранд;

- дар давраи интихоботӣ аксарияти воситаҳои ахбори омма фаъолияти номзадҳоро мунтазам рӯшан мекунанд. Ин ба расонаҳои хабарӣ имкон медиҳад, ки ба афкори ҷамъиятӣ таъсир расонанд ва афзалиятҳои сиёсии одамонро ташаккул диҳанд. Аммо, бо сабаби кӯтоҳ будани маъракаҳои интихоботӣ ва шумораи ками нашрияҳо, расонаҳои хабарӣ натавонистанд ба тасаввуроти шахсияти номзадҳо таъсири назаррас расонанд;

- воситаҳои ахбори омма ба ташаккули майдони ягонаи иттилоотӣ дар ҷараёни маъракаи пешазинтихоботӣ мусоидат намекунанд. Баръакс, рӯзномаҳо хонандагони худро ба дастгирии номзадҳои гуногун ташвиқ менамоянд;

- таъсири расонаҳои хабарӣ дар давраи гузаронидани маъракаҳои интихоботӣ самаранок мегардад. Дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ нашрияҳои оммавӣ нақши муҳим мебозанд. Онҳо миқдори зиёд доранд ва дорои маълумоти муҳим мебошанд. Чунин нашрияҳо метавонанд ҳаррӯза ё ҳафтаина бошанд. Қайд намудан зарур аст, ки нашрияҳои ҳаррӯза бештар ба ҳодисаву воқеаҳо диққат медиҳанд, нашрияҳои ҳафтина бошанд, ҳодисаву падидаҳои нисбатан тӯлониро ба инобат мегиранд;

- рӯзномаҳо ва маҷаллаҳо дар давлат дар ташаккули ақидаҳои ҷомеа нақши муҳим доранд, онҳо афкори ҷамъиятиро эҷод ва инъикос мекунанд. Васоити ахбори омма метавонанд одамонро ба амалҳои муайяни сиёсӣ водор созанд ва ба ин васила ба равандҳои сиёсии кишвар таъсир расонанд.

## 1.3. Нақши ВАО дар таъмини субот ва ҳимояи манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар шароити муосир, ки давраи иттилоотӣ номида мешавад, таъмини амнияти иттилоотӣ ва манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба яке аз масъалаҳои муҳим мубаддал гардидааст. Новобаста аз он, ки нисбат ба амнияти иттилоотии ҷумҳурӣ хатару таҳдидҳои зиёде ҷой доранд, вазъияти чамъиятиву сиёсӣ ва иҷтимоиву иқтисодии Тоҷикистон устувор ва назоратшаванда астДар воқеъият як қатор зуҳуроти манфӣ  дар ҳаёти

ҷамъиятӣ ҷой доштанд, ки давлат ва ҳукумати кишвар ва шаҳрвандонро нороҳат менамуд, ба таъмини амнияти миллӣ таъсири манфӣ мерасонид.

Як қатор нашрияҳои ғайридавлатӣ ва агентиҳои иттилоотӣ, ба монанди «Азия Плюс», «Фараж», «Самак», «Нигоҳ», «Миллат», «Озодагон», «Наҷот» «Имруз Нюс» дар фаъолияти худ кӯшиш менамоянд, ки бо роҳи ҷойгир намудани мақолаҳо ва маводҳои ҳассос рейтинги худро баланд бардоранд ва мавқеи худро дар ҷумҳурӣ мустаҳкам намоянд.

Дар байни нашрияҳои давлатӣ рӯзномаи "Ҷумҳурият" дар пешбурди ғояҳои давлатӣ мавқеи пешсафро ишғол мекунад. Дар саҳифаҳои ин нашрия мунтазам маводи таҳлилӣ пайдо мешаванд, ки ба пешгирии паҳншавии иттилооте, ки метавонад тарс ва зӯроварӣ ва маводи марбут ба маводи мухаддир, терроризм ва экстремизмро ба вуҷуд орад, равона карда шудаанд. Вақте ки сухан дар бораи мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, терроризм ва экстремизм меравад, дигар васоити ахбори оммаи давлатӣ ва ғайридавлатӣ дар ин соҳа фаъолияти кофӣ нишон намедиҳанд. Як гурӯҳи муайяни ВАО далелҳо ва рақамҳои иттилоотро дар рӯзномаву дигар воситаҳои ахбори омма таҳриф менамоянд.

Нисбати дастгир ва ба ҷиноят кашида шудани шаҳрвандон дар асоси гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир иттилоот аз расонаҳои иттилоотии давлатҳои дигар паҳн карда мешаванд, ки боиси нобоварии оммаи мардум аз воситаҳои ахбори ватанӣ мегардад. Соли 2011 Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи афзоиши назарраси шумораи ҳуқуқвайронкуниҳои вобаста ба гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар қаламрави Федератсияи Россия хабар дод. Ин маълумот аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон пешниҳод шудааст. Лекин, дар воситаҳои ахбори омма, аз он ҷумла, ВАО ҳеҷ як иттилоот ё мақолаи таҳлилӣ нисбати ин масъала нашр нагардид. Пас метавон қайд намуд, ки фаъолияти ВАО дар ин самт ғайрифаъол ба ҳисоб меравад.

Дар шароити кунунӣ таъмини аҳолӣ бо иттилоот хеле муҳим аст. Ин махсусан ба сокинони минтақаҳои дурдасти кишвар дахл дорад, ки барои онҳо

дастрасӣ ба рӯзномаҳо ва маҷаллаҳо маҳдуд аст. Тадқиқот нишон медиҳад, ки кори "Почтаи тоҷик" на ҳамеша дар пешниҳоди иттилоот ба аҳолӣ самаранок аст. Ин метавонад боиси паст шудани сатҳи огоҳии одамон гардад. Дар чунин шароит, манбаъҳои асосии иттилоот барои одамон каналҳои алтернативӣ мебошанд, ки метавонанд ба дарк ва рафтори одамон таъсири манфӣ расонанд.

Вақтҳои охир дар воситаҳои ахбори омма, инчунин дар баъзе платформаҳои мустақил дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла нашрияҳои чопӣ ва шабакаҳои мустақили иттилоотӣ, паҳншавии фаъоли иттилооти нодуруст мушоҳида мешавад. Инҳо метавонанд мақолаҳо, паёмҳо, шарҳҳо, андешаҳо ва арзёбиҳое бошанд, ки метавонанд ба амнияти иттилоотии давлат таъсири манфӣ расонанд.

Як қатор нашрияҳо бо дастгирии созмон ва ташкилотҳои мухталифи дохилӣ ва хориҷӣ фаъолият менамоянд, ки дар фазои иттилоотии кишвар ахбори нодуруст ва супоришиtermро паҳн менамоянд. Дар аксари ҳолатҳо, нашрияҳое, ки аз давлат ва дигар сохторҳо мустақил нестанд, бар ивази дастгирии манфиатҳои муайян кӯмаки молиявӣ мегиранд. Онҳо, мавқеи нашрияҳои давлатиро маҳдуд менамоянд, ки назар ба ин нашрияҳо рақобатнопазир ба ҳисоб меравонд.

Барои мардуми тоҷик чолишҳо ва таҳдидҳои ҷаҳонӣ, аз қабили терроризм ва экстремизм ошно ҳастанд. Ба ин ҳодисаҳои солҳои 90-уми асри гузашта, ки дар натиҷаи «холигии» геополитикӣ, ки вобаста ба суқути лагери сотсиалистӣ ба вуҷуд омадаанд, мисол шуда метавонанд. Аз байн рафтани Иттифоқи Советӣ боиси дигаргуниҳои бунёдӣ фазои пасошӯравӣ гардид.

Дар натиҷа, масъалаи ҳифзи иттилоот ба миён меояд, ки бо манфиатҳои миллӣ дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ алоқаманд аст. Бе андешидани чораҳо оид ба ҳифзи иттилоот, хатарҳо ва таҳдидҳо ба амнияти миллӣ ҳамеша вуҷуд доранд.

Барои таъмини ҳифзу ҳимояи манфиатҳои миллӣ омилҳои зиёде бояд ба назар гирифта шаванд, аз ҷумла суботи дохилӣ, шукуфоии иқтисодӣ, рушди

маънавии ҷомеа ва эътибори байналмилалии кишвар. Дар бораи манфиатҳои миллӣ нуқтаи назари зиёде мавҷуд аст, аммо онҳо на ҳамеша дар ташаккули тасаввуроти возеҳ дар бораи сиёсати хориҷӣ ва сиёсати амнияти миллӣ кӯмак мекунанд.

Амният як ҷузъи ҷудонашавандаи системаи иҷтимоӣ мебошад, ки дар ягонагӣ, мустақилияти нисбӣ ва суботи он зоҳир мешавад. Амнияти миллӣ ҳадафи асосӣ нест, балки шарти зарурӣ барои таъмини ҳифз ва рушди миллат аст [96, с.105].

Дар алоқаманди бо ин, муносибатҳои мухталифи тадқиқи масъалаҳои амният ҷой дорад. Хислати баҳсноки моҳияти амният нишон медиҳад, ки муносибати оммаии таснифоти масъалаи мазкур мавҷуд нест. Аммо, дар соҳаи сиёсат, амният на танҳо як шарти асосӣ, балки арзиши пурмазмун низ мебошад. Ҳамин тариқ, амният ҷанбаи асосии фаъолияти сиёсӣ ва ҳамкории байни одамон мегардад.

Консепсияи амнияти иттилоотӣ нисбатан нав аст. Ба маънои васеъ, ин таъмини ҳифзи захираҳои иттилоотӣ, ҷараёни маълумот ва дастрасӣ ба иттилоот барои шаҳрвандон, ҳифзи иттилооти ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва давлат мебошад. Ба маънои маҳдудтар, он як унсури амнияти ҳарбӣ мебошад, ки ҳифзи захираҳои иттилоотӣ, пойгоҳи додаҳо ва дониш, инчунин воситаҳои коркард ва нигоҳдории иттилоотро дар соҳаи ҳарбӣ дар бар мегирад. Амнияти иттилоотӣ ҳолатест, ки дар он ҷомеа барои рушди озоди шахс, оила ва давлат шароит фароҳам меорад. Ин шароит имкон медиҳад, ки воқеаҳои таърихӣ объективӣ арзёбӣ карда шаванд [181, с.119].

Ҳамин тариқ, дар таъмини амнияти давлатӣ, танзим намудани паҳни иттилоот амали зарурӣ ба ҳисоб меравад. Қайд намудан зарур аст, ки созмонҳои террористиву экстремистӣ, тариқи нашрияҳои мухталиф ақидаҳои худро паҳн менамоянд. Созмонҳои зиёди радикалӣ ва эктремистӣ, ки дар қаламрави Осиёи Марказӣ фаъолият доранд, аз нашрияҳои мухталифи муосир васеъ истифода менамоянд.

Таҳқиқот ва пажӯҳишҳо нишон медиҳанд, ки дар айни замон нашрияҳои чопӣ, ки вазифаҳои таълимӣ ва тарбиявиро иҷро мекунанд, на ҳамеша метавонанд ба ташаккули дастгирии идеалҳои муҳимми ҷамъиятӣ, аз ҷумла муҳаббат ба Ватан ва ҳисси масъулияти шаҳрвандӣ мусоидат кунанд. Воситаҳои ахбори омма, аз ҷумла расонаҳои хориҷӣ, на ҳамеша қодиранд манфиатҳои кишварро дар фазои иттилоотӣ самаранок ҳимоя кунанд. Нашрияҳои ғайридавлатӣ аксар вақт бо беэътибор кардани сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат машғуланд. Маводҳои ба ин кишвар бахшидашуда дар матбуоти хориҷӣ асосан манфӣ мебошанд [77].

Вақтҳои охир созмонҳои ҷамъиятӣ ва расонаҳои хабарӣ, аз ҷумла нашрияҳои даврӣ ва оҷонсиҳои иттилоотии мустақил, хабарҳо ва мақолаҳои ҷанҷолӣ, фармоишӣ, интиқодӣ, яктарафа, ғаразнок ва иғвоангезро, ки дорои маълумоти нодуруст мебошанд ва метавонанд ба амнияти иттилоотӣ таҳдид кунанд, фаъолона паҳн мекунанд. Дар ивази кӯмаки молиявӣ, расонаҳои хабарии мустақил аксар вақт ба манфиати дигар давлатҳо, гурӯҳҳо, ташкилотҳо ва шахсони алоҳида амал мекунанд. Онҳо васоити ахбори оммаро, ки бо онҳо рақобат карда наметавонанд, дар ҳолати ногувор мегузоранд ва баъзан ҳатто онҳоро ба дудилагӣ, нофаъолӣ ва ҳатто ноуҳдаборӣ айбдор мекунанд. Ҷанбаи дигаре, ки тавассути васоити ахбори омма ба тафаккур ва ҷаҳонбинии одамон фаъолона таъсир мерасонад, фурӯш ва паҳн кардани адабиётест, ки ғояҳои фундаментализми диниро тарғиб мекунад [89].

Расонаҳои хабарӣ дар ташкили низоми нави сиёсӣ, сохтори идоракунии ҷомеа нақши муҳим доранд ва дар раванди ин тағирот ҳамчун як миёнарав баромад менамоянд. Расонаҳои хабарӣ дар сохтори ҷомеаи муосир мавқеи махсусро ишғол намуда, як навъ тарҷумони воқеаҳои дар кишвар ва ҷаҳон рӯйдода мебошанд. Ин омил ҷузъи ҷудонашавандаи ҳаёти сиёсии кишвар мебошад. Дар соҳаи сиёсат, ба монанди дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, воситаҳое мавҷуданд, ки ба мубодилаи иттилоот ва нигоҳ доштани тамос байни иштирокчиёни раванди сиёсию иҷтимоӣ мусоидат мекунанд.

Расонаҳои хабарӣ субъекти фаъоли ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсӣ буда воқеан ба яке аз воситаҳои асосии таъсирасонандаи равандҳои сиёсӣ  ва захираи пурқудрати таъсири ҷамъиятӣ мебошанд. Ҳаёти иҷтимоии муосирро бидуни матбуот, интернет, радио ва телевизион тасаввур кардан ғайриимкон аст. Бо эътимоди қобили мулоҳиза гуфтан мумкин аст, ки матбуот дар дигаргуниҳои азиме, ки ҳоло дар тамоми ҷаҳон, аз ҷумла дар мамлакати мо ба амал омада истодаанд, нақши муҳим доранд. Гузашта аз ин, ҳатто гуфтан мумкин аст, ки дар мубориза бар зидди оқибатҳои манфии  тағиротҳои нави геополитикӣ, таҳдидҳои терроризми байналмилалӣ, экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, гурӯҳҳои фаромиллӣ, терроризми киберӣ, ВАО ҷойгоҳи пешбаранда дорад.

Матбуот имкониятҳои бениҳоят калон доранд, ки ба афкори ҷамъиятӣ таъсир расонанд. Вобаста аз он, ки ВАО ба кӣ таълуқ доранд,  метавонанд ҳам барои огоҳии воқеъбинона ва сареъи мардум аз рӯйдодҳои воқеии кишвар ва ҷаҳон, таҳсил ва тарбияи онҳо ва ҳамкорӣ бо манфиатҳои гурӯҳҳои алоҳида истифода шаванд.

Омӯзиши қобилияти расонаӣ ба аудитория аз солҳои 20-ум оғоз ёфт. Аввалин таълимоти назариявӣ асари сотсиолог ва рӯзноманигори америкоӣ В.Липпман «Андешаи ҷамъиятӣ» буд, ки дар он ғояи қудрати воситаҳои ахбори омма таҳқиқ карда шуд.

Асосгузори таҳқиқот оид ба ҷойгоҳи ВАО дар равандщои иҷтимоӣ ва сиёсӣ П.Лазарсфелд мебошад, ки нақши ВАО-ро дар раванди интихобот ва таъсири онҳоро ба рафтори интихоботӣ дар солҳои 30-40-уми асри XX омӯхтааст. Пас аз он ВАО қувваи азиме ҳисобида мешуд, ки зеҳни шунавандагонро таҳрик мекард, ки онро ҳамчун қабулкунандаи ғайрифаъоли паёмҳо тавсиф мекарданд.

Ба ғайр аз таъсири мусбӣ расонидан ба рафтори ҷамъиятӣ ва шуури сиёсии мардум, вазифаи муҳимми ВАО ҳифзи арзишҳои давлатию миллӣ, тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон ва пешгирии хатарҳои нави замони мо мебошад. Васоити ахбори омма, ки манбаъҳои мустақим ва роҳнамои дониш

ва маълумоти сиёсӣ мебошанд, дорои воситаҳо ва потенсиали гуногуни таъсир мебошанд, ки бо хусусиятҳои дарки онҳо муайян карда мешаванд. Бо шарофати онҳо мавҷудият ва паҳншавии ғояҳои демократӣ имконпазир мегардад. Тоҷикистони соҳибистиқлол дар роҳи расидан ба ҷомеаи демократӣ ба мушкилоти зиёде дучор омад, ки ҳалли онҳо муносибати нави расонаҳоро талаб мекард.

Афзудани нақши васоити ахбори омма, интернет, радио ва телевизион дар ҳаёти ҷамъиятии кишвар аз рушди босуръат, паҳншаванда ва дастрасии онҳо шаҳодат медиҳад. Калимаҳои чопшуда ва гуфторӣ, Интернет ва тасвирҳои телевизионӣ қодиранд, ки дар муддати кӯтоҳтарин ба минтақаҳои дурдасттарин ворид шаванд ва ба ҳама муҳити иҷтимоӣ таъсир расонанд. Дарк ва тафсири муҳимтарин падидаҳо ва ҳодисаҳое, ки дар кишвар ва дар маҷмӯъ дар ҷаҳон рух медиҳанд, тавассути ВАО ва  бо кумаки онҳо сурат мегирад. Баробари васеъ шудани имкониятҳои техникӣ нақши онҳо меафзояд. Ва аз ҷиҳати таъсири эҳсосотӣ ба ҳиссиёт ва шуури одамон, онҳо то ҳол беҳамто боқӣ мондаанд ва аудиторияи калонтаринро ҷамъ меоранд.

Имрӯзҳо телевизион дар байни васоити ахбори омма мавқеи ҳукмронро ишғол мекунад. Агар дар охири солҳои 70-ум ва аввали солҳои 80-ум телевизион боҳашамат ҳисобида мешуд, имрӯз телевизион як қисми ҳаёти ҳаррӯзаи тақрибан ҳар як оила шудааст. Рақобат бо матбуот бо пайдоиши технологияҳои нав дар телевизион вобаста аст.

Таҳлили сохтор ва мазмуни аксари васоити ахбори омма нишон медиҳад, ки тасаввурот дар бораи вазъи воқеии сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон дар фазои иттилоотии ҷаҳонӣ ба воқеият мувофиқат намекунад. Аксари нашрияҳо одатан маводҳои хурд мебошанд ва мушкилоти маҳаллиро равшан мекунанд ва нисбат ба ҷумҳурӣ хусусияти манфӣ доранд.

Дар натиҷаи кӯшиши бунёди тасаввуроти оммаӣ оид ба Тоҷикистон, ки аз мавқеи мушоҳидагари беруна амалӣ мегардад, маҷмӯи колабҳои манфӣ бо диққати асосӣ ба баъзе аз онҳо ташаккул меёбад. Ин тасвири манфӣ аз ҷониби шахсони алоҳида ва гурӯҳҳое, ки ба ин манфиатдоранд, қасдан, мақсаднок ва

самаранок сохта мешавад. Барои амалӣ намудани сиёсати бомуваффақи давлатии иттилоотӣ ва бунёди симои мусбати Тоҷикистон бунёди низоми иттилоотӣ зарур аст, ки барои ташаккул ва тасдиқи образи мусбии Тоҷикистон дар фазои матбуоти русзабон ва англисзабон мусоидат намояд. Чунин низоми иттилоотӣ бояд дорои маркази ягонаи ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ бошад [123, с.5].

Дар ташаккули симои давлат дар арсаи байналхалқӣ ВАО мақоми муайян дорад. Аз ин рӯ, кӯшиш намудан зарур аст, ки дар матбуоти ватанӣ маводҳое, ки боиси паст гардидани обрӯ ва эътибори давлат мешаванд, нашр нагарданд. Зеро чоп гардидани маводҳои нодуруст, метавонад, ки ҳам ба амнияти миллӣ ва ҳам ба паст гардидани обрӯ ва эътибори давлат дар арсаи байналхалқӣ мусоидат намояд.

Ба ақидаи баъзеҳо, баста шудани баъзе рӯзномаҳо бо сензураи давлатӣ вобаста аст. Ин дар ҳақиқат чунин аст: мақомоти давлатӣ кори нашрияҳои davriro назорат мекунанд. Албатта, агар васоити ахбори омма манфиатҳои миллӣ ва давлатиро ба назар нагиранд, пас паҳн кардани иттилооти нодуруст ва экстремистӣ андешидани чораҳоро талаб мекунад.

Озодии сухат ва матбуот пайдо мешавад, ки қонунан кафолат дода шудааст ва ба таври мунтазам ба манфиати на танҳо ҷомеа, гурӯҳҳо ва қишрҳои мухталифи ҷомеа ва давлат, балки ҳизбҳо ва ширкатҳои муайян, ҳатто самтҳои зиддиҷамъиятӣ, ба монанди ҷинояткорӣ ва нерӯҳои зиддиконститутсионӣ истифода карда мешавад.

Мутобиқи моддаи шашуми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма” роҳ надодан ба суиистифода аз озодии сухан чунин муайян гардидааст: «Интишори маълумоти дорои сирри давлатӣ ё ахбори дигари бо қонун ҳифзшаванда, ахборе, ки барои бо зӯрӣ сарнагун сохтан ё тағйир додани сохти конститутсионӣ, ба содир намудани ҷиноят, барангехтани кинаю адовати нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ, динӣ, забонӣ, ташвиқоти ҷанг, зулму зӯроварӣ, фаъолияти террористӣ ва экстремистӣ, халалдор кардани тамомияти арзӣ ва мустақилияти давлат

даъват мекунад, инчунин мавод ё предметҳои порнографиро таблиғ ва ташвиқ мекунад, манъ аст. Воситаҳои ахбори омма барои объективӣ будан ва саҳеҳии ахбори аз ҷониби онҳо паҳншаванда ҷавобгаранд» [12].

Мутобиқан, дар ҳолате ки оид ба манфиатҳои миллии ҷомеа ва амнияти он сухан меравад, озодии сухан ва матбуот бояд ҷанбаи истисноӣ дошта бошад. Ин истисноҳо аз усули озодии сухан ва матбуот дар қонунгузорӣ низ қайд карда шудаанд. Самти харатнок, ки дар солҳои охир ба мушоҳида мерасад, ин дастгирӣ ёфтани ғояҳои террористӣ ва экстремистӣ аз тарафи коршинос-таҳлилгар дар саҳифаҳои ВАО мебошад.

Дар аксарияти ҳолатҳо на оид ба интихоби байни озодии матбуот ва ҳукумат, балки озодии сухан ва давлат сухан меравад. Дар ҳолате, ки рӯзноманигор дағалона ва ба таври мунтазам манфиатҳои миллиро поймол менамояд, зарурати маҳдуд намудани озодии ВАО ба миён меояд. Дар воқеияти имрӯза, ки қариб сензура вуҷуд надорад, ҳар як рӯзноманигорро зарур аст, ки фаъолияти худро дар асоси меъёрҳои ахлоқии оммаиинсонӣ назорат намояд.

Дар шароити имрӯза баъзе воситаҳои ахбори омма ва рӯзноманигорони алоҳида дар асоси майлу рағбати худ ва зери таъсири омилҳои беруна фитнаангезиро пеша намудаанд. Чунин рӯзноманигорон метавонанд ҳам дар ҳудуди ҷумҳурӣ ва ҳам берун аз он фаъолият дошта бошанд. Онҳо танқидро ба тарзи хоси худ истифода бурда аз нашри овозаҳо, ғайбатҳо ва аксар вақт ошкоро мақолаҳои иғвоангези сиёсӣ истифода менамоянд.

ВАО аксар вақт барои ақидаҳои сиёсии хонандагони худ бо роҳҳои ғайриқонунӣ ва ғайриахлоқӣ мубориза мебарад. Агар дар ҷомеа камбудиҳо мавҷуд бошанд, пас матбуот метавонад ва бояд ба онҳо дар шакли таҳқиқоти босифати журналистӣ ва таҳлили созанда диққат диҳад. Дар навбати худ, ҳама гуна ихтилофот дар ВАО бояд дар соҳаи ҳуқуқӣ ҳалли худро ёбанд, ягона чораи ВАО қонунгузорӣ мебошад. Қайд намудан зарур аст, ки ВАО барои пешрафти давлати демократӣ ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ нақши бузург дорад.

Мақомоти Тоҷикистон ба расонаҳо иродаи оқилона ва тақрибан номаҳдуди озодӣ доданд. Аммо баъзе рӯзноманигорон ин паёмро танҳо ба манфиати худ фаҳмиданд. Вақте ки тибқи қонунгузорӣ, бо мақсади таъмини иттилоот ва амнияти давлатӣ, низоми нашрия то андозае шадидтар шуд, аксарияти онҳо тарки кишвар намуда, нисбати ватани худ паҳн кардани тӯҳматро идома доданд. Ҳамзамон, васоити ахбори оммаи миллӣ, сарфи назар аз мақом, мансубият (давлатӣ, хусусӣ, озод ё мустақил) ва муносибат бо мақомот (ҳамбастагӣ, вафодор, мухолиф) бояд ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва амнияти давлатӣ, хизмат ба мардумро пеша намоянд.

Барои дарк намудани ҳолати ВАО зарур мешуморем, ки мақолаи «Кӣ ва барои чӣ ба нафаси дуюми созмонҳои ғайриҳукукматӣ мусоидат менамояд» – ро баррасӣ намоем, ки Агентии иттилоотии «Авесто» чоп гардидааст. Дар мақола қайд карда мешавад, ки: «Дар баробари созмонҳои миллии шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ва дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ чунин ташкилоҳои ғайриҳукуматӣ ва фондҳои мухталиф ҳанӯз ҳам фаъол ҳастанд ва манфиатҳои нерӯҳои беруна, ки вазифаҳои мустаҳкам намудани мавқеъҳои стратегии худро дар минтақа, дастрасии бемамоният ба ашёи хоми онро дар ин минтақаро иҷро менамоянд» [52, с.79].

Муаллифи мақола нишон медиҳад, ки «онҳо нишонаҳои хайрияҳо ва муассисаҳои таълимиро бетараф пинҳон мекунанд ва ба қонунгузории ҷумҳурӣ комилан содиқанд», ки ин, чун қоида, ба кӯмаки молиявии пурра ва хеле саховатманди кишварҳои ғарбӣ, пеш аз ҳама Америка, Германия, Британияи Кабир фаъолияти худро пеш мебаранд.

Аз ин рӯ, чунин созмонҳое, ки аз донорҳои ғарбӣ дастгирӣ мегиранд, аслан ҳамчун воситаи паҳн ва ҷорӣ намудани "стандартҳои демократӣ ва иҷтимоию ҳуқуқӣ" дар минтақа хизмат мекунанд, ки ба манфиатҳои миллӣ, анъанаҳои таърихӣ ва афзалиятҳои иқтисодии ҳамаи кишварҳои Осиёи Марказӣ, бахусус Тоҷикистон комилан мухолифанд.

Ба гуфтаи муаллифи мақола, фаъолияти чунин созмонҳои ғайриҳукуматӣ ниятҳои қувваҳои хориҷиро инъикос мекунанд ва «ба несту

нобуд кардани робитаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, маънавӣ ва равонии Тоҷикистон бо шарикон ва иттифоқчиёни ИДМ, пеш аз ҳама бо Россия, равона гардидаанд.

Ҳадафи маълуми америкоиҳо ташаккули фишор ба ҳукумати кунунӣ дар Тоҷикистон аст. « Дар байни чунин нерӯҳои хориҷӣ муаллиф чунин сохторҳои байналмилалии ғайридавлатиро ба монанди USAID ва Бунёди Соросро қайд мекунад. Дар байни созмонҳои маҳаллӣ мақолаи мазкур як қисми Маркази иттилоотию маърифатии Америка, ки дар вилояти Суғд аз соли 2007 инҷониб фаъолият мекунад, инчунин шуъбаҳои Институти миллии Америка оид ба демократия, ки дар Душанбе, вилоятҳои Хатлон ва Суғд фаъолият мекунанд, дар бар мегирад. Муаллиф фаъолияти чунин созмонҳоро ёдовар шуда, «инқилоби ранга» -ро дар Украина ҳамчун намуна ёдрас мекунад ва ба ҳушёрӣ нисбати чунин «ташкилотҳои ғайридавлатии ғарбӣ» даъват мекунад [245].

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма роҳу воситаҳои ҳимоя намудани манфиатҳои миллии кишварро дар доираи ҳуқуқ пешбинӣ менамояд. Барои мисол, моддаи 11 Қонуни мазкур шароити боз доштани фаъолияти воситаҳои ахбори оммаро ба таври зерин муайян менамояд: «Ҳангоми ошкор намудани ҳолатҳои аз тарафи воситаҳои ахбори омма содир шудани амалҳое, ки ба мақсадҳои оинномавиашон мухолифат мекунанд, мақоми ваколатдори баҳисобгирии давлатии воситаҳои ахбори омма ба муассиси (муассисони) ё редаксияи ин воситаҳои ахбори омма огоҳиномаи хаттӣ мефиристад ва мӯҳлати бартараф кардани онҳоро муқаррар менамояд. Дар сурати аз ҷониби воситаҳои ахборм омма риоя иагардидани муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё прокурорҳои тобеи ӯ ба муассиси (муассисони) ё редаксияи воситаҳои ахбори омма дар бораи бартараф намудани қонунвайронкуниҳо амри хаттӣ фиристода, мӯҳлати бартараф намудани онҳоро муқаррар менамояд. Агар дар мӯҳлати муқарраршуда қонунвайронкуниҳое, ки асоси баровардани амри хаттӣ ё

огоҳиномаи хаттӣ гаштаанд, бартараф карда нашаванд, Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё прокурорҳои тобеи ӯ ва ё мақоми ваколатдори баҳисобгирии давлатии воситаҳои ахбори омма метавонанд ба суд бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси боздоштани фаъолияти воситаҳои ахбори омма муроҷиат намоянд» [12].

Тартиби боз доштани фаъолияти воситаҳои ахбори оммаро дар давраи вазъияти фавқулода низ қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамоянд. Тибқи банди дувуми моддаи 11 фаъолияти воситаҳои ахбори омма бо асосҳои зерин қатъ мегардад: «Бо қарори муассис; бо сабаби азнавташкилдиҳии (муттаҳид, ҳамроҳ, тақсим, табдил додан) воситаҳои ахбори омма; бо ҳалномаи суд. Инчунин фаъолияти воситаҳои ахбори омма, сарфи назар аз мавҷудияти баҳисобгирии давлатӣ бо ҳалномаи суд қатъ карда мешавад. Воситаи ахбори оммаи фаъолияташ қатъкардашуда бо номи дигар сабт шуда наметавонад» [12].

Ҳамин тариқ, ВАО-ро дар таъмини амният ва манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намуда ба чунин хулосаҳо расидем:

- яке аз воситаҳои нисбатан воқеӣ ва самараноки бунёди симо ва таъминоти он васоити ахбори омма ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, воситаҳои ахбори омма дар ҷомеа нақши муҳим мебозанд ва ҳамчун воситаи ташаккули сиёсати иттилоотӣ ва беҳтар намудани симои кишвар баромад мекунанд;

- таҳлили сохтор ва мундариҷаи аксари расонаҳо нишон медиҳад, ки тасаввурот дар бораи вазъи воқеии сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон дар фазои иттилоотии ҷаҳонӣ пурра ва объективӣ нест;

- баъзе маводҳо ё хабарҳои иттилоотии нопурра, дар ин ё он шакл масъалаҳои иғвоангезро баррасӣ намуда, ба манфиатҳои миллии давлат таъсири манфӣ мерасонанд;

- ояндаи фаъолияти ниҳодҳои ВАО маҳз аз ҳимояи манфиатҳои миллӣ, аз роҳ надодани паҳни ғояҳои иртиҷоӣ дар саҳифаҳои худ вобаста аст. Дар ин самт масъалаи озодии сухан ва матбуот пайдо мешавад, ки қонунан кафолат дода шудааст ва ба таври мунтазам ба манфиати на танҳо ҷомеа, гурӯҳҳо ва

қишрҳои мухталифи ҷомеа ва давлат, балки ҳизбҳо ва ширкатҳои муайян, ҳатто самтҳои зиддиҷамъиятӣ, ба монанди ҷинояткорӣ ва нерӯҳои зиддиконститутсионӣ истифода карда мешавад;

- мутобиқан, озодии сухан ва матбуот бояд ҷанбаи истисноӣ дошта бошад, бахусус дар ҳолате, ки перомуни манфиатҳои миллии ҷомеа ва амнияти он сухан меравад. Ин истисноҳо аз усули озодии сухан ва матбуот дар қонунгузорӣ низ манша мегирад.

Хулоса дар раванди инкишофи иҷтимоию сиёсии ҷомеа воситаҳои ахбори омма нақши барҷаста дорад. Пешрафти тафаккури ҷамъиятиро бидуни иштироки фаъоли онҳо тасаввур кардан ғайриимкон аст. Танҳо тавассути онҳо шумо метавонед дар бораи фаъолияти институтҳои ҷамъиятӣ маълумот гиред, таҳлил кунед ва паҳн кунед. Дар замони муосир, ки ҷомеа босуръат рушд мекунад, васоити ахбори омма ба яке аз воситаҳои калидӣ табдил ёфтааст, ки барои амалӣ кардани ғояҳо ва орзуҳои одамон кӯмак мекунад.

Дар ҷаҳони муосир, ки дар он ҷо дар ҷомеа тағйироти назаррас ба амал меояд ва технологияҳои нави иттилоотӣ фаъолона ҷорӣ карда мешаванд, дар ин соҳа рушду инкишофи бесобиқа ба назар мерасад. Ин махсусан дар соҳаи рушди иҷтимоӣ ва сиёсии ҷомеа ба назар мерасад, зеро ин соҳаҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ калидӣ мебошанд ва тамоми ҷанбаҳои фаъолияти ҷомеа, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва ғайраро фаро мегиранд. Бояд қайд кард, ки ҷомеа низ арсаи бархӯрди манфиатҳо мебошад. Бешубҳа, маҳз ҳамин хусусияти соҳаи иҷтимоӣ аҳамияти васоити ахбори оммаро баланд бардошта, онҳоро ба қувваи мустақил ва воситаи муҳимми эҷодкорӣ табдил дод.

Ҷузъи эҷодии ВАО дар он зоҳир мешавад, ки онҳо ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеаро муттаҳид мекунанд ва онҳоро дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ менамоянд. Ғайр аз ин, онҳо дорои потенсиали назаррас барои нақши калидӣ дар ташаккули аъзоёни ҳамаҷониба рушдёфта ва фаъоли ҷомеа мебошанд. Ҳамзамон, онҳо инчунин ба тарбияи ҳар як шахс дар рӯҳияи ватандӯстӣ, эҳтиром ба фарҳанги миллӣ ва меҳнатдӯстӣ мусоидат мекунанд. Дар ин самт аҳамият, арзиш ва сифати иттилооте, ки васоити ахбори омма

пешниҳод мекунанд, махсусан муҳим мегардад. Бояд қайд кард, ки маҳз ин хусусияти воситаҳои ахбори омма дар системаи сиёсии ҷомеа аз ҷониби сотсиологи амрикоӣ Д.Истон ҳамчун "элементи дастгирӣ" баррасӣ карда мешавад.

Расонаҳои хабарӣ метавонад ба ташаккул ва рушди ҷомеаи иттилоотӣ таъсири назаррас расонад. Дараҷаи ин таъсир аз рӯйи мундариҷа ва сифати маълумоти пешниҳодшуда муайян карда мешавад. Агар васоити ахбори омма ҳадафҳои сиёсии шахсони алоҳида ё гурӯҳҳоро ба таври ғаразнок нишон диҳанд, он метавонад боиси ҳисси кудурат ва нафрат дар шахсони алоҳида ва дар маҷмӯъ дар ҷомеа гардад. Ин падида, ба ақидаи Д.Истон, дар мундариҷаи "талабот" ифода меёбад. Ба андешаи ӯ: «Системаи иҷтимоӣ ва сиесии ҷомеаро суст мекунад. Бояд қайд кард, ки ин равиш метавонад ҳамчун зуҳуроти душманӣ нисбат ба манфиатҳои миллӣ ва давлатӣ баррасӣ карда шавад» [15, с.236].

Имрӯзҳо васоити ахбори омма, ки воситаи пурқуввати таъсиррасонӣ ба афкори ҷамъиятӣ гардидаанд, маълумоти гуногунро дар байни мардум фаъолона паҳн мекунанд. Дар хотир доштан муҳим аст, ки фаъолияти расонаҳои хабарӣ бо чаҳорчӯбаи муайян маҳдуд намешавад, онҳо ба ҳама одамон хизмат мекунанд. Ин истилоҳ ба усулҳои гуногуни интиқоли хабарҳо тавассути нашрияҳои чопӣ, радио, телевизион, захираҳои интернетӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ ва ғайра дахл дорад. Ин усулҳо ҷузъҳои васоити ахбори омма мебошанд.

Дар солҳои охир васоити ахбори омма пешрафти назаррасро аз сар мегузаронанд. Ин ба рушди босуръати илм, техника ва технология вобаста аст. Ба рушди ВАО махсусан воситаҳои алоқаи инфиродӣ ва паҳнкунии иттилоот, ба монанди системаҳои электронии алоқа, радиои кабелӣ ва телевизион, инчунин алоқаи кайҳонӣ тавассути моҳвораҳои заминӣ ва парвози киштиҳои кайҳонӣ таъсири калон расониданд. Ин ҳама оғози марҳилаи нави фаъолияти ВАО буд.

Воситаҳои ахбори омма дар ташаккули ҷомеа, робитаҳои сиёсӣ ва баланд бардоштани маърифати шаҳрвандон ҷойгоҳи муҳим доранд. Бояд қайд кард, ки сарфи назар аз гуногунии васоити ахбори омма, радио ва телевизион ҳанӯз ҳам манбаъҳои асосии ахбор мебошанд.

Дар ҷаҳони муосир, ки онро бештар иттилоотӣ меноманд ва рушди ҷомеаи иттилоотӣ ба амал омада истодааст, иттилоот накши калидӣ дорад. Он барои қабули қарорҳои дуруст ва идоракунии равандҳо ва падидаҳои гуногун асоси технологию стратегӣ мегузорад. Айни замон расонаҳои хабарӣ ва сомонаҳои расмӣ воситаи муассир барои гирифтани маълумот мебошанд. Онҳо ба одамон имкон медиҳанд, ки маълумоти заруриро барои қабули қарорҳо ва идоракунии равандҳо зуд ва дақиқ ба даст оранд. Ғайр аз ин, онҳо барои ҳалли мушкилот муҳити мусоид фароҳам меорад ва ба ҳадафҳо мусоидат мекунад. Дар кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон ин масъала дар марҳилаи аввал дарк карда шуд ва барои рушди воситаҳои ахбори омма барномаҳои комплексии давлатӣ гузаронида мешаванд.

Хушбахтона, дар ҷаҳони муосир шумораи зиёди рӯзномаҳо ва маҷаллаҳои давлатӣ мавҷуданд, ки дар бораи ҳаёти ҷомеа маълумоти боэътимод медиҳанд. Саҳифаҳои онҳо аксар вақт мақолаҳоеро пайдо мекунанд, ки таҳлили амиқ ва огоҳонаи масъалаҳои гуногунро пешниҳод мекунанд. Аммо дар баъзе нашрияҳои ғайридавлатӣ маводҳое мавҷуданд, ки на ҳамеша бо таҳлил дастгирӣ карда мешаванд ва хусусияти сенсатсионӣ доранд. Дар баъзе кишварҳо, рӯзноманигороне, ки чунин мақолаҳоро нашр кардаанд, ба ҷавобгарӣ кашида шуданд ва маҷбур шуданд, ки ҷаримаҳои калон пардохт кунанд. Мутаассифона, баъзе нашрияҳое, ки аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ маблағгузорӣ мешаванд, метавонанд маводҳоеро нашр кунанд, ки хонандагонро гумроҳ мекунанд.

Бо боварӣ метавон гуфт, ки агар хабарҳои расмӣ ва сиёсӣ, инчунин мақолаҳо дар асоси таҳлили объективӣ, баҳсбарангез ва арзёбии ростқавлона дар ВАО нашр ва пахш карда шаванд, ин эътибор ва нуфузи васоити ахбори оммаро дар ҷомеа ба таври назаррас афзоиш медиҳад. Тибқи таҳқиқоти

сотсиологӣ, имрӯз беш аз 80% сокинони сайера ба ВАО таваҷҷӯҳ зоҳир мекунанд, маълумотро дар бораи ҳаети ҷомеа таҳлил ва паҳн мекунанд ва ба он эътимод доранд. Кори ВАО бо макон, вақт ва хусусиятҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ зич алоқаманд аст.

Дар хотир доштан муҳим аст, ки расонаҳои хабарӣ барои кори худ дар назди ҷомеа масъуланд, зеро онҳо аксар вақт сабаби баҳсу мунозираҳо мешаванд. Аммо, дар баъзе ҳолатҳо, расонаҳои хабарии ғайридавлатӣ дар кишвар ва хориҷа рӯйдодҳоро яктарафа инъикос мекунанд, далелҳоро таҳриф менамоянд ва ҳангомаҳо эҷод мекунанд, ки хилофи стандартҳои байналмилалии журналистика мебошанд. Нақши ВАО дар ташаккули ҷомеаи мутамаддин аз қобилияти онҳо барои инъикоси воқеаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ ба таври объективӣ ва дақиқ муайян карда мешавад.

Дар ин замина, ҳамкории намояндагони расонаҳои хабарӣ бо сохторҳои гуногуни давлатӣ ҳамчун омили ҳавасмандкунанда баромад мекунад. Яке аз усулҳои асосии таҳкими робитаҳои байниҳамдигарии расонаҳои хабарӣ ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ ин баргузории нишастҳои матбуотӣ мебошад. Онҳо ба рӯзноманигорон имкон медиҳанд, ки аз масъулин дар бораи кори соҳаҳои гуногун маълумоти бештар гиранд. Дар айни замон дар аксари вазорату кумитаҳо, муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва маъмурияти маҳаллӣ марказҳои матбуотӣ мавҷуданд. Онҳо дар пешниҳоди маълумот ба аҳолӣ дар бораи фаъолияти ин ташкилотҳо нақши муҳим доранд.

# ХУЛОСА

Дар натиҷаи таҳқиқоти нақши ВАО дар равандҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон мо ба хулосаҳои зерин расидем:

- нашри мавзӯҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ дар маҷмӯъ ба ташаккули афкори ҷамъиятӣ дар ҷумҳурӣ бевосита таъсир мерасонанд. Таҳлили миқдорӣ ва таҳлили мундариҷавии маводҳои рӯзномаву маҷаллаҳо дар оғози солҳои 90-ум нишон медиҳад, ки маводҳо оид ба фаъолияти дастгоҳи ҳизбиву давлатӣ, бозсозӣ ва демократикунонии ҳаёти ҷамъиятӣ, масъалаҳои мухталифи иҷтимоиву иқтисодӣ ба ташаккули афкори ҷамъиятӣ таъсири бузург доранд;

- аз тарафи кормандони рӯзномаву маҷаллаҳо ба мақсади ташаккули афкори ҷамъиятӣ методҳои мухталиф истифода карда мешуд. Яке аз чунин усулҳо интихоби маводи нашршаванда буд. Маводҳое, ки дар ҳар як шумораи рӯзнома оид ба бозсозӣ, фаъолияти ҳизбӣ, масъалаҳои мухталифи иҷтимоӣ-иқтисодӣ чоп карда мешуданд, дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ нақши муҳим доштанд. Ҳар як рӯзнома дар пешниҳоди мавод кӯшиш менамуд, ки тамоми жанрҳои рӯзномавӣ: иттилоот, мусоҳиба, ҳисобот, хабарнигорӣ, мақола, очеркро мавриди истифода қарор диҳад; **[1-М]**

- воситаи дигари ташаккули афкори омма нашри пурсишҳои сотсиологӣ, анкетаҳо, ақидаи хонандагон нисбати масъалаҳои мухталиф мебошад. Таҳлили нашрияҳо имконият медиҳад, ки мавзӯҳои асосии пурсишномаҳо муайян карда мешавад. Дар ин самт метавон масъалаҳои мухталифи бозсозӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, интихобот ва ғайраҳоро ҷудо намуд;

- дар шароити муосири Тоҷикистон, ки давраи мураккаб ва пурихтилофро паси сар менамояд, мавҷудият ва фаъолияти ВАО аҳамияти бузургро касб намудааст. Дар тамоми ҳодисаву воқеаҳои сиёсӣ иштирок намуда, ВАО бевосита манфиатҳои сиёсӣ ва ақидаи одамонро инъикос менамоянд, ба рафтори онҳо таъсир мерасонанд ва шаклҳои иштирок дар сиёсатро ташаккул медиҳанд; **[4-М]**

- маҷаллаҳо, рӯзномаҳо, адабиёти илмӣ-оммавӣ воситаҳои асосии нигоҳ доштан ва аз нас ба насл додани тамоми дастовардҳои илм ва фарҳанг ба ҳисоб

мераванд. Барои одамони синусоли гуногун рӯзнома ва маҷаллаҳо ҳамчун сарчашмаи дониш хизмат менамоянд, бо донистан ва баҳогузорӣ намудани ҳаёт, дарки қонунҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ ва падидаҳои табии кӯмак менамоянд. Нақши ВАО дар ташаккули ғояҳои иҷтимоӣ ва маънавии инсон, дар азхудкунии меъёрҳои рафтори ҷамъиятӣ бузург аст; **[2-М]**

- зернизоми иттилоотиву коммуникативӣ алоқаи байни ниҳодҳои низоми сиёсиро ба роҳ мемонад ва инчунин хусусияти ҳамкориҳои байни давлат ва воситаҳои ахбори оммаро муайян менамояд. Ба унсурҳои ин зернизом метавон воситаи пешниҳоди иттилоот ба мақомоти ҳокимият, инчунин воситаҳои ахбори омма, ки телевизион, радио, рӯзномаву маҷаллаҳо, шабакаи интернет дар назар дошта шудааст ва ба оммаи васеи мардум пешбинӣ шудааст, ворид намуд. Аҳамияти ин зернизом бузург аст, зеро ҷомеа метавонад амалҳо, аз он ҷумла амалҳои сиёсиро танҳо дар ҳолати мавҷуд будани ҳаҷми муайяни дониш ва иттилоот баҳогузорӣ намояд;

- мавҷудияти мақсад ва методҳо, сохтор ва иштирокчиёни мухталифи равандҳои сиёсӣ, инчунин дигар нишондиҳандаҳои ҳалли вазифаҳои мушаххас дар соҳаи ҳокимияти давлатӣ сохтори мураккаб ва бисёрсоҳавии ивазнамоии иттилоотиву коммуникатсиониро байни одамонро ба миён меорад. Дар асоси ҳар як раванди иттилооти сохтори муайяни коммуникативӣ ҷой дорад, ки таҳлили он имконият медиҳад ҷанбаҳои усулӣ, ки хоси ҳар як низом ва раванди ивазнамоии иттилоот аст, ҷудо карда шавад;**[3-М]**

- вазифаи иттилоотӣ яке аз вазифаҳои муҳими воситаҳои ахбори омма ба ҳисоб меравад. Он аз бадасторӣ ва паҳни иттилоот ва ахбор оид ба ҳодисаву падидаҳои нисбатан муҳим барои шаҳрвандон ва мақомоти ҳокимият иборат аст. Иттилооте, ки ба даст оварда мешавад, на танҳо бо таҷассуми беғаразона ва аксии ин ё он далел паҳн карда мешавад, балки бо шарҳу эзоҳ ва баҳогузории шореҳ ҳамроӣ карда мешавад. Қайд намудан зарур аст, ки дар ВАО нисбат ба дигар институтҳои воситаҳои ахбори омма, ин ё он ҳодиса ё падида ба таври амиқ, саҳеҳ ва пурра шарҳ дода мешавад. Дар телевизион ва радио бошад, паҳни иттилоот асосан хусусияти лаҳзагӣ дорад; **[4-М]**

- вазифаи таълимӣ дар расонидани донишҳо ба шаҳрвадон, ки ба баҳогузори ва танзими иттилооти бадастомада аз воситаҳои ахбори омма ва дигар сарчашмаҳо мусоидат менамояд, зоҳир мегардад. ВАО инсонро дар давоми тамоми ҳаёти ӯ ҳамроҳӣ намуда, аз бисёр ҷиҳат дар қабули иттилооти сиёсӣ ва иҷтимоӣ таъсири назаррас мерасонад. Дар чунин ҳолат дар шакли донишҳои сиёсӣ имконияти ташаккули сохторҳои бардуруғи шуур ба миён меояд, ки воқеиятро дар қабул намудан таҳриф менамояд;

- ВАО новобаста аз шакли ташкилнамоӣ манфиати ҷомеа, гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ, шахсони алоҳидаро ифода менамояд. Фаъолияти онҳо натиҷаи муҳими сиёсӣ - ҷамъиятӣ дорад, зеро характери иттлоот, ки ба хонандагон равона карда мешавад, муносибати онҳоро ба воқеият ва самти амалҳои иҷтимоӣ муайян менамояд. Аз ин хотир, аз рӯи эътирофи аксарияти сиёсатшиносон, ВАО на танҳо иттилоот ва хабарро паҳн менамояд, балки ғоя, нуқтаи назар, таълимот, барномаи сиёсии муайянро ташвиқу тарғиб менамояд ва бо ин васила дар идоракунии сиёсӣ - иҷтимоӣ иштирок менамоянд. Бо роҳи ташаккули афкори ҷамъиятӣ, коркарди муқаррароти муайяни иҷтимоӣ, ташаккули боварӣ, ВАО инсонро ба амалҳои муайян водор менамоянд;

- матбуот моҳиятан ҳар гуна бетарафии сиёсиро инкор менамояд. Таҳлили нишон медиҳад, ки дар саҳифаҳои худ ВАО маводҳоеро паҳн менамоян, ки ҳадафи муайян дошта, дар ҳаёти ҷамъиятиву сиёсии кишвари алоҳида, нерӯи муайянро дастгирӣ намуда, камбудиву хатогиҳои нерӯи дигарро ошкор месозад; **[6-М]**

- ВАО як навъи пешниҳоди маводу далелҳои мухталиф ба ҳисоб меравад, барои иҷроиши як қатор вазифаҳои муҳимми сиёсӣ – ҷамъиятӣ равона карда шудаст. Дар ин самт метавон чунин вазифаҳои ВАО, ба монанди ташаккули афкори омма, таъсири идеологии мақомоти давлатӣ ё нерӯҳои мухолиф, хизматрасонии иттилоотии фаъолияти иқтисодӣ дар соҳаи соҳибкории хусусӣ, ба роҳ мондани муносибати ҷавобӣ дар низоми идоракуниро махсусан қайд намуд;

- ВАО аз оғози пайдоиши худ, вазифаҳои муҳимро иҷро намуда, дар шароити имрӯза низ ҳамчун яке аз институтҳои муҳимми ҷамъиятиву сиёсӣ баромад менамоянд. Дар ҳар давру замон, ки ВАО амал менамуд, масъалаҳои мухталифи ҷамъиятиву сиёсӣ ва роҳҳои минбаъдаи инкишофи кишвар дар саҳифҳои он мавриди баррасӣ қарор дода мешуданд; **[5-М]**

- яке аз масъалаҳои муҳим дар таҳқиқи фаъолияти ВАО - натиҷанокии фаъолияти онҳо ба ҳисоб меравад. Дар баҳогузории фаъолияти ВАО аз тарафи муаллифони гуногун мафҳуми «натиҷанокӣ» мавриди истифода қарор дода шудааст. Натиҷанокӣ ин хусусияти нисбӣ буда, аз мувофиқати нишондиҳандаҳои мухталиф вобаста аст. Дар чунин ҳолат, натиҷанокӣ ҳамеша мушаххас аст, бояд донист, ки оид ба кадом навъи он дар ҳолати алоҳида сухан меравад ё кадом навъи натиҷанокӣ нисбат ба вазъияти мушаххаси таҳқиқотӣ ё амалӣ муҳим аст. **[3-М]**

Натиҷанокӣ ин сатҳи бадастории мақсадҳои рӯзноманигорӣ, ки ба талаботҳои ҷомеа ба иттилооти оммавӣ бо назардошти имкониятҳои воқеии ҳам «истеҳсолкунандагон» ва ҳам «истеъмолкунандагон» мувофик аст, ба ҳисоб меравад;

- нишондиҳандаи муҳими муайян намудани самаранокӣ ва амалнокии фаъолияти ВАО сатҳи қонеъ гардонидани шавқу рағбати сиёсии воқеии субъект ва объекти ҳокимият ба ҳисоб меравад. Лекин, дар шароити имрӯза натиҷаҳои воқеӣ бо таъсири доимии технологияҳои коммуникатсионӣ иваз карда мешаванд, ки ба руйпуш намудани барномаҳои амалинагардида ва шиору ваъдаҳо оварда мерасонад ва одамонро аз сабабҳои воқеии вазъияти душвори онҳо ва мушкилоту проблемаҳои доимӣ дур менамояд.

Миқдори нусхаи нашр метавонад талаботи хонандагонро ба ин сарчашмаи иттилоот таҷассум намояд, лекин он оид ба имконияти ин сарчашма, характер ва самтҳои таъсиррасонӣ ба одамон маълумоте дода наметавонад. Натиҷаҳои таъсири сиёсии ВАО ба одамонро метавон танҳо нисбат ба вазъияти мушаххаси иҷтимоиву сиёсӣ баҳогузорӣ намуд;

- воситаҳои ахбори омма, аз он ҷумла ВАО дар ҷомеа вазъияти муайяни иттилоотиву идеологиро бунёд менамоянд, ки метавонад ба ташаккул ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ мусоидат намояд, ё баръакс ба ин раванд монеа эҷод намояд. Амалҳои мухталифи шаҳрвандиро таҳлил намуда, оид ба мақсад ва натиҷаи фаъолияти оммаиятҳои мухталифи худидоракунӣ нақл намуда, ВАО метавонанд ба ҷомеа дар ташаккули муносибати мусбӣ ба проблемаҳои ҳимоя намудани ҳуқуқҳои худ, ҳифзи манфиатҳои худ, ҳам дар сатҳи шаҳрванди алоҳида ва ҳам дар сатҳи коллективӣ кӯмак намоянд; **[4-М]**

- муддати тӯлонӣ барои тамоми ҷомеа сарчашмаи асосии иттилоот матбуот – рӯзномаву маҷаллаҳо хизмат менамуданд. Дар аввал, аксарияти рӯзномаву маҷаллаҳо ба сифати мақомоти нашриявии ин ё он ҳизби сиёсӣ пайдо шудаанд ё дар шаклҳои мухталиф ба раванди сиёсӣ ҷалб гардидаанд. Ба ҳар сурат, рӯзномаҳо аз оғози пайдоиши худ пинҳон намекарданд, ки бетарафии сиёсиро пеша намекунанд. Онҳо маводҳои шавқовару хурсандибахш ва ахбори маҳаллиро низ пешниҳод намуда, одамонро умедвор мекарданд, ки онҳоро қисми ҷудонопазири ҷомеаи ҷаҳони, ки ба ҳодисаву падидаҳои пайдошуда эътино менамоянд, баррасӣ намоянд; **[1-М]**

- бо паҳн гардидани телевизион интизориҳо бо маҳдуд ва кам гардидани маъракаҳои интихоботӣ, болоравии иттилоотонӣ ва фаъолнокии сиёсии электорат ва қувват гирифтани назорати равандҳои иҷтимоӣ - сиёсӣ алоқаманд карда мешуданд. Лекин ин интизориҳо амалӣ нагардиданд. Баръакси интизориҳо, давомнокӣ ва арзиши маъракаҳои интихоботӣ зиёд гардиданд;

Табиист, ки ин навъҳо бо ҷудошавии пурра аз якдигар вуҷуд надоранд, баръакс, онҳо одатан дар синтез истифода мешаванд, лекин ду воситаи мустақили интиқоли иттилоот – сухан ва расмро истифода менамоянд. Дар асоси мақсад метавон навъбандии зерини тарғиботро пешниҳод намуд. Дар доираи тарғиботи сиёсӣ: тарғиботи интихоботӣ, тарғиботи сохторҳои давлатӣ, тарғиботи ҳудуд, тарғиботи шахсиятҳо, тарғиботи ғояҳо ва ғайра;

- дар давраи шӯравӣ, рӯзномаву маҷаллаҳо асосан давлатӣ буданд ва идеологияи давлатиро таҷассум менамуданд. Чунин таҷассуми фаъолияти мақомотҳои давлатӣ боис мегардид, ки афкори ҷамъиятии муайян ва барои ҳукумату давлат зарурӣ ташаккул ёбад. Дар ин давра, тамоми рӯзномаву маҷаллаҳо оид ба дастовардҳои Ҳизби коммунистии Иттифоқи Шӯравӣ, бартариҳои лагери сотсиалистӣ дар мубориза бо капитализм, танқиди сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлатҳои капиталистӣ маводҳои мухталиф чоп мегардиданд, ки афкори ҷамъиятии барои ҳукумату давлат заруриро ташаккул медоданд; **[5-М]**

- ВАО ҳамон фишанге ба ҳисоб мерафт, ки тариқи он ҳукумати шӯравӣ ба раванди рушди иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсиву фарҳангӣ таъсир мерасонид. Маҳз тариқи ВАО принсипҳои бунёди ҷомеаи сотсиалистӣ, интихоб, ҷобаҷокунӣ ва тарбияи кадрҳо амалӣ карда мешуданд;

- рӯзнома ва маҷаллаҳо ба масъалаҳои калидии рушди иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсиву фарҳангӣ диққат дода, мусобиқаҳои сотсиалистӣ, таҷрибаи пешрафтаи истеҳсолиро таҷассум менамуданд. Ба таври зарурӣ масъалаҳои рушди саноатикунонӣ, истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ аз тарафи рӯзномаву маҷаллаҳои марказӣ ва маҳаллӣ ба роҳ монда шуда буд.

Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки рӯзнома ва маҷаллаҳо бо чоп намудани маводҳои мухталиф оид ба самъалаҳои гуногуни рушди ҷомеа, ба шуур ва рафтори аҳолӣ таъсири ҷиддӣ расонида, онҳоро ба иҷроиши нақшаҳои хоҷагидорӣ сафарбар менамуданд. Дар саҳифаҳои рӯзномаву маҷаллаҳо ба таври мушаххас ҳодисаву падидаҳои мухталиф дар кишвар ва ҷаҳон чоп гардида, ин ҳодисаву падидаҳо, аз нуқтаи назари рушди ҷомеа баҳогузорӣ карда мешаванд. **[6-М]**

Асри XX - ро асри иттилоот ном мебаранд. Имрӯз дастрасӣ ба иттилоот бо истифода аз технологияҳои нави иттилоотиву комуникатсионӣ ба яке аз ҷузъҳои ҷудоинопазири ҳаёти башар табдил ёфтааст. Одамон ба воситаи интернет аз навигариҳои олам фавран огоҳӣ меёбад. Ҳоло қариб 2 миллион нафар сокинони мамлакат аз шабакаи ҷаҳонии интернет истифода мебаранд.

Ғайр аз ин, 6 милион нафар муштариёни алоқаи мобилӣ низ метавонанд ҳар лаҳза ба ин шабака пайваст шаванд.

Дар робита ба ин имрӯз дар илмҳои ҷомеашиносӣ мафҳуми нав - “ҷанги иттилоотӣ” ё “муборизаи иттилоотӣ” хеле маъмул гаштааст, ки дар он хусус ҳанӯз соли 2009 дар Паёми худ Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии мамлакат ибрози назар карда буданд.

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Чи гунае ки мушоҳида мегардад, тӯли ду даҳсолаи охир бо бештар шудани шумораи истифодабарандагони шабакаҳои интернетӣ ва афзоиш ёфтани иқтидори манипулятивии технологияҳои иттилоотӣ таъсири расонаҳои хабарии байналмилалӣ ва хориҷӣ ба равандҳои сиёсию иҷтимоии дохилӣ бештар гардидааст. Ба назар чунин мерасад, ки дар байни расонаҳои хабарии хориҷӣ ва ватанӣ як навъ рақобати шадид ба амал омадааст. Воқеият ин аст, ки ҳар як расонаи кишварҳои хориҷӣ дар доираи ҳадафҳои стратегӣ ва манфиатҳои сарпарастони худ фаъолият мебаранд. Аз ин рӯ, бо мақсади баланд бардоштани иқтидори рақобатпазирии расонаҳои ватанӣ, бахусус расонаҳои давлатӣ роҳу усулҳои пешбурди фаъолияти онҳо бояд тағйир дода шавад.

Дар шароити ба амал омадани ҷангҳои иттилоотӣ ва торафт васеъ шудани миқёси онҳо бояд фаъолияти шуъбаҳои робита бо ҷомеа дар сатҳи баланд ба роҳ монда шавад. Ин навъи фаъолияти иттилоотӣ бояд ба талаботи имрӯза ҷавобгӯ гардонида шаванд. Дар ин замина пешниҳод мегардад, ки кормандони шуъбаҳои робита бо ҷомеа аз ҳама бештар ба масъалаи шарҳу тавзеҳи сиёсати пешгирифтаи давлату ҳукумат, бахусус шарҳи нуктаҳои муҳимтарини сиёсати Сарвари давлат таваҷҷуҳи бештар диҳанд. Дар чунин шакл ба роҳ мондани фаъолияти иттилоотию идеологӣ имкон медиҳад, ки одамон ба моҳияти барномаҳои сиёсии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфаҳм раванд ва онро ҷонибдорӣ кунанд.

